# ОИША
# ПЕШВОИ БОНУВОНИ МӮЪМИН ВА ДӮСТДОШТАТАРИН ҲАМСАРИ ПАЁМБАРИ ПАРВАРДИГОРИ ОЛАМИН

Муаллиф:
***Холид Абусолеҳ***

Аз арабӣ тарҷумаи:
**Муҳаммадиқболи Садриддин**

Душанбе - 2008
Матбааи “Суннатулло”

ББК 86.38+86.3+87.717.7
Х - 66

***Бунёди Ҷамъиятии Васатият тақдим мекунад***

***Ин китоб бозгӯкунандаи ҳаёти босаодати Оишаи Сиддиқа(р) - ҳамсари беҳамтои Паёмбари гиромии ислом Муҳаммад (с) мебошад.***

***Расули Худо (с) дар ҳаққи ҳамаи уммат ба таври умумӣ ва дастаҷамъӣ дуъо кардааст, аммо аз миёни онон дар ҳаққи Оиша(р) ба таври хусусӣ ва ҷудогона дуъо намудааст, ки ин аст.***

***Ҳадис: «Худоё ҳама гуноҳони аввалину охирин ва пӯшидаву ошкорои Оишаро мағфират бикун». Боз Расулуллоҳ (с) гуфтааст:***

***«Қасам ба Аллоҳ, ки ин дуъои ман аст бароиумматам, ки дар ҳар намозе ин дуъоро мекунам».***

*(Ин ҳадисро имом Баззор ривоят карда,
Албонӣ ҳадиси ҳасанаш гуфтааст).*

| | |
|---|---|
| Номи китоб | **Оиша пешвои бонувони мӯъмин ва дӯстдоштатарин ҳамсари Паёмбари оламин** |
| Муаллиф: | **Холид Абусолеҳ** |
| Аз арабӣ тарҷумаи: | **Муҳаммадиқболи Садриддин** |
| Муҳаррири масъул: | **Файзуллоҳи Аҳё** |
| Муҳаррирони матни тоҷикӣ: | **Шараф Атоӣ, Низомӣ** |
| Тарроҳ: | **Диловари Бобохон** |
| Ҳуруфчин: | **Меҳрбонуи Рахимбек** |
| Ношир: | **ҶДММ “Суннатулло”** |
| Супориш: | **№ 9** |
| Таърихи чоп: | **28. 04. 2008** |
| Теъдод: | **5000 нусха** |

ISBN 978-99947-733-2-9

**Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон**

# ПЕШГУФТОРИ ЧОПИ ДУВВУМ АЗ МУТАРҶИМ

Нахуст, Худованди бузургу тавоноро шукру сипос мегӯем, ки моро аз муваҳҳидон гардонидааст. Ин худ бузургтарин неъмат ва бахшоиши илоҳист, ки моро насиб гаштааст.

Сониян: Моро аз зумраи ононе гардонидааст, ки пайравӣ аз дини ростини Ислом, дине, ки дорои Паёмбари охирини Илоҳӣ ва хайрул башар, ҳазрати Муҳаммад (с) буда ва Худованд китоби охирини худ– Қуръони каримро, бар Ӯ нозил намудааст, то моро аз зулумоти куфру нифоқ ва аз ибодат ва парастиши ҳар чизи дигаре, ки ғайр аз Худованди якто аст, дур дорад. Ва бояд қайд намуд, ки шореҳ ва муфассири ин китоби осмонӣ, аҳодиси гаронбаҳои Расули акрам мебошанд, ки моро аз мафоҳими оёти Худо бохабар месозанд ва дини моро комил менамоянд, то мо роҳи дурусти ҳаётамонро интихоб намуда, дар дунё хушбахт зиндагӣ кунему дар қабр осуда бихобем ва дар охират аз ҷумлаи муқаррабони даргоҳи илоҳӣ бошем.

Пас огоҳ бош, эй хонандаи гиромӣ, ки ду асли муҳимми дини мо, яке Қуръони карим ва дигаре Суннат, ё аниқтараш ҳадисҳои Расули акрам (с) мебошанд. Пас, бояд ба ин ду асли муҳим чанг занем ва албатта, ҳаргиз гумроҳ нахоҳем шуд ва ҳаёти хубе дар дунё ва охират бароямон интизор аст.

Хонандаи ниҳоят гиромӣ! Китобе, ки дар даст дорӣ, китобест, ки бозгӯкунандаи ҳаёти босаъодати модари мӯъминон, ҳазрати Оишаи Сиддиқа (р), духтари нахустхалифа ва ёри аввали паёмбарамон - ҳазрати

Абубакри Сиддиқ (р) ва ҳамсари бовафои Расули акрам (с) мебошад. Ин китоб нахустин бор баҳори соли 2006 ба табъ расид ва Худоро шукр, ки хуб пазируфта шуд ва мақбули хонандагони азиз гардид, аммо чун ададИ нашрамон кам буд ва талабу дархости мухлисон зиёд гардид, тасмим гирифтем, ки ин китоб бори дигар ба табъ расад. Алҳамдулиллоҳ, Худованд боз моро муваффақ гардонид, то бори дигар ин китобро аз назар гузаронем ва барои боз ҳам содда ва равон шудани он кӯшиш ба харҷ диҳем, то хонандаи азиз аз он баҳраи бештаре гирифта тавонад.

Мехоҳам диққати хонандаи гиромиро қабл аз оғоз намудан ба ин китоби ниҳоят пурарзиш ба ин  нукоти муҳим ҷалб намоям.

1. Модарамон ҳазрати Оишаи Сиддиқа яке аз дӯсдоштатарин занони Паёмбар ба шумор меравад ва Расули акрам (с) дар ҳаққи модарамон чунин гуфтаанд: Аз мардҳо ҳавории (ёри наздик) ман Зубайр аст ва аз занҳо Оиша (р). Инчунин дар ҳадиси дигаре омадааст: «Оиша, ҳамсари ман дар биҳишт аст».

Расули Худо (с) дар ҳаққи  ҳамаи уммат ба таври умумӣ ва дастаҷамъӣ дуъо кардааст, аммо аз миёни онон дар ҳаққи Оиша (р) ба таври хусусӣ ва ҷудогона дуъо намудааст, ки ин аст.

Ҳадис: «Худоё ҳама гуноҳони аввалину охирин ва пӯшидаву ошкорои Оишаро мағфират бикун». Боз Расулуллоҳ (с) гуфтааст:

«Қасам ба Аллоҳ, ки ин дуъои ман барои умматам аст ва дар ҳар намоз ин дуъоро мекунам».

*(Ин ҳадисро имом Баззор ривоят карда, Албонӣ ҳадиси ҳасанаш  гуфтааст).*

2. Модарамон Оишаи Сиддиқа (р) дар хонадони Расули акрам (с) тарбия ёфта донотарин шахс ба аҳволу одоб ва хабарҳои вобаста ба Расули акрам (с) мебошад,

ки пас аз даргузашти Расули Худо (с) наздик ба панҷоҳ сол зиндагӣ кардааст ва илму дониши Паёмбари Худоро густариш дода ва суннати ӯро дар офоқ мунташир сохтааст. Пас маълум мешавад, ки дар издивоҷи бобаракати Паёмбар (с) бо модарамон Оишаи Сиддиқа (р), чунин ҳикмате будааст, ки ин зани ҷасуру афифа ва покдоман, пас аз вафоти Расули акрам (с) дар таълиму тарбияи ин уммат ҷонишинии он ҳазратро дар нашри Суннат бар ӯҳда доштааст.

Абумӯсои Ашъарӣ (р), саҳобаи гиромиқадри Расули акрам(с), дар шаъни уммулмӯъминин Оишаи Сиддиқа (р) чунин мегӯяд: Агар дар фаҳми маънои ҳадисе барои мо саҳобагони Паёмбар (с)  мушкилию нофаҳмие пеш меомад, дарҳол аз Оишаи Сиддиқа (р) мепурсидем ва мушкиламонро ҳал мекардем. Ҳеҷ гоҳ чунин нашудааст, ки мо аз вай ҳадисеро пурсида бошему ӯ надониста бошад.

Аз Ҳишом ибни Урва  ибни Зубайр (р) аз падараш ривоят аст, ки мегӯяд: «Ман касеро надидаам, ки дар донишмандӣ аз Оишаи Сиддиқа (р) донотар бошад. Хусусан дар илми Қуръон ва фароиз ва ҳалолу ҳаром ва шеър ва донистани таърихи арабу насабшиносӣ ҳамто надошт».

Бешак, чӣ гуна Оиша (р) чунин донишманд набошад, дар сурате, ки Расули Худо (с) ӯро дар хонадони худ тарбия кардааст. Қосим ибни Муҳаммад, ки яке аз фақиҳони ҳафтгонаи Мадина буд, чунин гуфтааст:

«Уммулмӯъмин Оишаи Сиддиқа (р) дар замони Абубакр (р), Умар (р), Усмон (р) ва Алӣ (р) ва то замони вафоташон фатво медоданд. Гоҳе ӯ ҳатто суханони бузургони саҳобаро рад мекард ва онҳо дар пеши рӯйи Оишаи Сиддиқа (р) сукут мекарданд ва ҳақиқат будани суханонашро тасдиқ намуда, фазилату заковати ӯро эътироф мекарданд».

Муъовия (р) мегӯяд:

«Савганд ба Худо, ҳеҷ суханвареро надидам, ки суханонаш мисли суханони Оишаи Сиддиқа (р)» сермаъно ва дорои фасоҳат бошад.

3. Ақидаи мо аҳли суннат ва ҷамоъат бар ин аст, ки касе агар Уммул мӯъминин, Оишаи Сиддиқа (р)-ро дашном бидиҳад ё ба ӯ тӯҳматеро раво бидонад, дар ҳоле, ки покии ин зани покдоман, дар Қуръони карим дар сураи муборaки Нур эълон шудааст, ба иттифоқи уламои аҳли суннат, кофир мешавад. Ибни Касир мегӯяд: Тамоми уламо иттифоқ бар он доранд, ки ҳар кас Оишаи Сиддиқа (р)-ро ба чизи ношояме муттаҳам намояд ва ҳол он ки дар Қуръон, покӣ ва афифа будани ӯ сареҳу ошкор омадааст, кофир аст, зеро касе ки чунин ақида дорад ӯ мухолифи нас (матн) ё ҳукми сареҳи Қуръон аст[1].

4. Ҳар шахс, пеш аз ин ки сухани носазое дар ҳаққи касе гуфтанӣ шавад, нахуст бояд биандешад, ки чӣ мегӯяд ва барои кӣ мегӯяд, зеро як калимаи беҷо, мумкин аст, ки инсонро аз динаш дур гардонад. Аз ин хотир, барои ҳамаамон лозим аст, ки дар сухангуфтанамон эҳтиёткор бошем.

**Сухан дониста гӯй,то дӯстро душман магардонӣ,**
**Зи ҳарфи бетааммул, ошно бегона мегардад.**

***Муҳаммадиқболи Садриддин***

---

[1] . *Ниг: «Тафсири ибни Касир» (ҷ.3/276) назди ояти 23-сураи Нур ва дар тафсири Қуртубӣ (ҷ.12, саҳ 169- 170, масъалаи 17. Инчунин дар китоби ал-Бидоя ван-Ниҳоя» (ҷ.8/95) ва низ ҳамаи уламои аҳли суннат ба ин қавл якназаранд.*

# ПЕШГУФТОРИ МУТАРҶИМ

***Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон***

Ҳазрати Оиша (р) бешак яке аз барҷастатарин чеҳраҳои дурахшони олам ба шумор меравад. Худованд ба рӯйи эшон дарҳои раҳмат ва фазлу карамашро боз намудааст. Лутфи илоҳӣ Оишаро дар ибтидо духтари шахсияти беназире ба мисли Абубакри Сиддиқ (р) қарор додааст, ки ин худ фахри бузург аст. Баъдан, тарзе аз шиносоӣ бо зиндагиномаи ҳазрати Оиша (р) маълумамон мешавад, пешомади хубтару саодатмандтаре эшонро дар оғӯш мегирад. Ин ҳам бошад, издивоҷи мутаҳҳар бо беҳтарин авлоди ҳазрати Одам, яъне Муҳаммади Мустафо (с) аст. Ҳамзистӣ бо Расули акрам (с) ба рӯйи Оиша (р) дарҳои ганҷинаи пурғановати маънавиро боз намуд ва ӯро шогирди босаодати муаллими башарият гардонид. Ҳамин аст, ки баъд аз фавти Расули акрам (с), асҳоби киром, бо вуҷуди бузургии шаънашон, ҳар масъалаи мубҳами илми шариатро омада, аз модари мӯъминон мепурсиданд.

- Худованди мутаол дар каломи покаш мефармояд:

Сухани Худо:

**“Паёмбар ба мӯъминон аз худашон дида сазовортар аст ва занонаш модарони мӯъминон ҳастанд...”**

*(Сураи Аҳзоб, ояи 6)*

Тарзе маълумамон шуд, ноил шудан ба номи бузургу пуршарафи «умму-л-мӯъминин», яъне модари мӯъминон, фазли бузурги илоҳист, ки насиби ҳамсари гиромии сайиди анбиё гаштааст. Васфи поки умму-л-мӯъминин Оиша (р) дар Қуръони маҷид, дар сураи “Нур” низ баён гардидааст. Ин оятҳои муборак баъди тӯҳмат задани як идда ашхоси бешараф ба модари мӯъминон, ба соҳиби ваҳй-Набии карим (с) нозил гардид, ки дар онҳо Худованд покии Оишаро ба тамоми оламиён эълон дошта, тӯҳматчиёнро мазаммат кардааст.

Сухани Худо:

**“Касоне, ки бар занони покдоман ва бехабар аз зино ва мӯъмин, тӯҳмати зино мезананд, ҳароина дар дунёву охират лаънатшудаанд ва барояшон азобест бузург”.**

*(Сураи Нур, ояи 23).*

Дар ҳадисҳои муборaки Расули акрам (с) низ номи поки ҳазрати Оиша гӯшрас аст. Аз ҷумла дар ҳадисе, ки бо ривояти Ҳоким омадааст Расули акрам (с) фармудаанд: «Оиша ҳамсари ман дар биҳишт аст».

Хонандагони гиромиро ба ошноӣ бо китоб ташвиқ намуда, дар ҳамин ҷо суханро ҳусни хотима мебахшем, **вассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.**

***Муҳаммадиқболи Садриддин***

# ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

## *Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон*

Сипосу ситоиши бепоён Аллоҳро, ки Паравдигори якка ва ягонаи оламиён аст. Дуруду саломҳои бениҳоят бар хубтарини анбиё ва беҳтарини мурсалон, паёмбарамон Муҳаммад (с) ва бар хонадону ёронашон бод.

Аммо баъд:

Оиша (р) касест, ки гӯш аз шунидани номаш ба тараб меояд ва дил аз ёди ӯ фараҳманд мегардад ва рӯҳу равон аз муҳаббаташ пок шуда ба салоҳ меояд. Вай Сиддиқа духтари Сиддиқ[1] ва Атиқа духтари Атиқ[2] аст.

Вай касест, ки расули Худо (с) дӯсташ медошт ва духтари касе буд, ки Расулуллоҳ (с) вайро ҳабиби худ қарор дода буд. Вай зани тозаву покиза, бошарафу покдоман ва аз ахлоқу авсофи нохуб ниҳоят дур буд. Вай аз айбҳои оддии занона пок буд ва ба он шакку шубҳаҳое, ки дар дилҳост, ноолуда. Зани рӯзадору намозгузор, Худоро итоъаткору парҳезкору ниҳоят ботавфиқ ва бисёр зикркунандаи Парвардигор. Зани

---

*[1] Сиддиқ-ростгу ва ростпиндоранда сухани касеро. Ин лақаби ҳазрати Абубакр (р) аст, ки ёри ростпиндори Расулуллоҳ буд.*

*[2] Атиқ-озодкунанда ва озодкардашуда. Лақаби Абубакр (р) аст, ки вайро озодкунандаи Билол ва озодшуда аз ҷониби Худо аз оташи дӯзах мегуфтанд. Расуллулоҳ ба Абубакр (р) гуфта буд: «Анта атиқуллоҳи минаннор» (Ту касе ҳастӣ, ки Худо туро аз дӯзах озод кардааст). Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст, шайх Албонӣ ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст. Аз силсилаи «Саҳиҳайн» (ҷ.4, №1574, с.102)*

донишманд, доно дурандеш, росткору, ростгуфтор, зиндадилу босаховат. Сарфкунандаи ҷону молу вақти худ дар роҳи ризои Худо, модари мӯъминони дунё, модари Абдуллоҳ Разияллоҳу анҳо. Оиша духтари Абубакри Сиддиқ (р) буд Духтари бузургтарин ёри Расуллуллоҳ (с). Духтари касе, ки пас аз Паёмбар (с) халифаи аввалин буд. Модари Оиша, Умми Румон бинти Омир ибни Уваймир буд. Кунияааш[3] Умми Абдуллоҳ буд. Ин кунияро ба вай расули Худо (с) гузошта буданд. Мурод аз Абдуллоҳ дар ин куният писари апаи Оиша –Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) аст.

***Холид Абусолеҳ***

[3] *Куния ё кунияту-номеро мегӯянд, ки падарӣ ё модарӣ ё фарзандиро фаҳмонад ба мисли Абуалӣ, яъне падари Алӣ, Умми Руммон, яъне модари Руммон.*

## ОИША (Р)-РО БА ЗАНИ ГИРИФТАНИ РАСУЛИ АКРАМ (С)

Замоне, ки Паёмбар (с) Оишаро ба никоҳ даровард, Оиша (р) ҳамагӣ 6 ё 7 сол дошт ва дар синни нӯҳсолагияш бо ӯ хонадорӣ кард ва ҳангоми аз дунё рафтани Расулуллоҳ (с) Оиша (р) ҳаждаҳсола буд.

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ривоят кардааст)*

Худи Оиша(р) гуфтааст:

-Расули Худо (с) маро дар шашсолагиам ба занӣ гирифта, бо ман дар нуҳ солагиам хонадорӣ кардааст.

Боз Оиша (р) гуфтааст:

Пас аз ин, ки Расули Худо маро ба никоҳ даровард ва ҳиҷрат карда, ба шаҳри Мадина омадем, ман як моҳ ба бемории табларза гирифтор шудам, ки дар асари он мӯйҳоям рехтанд. Пас аз сиҳат ёфтанам, мӯйҳоям то поёнтари гӯшҳоям расида буд, ки рӯзе Умми Руммон-модарам ба наздам омад, дар ҳоле, ки ман ҳамроҳи дугонаҳоям будам ва бар арҷуҳае[4] саворӣ мекардем. Модарам маро садо карду ман ба наздаш рафтам ва намедонистам, ки ба ман чӣ кор дорад. Ӯ маро шитобон ба ҷониби хона бурд. Дар паси дари хона бозистодем. Аз сабаби тез-тез роҳ рафтанам дилам ба таппиш омада буд. Чун каме таваққуф кардему таппиши дилам ором шуд ва нафасамро рост кардам, модарам маро ба хона даровард. Бубинам гурӯҳе аз занони аҳли Мадина

---

[4] *Арҷуҳа-алвончак (ҳой)*

нишастаанд. Пас, занҳо ба моён хитоб карда ба ин мазмун дуъо гуфтанд:

– Хайру баракат ва беҳтарин ризқу фоидаҳои зиндагӣ шуморо бод!

Модарам, пас аз ин маро дар ихтиёри он занон супурд ва онҳо сарамро шуста маро оро доданд.

Ман интизор будам, ки чӣ мешуда бошад. Ногаҳон ҳангоми чошт Расулуллоҳ (с) омад ва ман ҳамроҳашон раҳсипор шудам.

*(Ин ҳадисро Бухориву Муслим ривоят кардаанд).*

## ФОИДАҲОЕ, КИ АЗ ИН ҲАДИС БА ДАСТ МЕОЯНД

Аз ин ҳадис маълум мешавад, ки падар ҳуқуқ дорад духтари хурдашро бе иҷозати вай ба шавҳар бидиҳад, зеро вай дар чунин синну сол фаҳми дурусти чунин кореро надорад. Мутобиқи ҳамин ҳадис мусулмонон иҷмоъ (иттифоқ) кардаанд, ки падар ҳуқуқ дорад духтари бокираашро[5] тазвиҷ бикунонад.

Шофеъӣ (раҳимаҳуллоҳ) ва уламои мазҳабаш гуфтаанд:

Мустаҳаб аст, ки падар ва бобо духтар ва набераи худро, ки бокира ва ноболиғ аст ба шавҳар надиҳанд, то он ки ба балоғат бирасад ва пас аз балоғат, агар вайро шавҳар доданӣ шуданд, иҷозату розигии духтарро бигиранд, то духтари бечора дар асорати шавҳар бо дили нохоҳам наафтад. Ин қавли онҳо бо ҳадиси Оиша мухолиф нест, зеро мақсади онҳо ин аст, ки бояд

*Бокира - душиза, духтаре, ки шавҳар накардааст.*

духтарро пеш аз булуғ ба шавҳар надиҳанд ба шарте ягон хубие, ки ба сабаби таъхир фавт мегардад, вуҷуд надошта бошад. Ба мисли ҳадиси Оиша (р) (ки агар Оишаро дар ҳамон синну сол ба расули Худо намедоданд он хубиҳое, ки аз ин издивоҷи муборак ҳосил гашт, аз даст мерафт). Пас, дар чунин сурате, ки дар ҳадиси Оиша аст, барои падар мустаҳаб аст, то духтари бокираи хурдсолашро ба чунин шавҳаре бидиҳад, зеро падар маъмур аст он чизҳоеро, ки барои фарзандаш шаръан хуб аст анҷом бидиҳад ва он чиро, ки хайри фарзандаш дар он аст аз даст надиҳад (ва кадом хайре ва хубие барои Абубакр (р) аз ин болотар буд, ки духтарашро ба бузургтарини аҳли башар ба шавҳар диҳад).

Аммо, вақти ба хонаи шавҳар бурдани духтари хурдсол ва ҳамхоба шудани шавҳар бо вай, агар шавҳару соҳиби духтар дар чизе иттифоқ бикунанд, ки ба духтар зараре нарасад мутобиқи розигии дуҷониба амал карда шавад. Имом Молик ва Шофеъи ва Абуҳанифа (раҳимаҳумуллоҳ) гуфтаанд:

Замоне духтарро хонаи шавҳар бурда ба ҳамхобагии шавҳар бо вай иҷозат дода шавад, ки аз рӯйи қаду баст маълум гардад, ки духтар қувваи таҳаммули ин корро дорад ва ин дар ҳама духтарон як хела набуда, гуногун аст.

Довудӣ гуфтааст:

Оиша(р) дар ин синну сол як ҷавондухтари тануманду зебое гашта буд.

Дар бештаре аз ривоятҳо умри Оиша шашсола гуфта шудааст ва дар ривояте ҳафтсола. Ҷамъ миёни ин ду ривоят чунин аст, ки Оиша шашсолаву чанд моҳа буд, пас дар ривояте шашро овард ва дар ривояте солеро, ки ба он қадам монда буд, яъне ҳафтсолагӣ.

Дар ин сухани Оиша (р), ки:

- Бубинам гурӯҳе аз занони аҳли Мадина нишастаанд.

Пас занҳо хитобан ба моён гуфтанд:

- Хайру баракат ва беҳтарин ризқу фоидаҳои зиндагӣ насиби шумо бод!

Далолат бар он аст, ки домоду арӯсро дуои нек кардаанд.

Дар ин сухани Оиша, ки:

«Онҳо сарамро шуста маро оро доданд» далолат бар ин аст, ки шустушӯ додани арӯс ва зебу зиннат додани вай барои шавҳараш мустаҳаб аст. Ҳамчунин ҷамъ омадани занон ба ин хотир мустаҳаб аст, зеро, ки ба ин сабаб никоҳ эълону овоза мешавад ва занҳо дили арӯсро гарм карда, ӯро одоб меомӯзанд ва тариқаҳои муомила бо шавҳарро ба вай таълим медиҳанд.

Дар ин сухани Оиша, ки:

«Ман интизор будам, ки чӣ мешуда бошад. Ногаҳон ҳангоми чошт Расулуллоҳ (с) омад ва ман ҳамроҳаш рафтам».

Далолат бар ин аст, ки рӯзона ба хонаи шавҳар бурдани арӯс ва ҳамхобагии мард бо занаш равост. Ин амалҳо ҳам дар шаб ва ҳам дар рӯз дуруст ҳастанд.

*(Ин ҳадисро Имом Аҳмад ҳам ривоят намудааст).*

## ИЗДИВОҶИ ҲУМОЮНУ БОБАРАКАТ

Оиша(р) гуфтааст:

«Расули Худо (с) маро дар моҳи шаввол[6] ба никоҳ даровард ва дар моҳи шаввол бо ман ҳамбистар шуд, пас кадомин ҳамсари Паёмбар (с) аз ман дида фазилати бештарро соҳиб гаштааст»?

Имом Насоӣ гуфтааст:

[6] *Моҳе, ки баъди рамазон аст.*

«Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки зан гирифтан ва шавҳар додани духтар ва ҳамбистарии аввалин дар моҳи шаввол мустаҳаб аст».

Оиша(р) бо ин сухани худаш мехоҳад он ақидаи замони ҷоҳилиятро рад кунад, ки аҳли ҷоҳилият дар моҳи шаввол зан гирифтан, ба шавҳар додан ва ҳамбистариро макруҳ меҳисобиданд ва бад ҳисоб мекарданд, ҳамон гунае, ки баъзе мардуми авоми низ ин эътиқоди нодурустро доранд ва ин як ақидаи бе асл ва ботилу нодуруст аст[7]. Ин ақида аз замони ҷоҳилият монда аст. Мардуми он замон нисбати ин моҳ бадбинӣ ва ирим доштанд, зеро номи ин моҳ, ки шаввол аст дарак аз бадӣ ва шумӣ медиҳад, ки ба маънои марг ва камбудӣ ва хушкию бадбахтиро дорад.

*(Шарҳи«Саҳеҳ»-и Муслими Имом Нававӣ с.213,ҷ.9.)*

Абуубайда ибни Мусанно (р) гуфтааст:

«Расули Худо (с) Оишаро ду сол пештар аз ҳиҷрат ба никоҳ даровард. Арабҳо он вақт ҳамбистар шуданро бо занҳояшон дар моҳи шаввол нохуб мешумориданд».

Абунуайм гуфтааст:

«Он мардум барои он ҳамбистариро дар шаввол бад мешуморанд, ки як замоне дар ин моҳ бемории «Тоун»[8] ба вуҷуд омадааст».

Аз Зуҳрӣ ривоят мекунанд, ки гуфтааст:

Расули Худо (с) ба ғайр аз Оиша (р) дигар зани бокирае нагирифта буданд.

---

*[7] Аз ин ҷо маълум мешавад, ки он ақидаи мардуми диёри мо, ки дар миёни ду ид никоҳ нохуб аст дурӯғу беасос будааст. Бояд донист, ки никоҳ дар миёни ду ид хубтар буда, ҳукми мустаҳабро доштааст чуноне, ки пештар гуфта шуд.*

*[8] Тоун-як навъ вабост.*

## ИЗДИВОҶЕ, КИ БА ФАРМОНИ ХУДО АНҶОМ ЁФТ

Ба занӣ гирифтани Паёмбар (с) Оишаро дар ин синну сол ба фармони Худованд (ҷ) буд. Расули Худо (с) ба Оиша(р) гуфт:

- Се шаб туро дар хоб дидам. Фариштае  дар порчае аз абрешим сураттатро печонида ба наздам меовард, ва мегуфт:

–Ин ҳамсари туст. Чун порчаро мекушодам ва ба рӯят назар меафкандам медидам, ки ту будӣ.

Пас мегуфтам:

- Агар ин  аз ҷониби Худо бошад, албатта, Худо инро ба иҷро хоҳад даровард.

*(Бо ривояти Бухориву Муслим).*

Аз Оиша (р)  ривоят кардаанд, ки Ҷабраил (ъ) сурати ӯро дар порчае аз абрешими сабз ба назди расули Худо (с) оварда, гуфтааст:

«Ин дар дунёву охират ҳамсари туст».

*(Ин ҳадисро Имом Тирмизӣ ривоят карда,*
*Албонӣ саҳеҳ шумурдааст).*

Аз Аммор  Ибни Ёсир (р) ривоят аст, ки гуфтааст:
«Оиша дар дунёву охират ҳамсари Паёмбар (с) аст».

*(Ҳадисро Имом Бухорӣ ривоят кардааст).*

Дар ривояти Уқайлӣ омадааст, ки Расули акрам дар бемории пеш аз вафоташ ба Оиша гуфтанд:

-Барои ман мисвокчӯбе биёр ва онро бо дандонҳоят фишор бидеҳ, ки онро бихоям, то оби даҳонам бо оби даҳони ту омехта гардад, зеро ин бароям ҳангоми марг сабукӣ хоҳад овард.

Имом Абуҳанифа аз Ҳайсам аз Икрима аз ибни Аббос (р) ривоят кардааст, ки ба Оиша гуфт:

– Савганд ёд мекунам, ки ман аз Расулуллоҳ (с) шунида будам, ки мегуфт:

«Ҷои Оиша дар биҳишт аст».

Ибни Аббос суханашро идома дода гуфтааст:

– Расули Худо дар назди Худо мукаррамтар аз ин аст, ки ахгаре (оташпора) аз ахгарҳои дӯзахро ба ҳамсари вай бидиҳад. Имом Абуҳанифа аз Авни Шаъбӣ ва ӯ аз Оиша (р) ривоят кардааст, ки гуфт:

-Ҳафт хислате, ки дар ман ҳаст дар ҳеҷ яке аз ҳамсарони дигари Расулуллоҳ нест:

1. Маро бокира ба занӣ гирифт ва дигар ҳеҷ яке аз ҳамсаронашро бокира нагирифта буд;

2. Ҷабраил (ъ) фуруд омад ва сурати маро барои Паёмбар (с) фуруд овард ва сурати ҳеҷ яке аз занони дигарашро фуруд наовард;

3. Ҷабраилро ба ман нишон дод, ҳол он ки ба ҳеҷ яке аз занонаш нишон надода буд;

4. Ман дӯстоштатарин ҳамсараш будам;

5. Падарам дӯсдоштатарин ёри Паёмбар буд;

6. Барои исботи покии ман оятҳои зиёде аз Қуръон (дар сураи Нур) нозил шуд ҳоло он ки қариб буд гурӯҳе аз мардум ба сабаби маро тӯҳмат кардан дар ҳалокат (маънавӣ) гирифтор шаванд;

7. Расули Худо дар шаби навбати ман, дар хонаи ман ва дар бағали ман аз дунё риҳлат кард.

Ин ҷо дар воқеаи издивоҷи Паёмбар бо Оиша ҳикматҳои бузурге нуҳуфтааст аз ҷумла:

1. Ин мукофоте барои Абубакр (р) падари Оиша (р) буд, ки дар роҳи хидмат ба Ислом пешқадам буд ва молу ҷонро дар роҳи Худо сарф мекард ва аз Паёмбар (с) дифоъ  менамуд;

2. Оиша (р) дар хонадони Пайғамбар (с) тарбия ёфта, донотарин шахс ба аҳволу одоб ва хабарҳои вобаста ба расулуллоҳ гашт. Пас аз сари Расулуллоҳ(с) наздик ба панҷоҳ сол зиндагӣ карда, илмҳои Паёмбари худоро мунташир намуда, суннати вайро дар офоқ паҳн сохт. Пас, дар тақдири Худо издивоҷи Паёмбарро бо Оиша чунин ҳикмате будааст, ки ин ҷавондухтари хурдсол, пас аз вафоти он ҳазрат (с), дар таълиму тарбияи уммат, ҷонишини он ҳазрат дар нашри Суннат бигардад.

3. Ривоят кардааст Имом Абуҳанифа (р) аз Ҳаммод аз Иброҳими Нахаъӣ аз Оиша (р), ки Расулуллоҳ (с) фармуд:

-Марг барои ман осон хоҳад гашт, зеро ман дидам туро, ки дар биҳишт ҳамсари ман ҳастӣ. Ин ривоятро Табаронӣ ҳам дар «Мӯъҷаму-л-кабир» овардааст.

-Дар ривояти Ҳоким омадааст, ки Расулуллоҳ (с) ба Оиша (р) гуфтанд:

«Оё розӣ нестӣ, ки ту дар охират ҳамсари ман бошӣ?».

Ҳамсарони он ҳазрат (с) ба фармони Худо вазифадор будаанд, ки худашон исломро аз он ҳазрат хуб омӯхта, ба дигарон биомӯзонанд.

Худованд мегӯяд:

Сухани Худо:

**«Он чиро, ки дар хонаҳоятон аз оёти Худо ва ҳикмат тиловат мешавад, ёд кунед. Ҳаройна, Худо борикбину огоҳ аст”.**

*(Сураи Аҳзоб, ояи 34)*

## МУҲАББАТИ ПАЁМБАР (С) БА ОИША

Аз Анас (р) ривоят мекунанд, ки гуфт:

-Аввалин муҳаббате, ки дар Ислом рӯй дод, муҳаббати пайғамбар ба Оиша буд»

*(Аз «Тазҳибу ҳилятил-авлиё», с.271,ҷ.1.)*

Аз Амр ибни Ғолиб ривоят аст, ки марде дар ҳузури Аммор ибни Ёсир(р) нисбати Оиша (р) суханони носазо гуфт.

Аммор ба вай гуфт:

«Дур шав аз наздам зиштрӯй, оё ту дӯстдоштаи Расулуллоҳро носазо мегӯӣ!?»

*(Инро Имом Тирмизӣ ривоят карда ҳадисро ҳасану саҳеҳ гуфта аст).*

Амр ибни Ос (р) ривоят кардаанд, ки вай назди Расулуллоҳ рафта, гуфт:

- Киро аз ин мардум бештар дӯст медорӣ, эй Расулуллоҳ?

Гуфт:

-Оишаро

Амр гуфт:

-Аз мардҳо чӣ?

Гуфт:

-Падари Оишаро.

Амр гуфт:

Пас аз ин киро?

Гуфт:

-Умарро

*(Ин ҳадисро Бухориву Муслим ривоят кардаанд).*

Табаронӣ аз Оиша (р) ривоят кардааст, ки вай гуфт:

- Маҳбубтарини мардум дар назди шумо чӣ касест, ё Расулуллоҳ?

Расули акрам (с) гуфтанд:

-Чаро мепурсӣ?

Оиша гуфт:

- То он касеро, ки ту дӯст медорӣ ман низ дӯст бидорам.

Расули акрам гуфтанд:

- Оишаро

Табаронӣ аз Умми Салама (р) ривоят кардааст, ки умми Салама рӯзи вафоти Оиша (р) гуфт:

- Имрӯз дӯсдоштатарин шахси Расулуллоҳ (с) вафот кард.

*(Субулалҳудо варрашод, с.170,ҷ.11.)*

1. Умми Салама (р) ва Оиша (р) ҳарду зани Паёмбар мебошанд. Субҳонака ё муқаллибалқулуб.

## ШАФҚАТИ РАСУЛИ ХУДО (С) БА ОИША

Имом Муслим аз Оиша (р) ривоят кардааст, ки гуфт:

«Расулуллоҳ (с) маро амр мекард, то аз зарари чашм, ки ба ман мерасад талаби руқъа кунам». Яъне Оиша (р)-ро чашм мерасид, пас Расули Худо аз ҷиҳати

дилсӯзияш нисбати вай ӯро иҷозат медод, то аз касе бихоҳад, ки ӯро дуъохонӣ кунад, то зарари чашми бад рафъ шавад[9].

## ВАЙ ДУХТАРИ АБУБАКР АСТ

Расули Худо (с) дӯст медоштанд, ки ҳангоме ба Оиша ситаме карда шавад ва ё ба вай таънае зада шавад, Оиша худаш аз худаш дифоъ бикунад. Агар касе, дар ҳаққи Оиша чизе мегуфт, Расулуллоҳ сухани он касро намепазируфт, зеро парҳезкор ва диндории Оишаро медонист ва низ медонист, ки дигар занҳояш ба хотири обурӯяш ва мақому манзалаташ дар назди вай ба Оиша рашк мекунанд. Аз ҷумла ҳазрати Оиша (р) онро ривоят карда, мегӯяд:

«Занони дигари Паёмбар (с) Фотима духтари гиромии он ҳазратро ба назди Расулуллоҳ фиристоданд. Фотима ба дари хона омада, иҷозат хост ва расули Худо ба вай иҷозати даромадан доданд дар ҳоле, ки он ҳазрат ҳамроҳи ман дар зери чодари ман як паҳлӯ дароз кашида буд. Фотима арз кард.

Эй Расули Худо, занони дигаратон маро ба наздатон фиристоданд ва онҳо хоҳиши онро доранд, ки миёни онҳо ва набераи Абуқуҳофа (яъне Оиша) дар муҳаббат низ баробарӣ бикунед.

Оиша (р) мегӯяд:

- Ман хомӯш истода чизе нагуфтам. Расулуллоҳ ба Фотима (р) гуфтанд:

---

[9] *Аз ин маълум шуд, ки захми чашмро муҳраи чашмию хори пушти дарвозаву наъли асп ва латтасӯзӣ фоида надоштааст, балки бо қуръонхонӣ ё дуоҳое, ки дар ҳадис омадааст муъолиҷа бояд кард.*

- Эй духтарҷонам, оё ту онеро, ки ман дӯст медорам дӯст намедорӣ?

Фотима гуфт:

- Бале, (дӯст медорам)

Расулуллоҳ гуфтанд:

- Пас, агар чунин аст, Оишаро дӯст бидор.

Фотима чун ин суханро аз Расулуллоҳ шунид бар хоста назди он занҳо рафт ва ба онҳо он чиро, ки Паёмбар гуфт, пурра фаҳмонид. Он занҳо гуфтанд:

Ба фикри мо ҳоҷати моро бароварда насохтӣ, пас аз нав ба назди Расулуллоҳ бирав ва ба он кас бигуй:

- Занҳои дигаратон аз шумо талаб доранд, ки миёни онҳо ва набераи Абуқуҳофа (яъне Оиша) дар муҳаббат низ баробарӣ бинамоед.

Фотима дар посухи онҳо гуфт:

- Савганд ба номи Аллоҳ, ки дигар бо падарам дар ин мавзӯъ гуфтугӯ намекунам.

Оиша мегӯяд:

- Пас аз ин занҳои дигари Паёмбар Зайнаб духтари Ҷаҳшро, ки яке аз ҳамсарони он ҳазрат буд ба наздаш фиристоданд. Зайнаб дар миёни занҳои Паёмбар дар мартаба ва манзалату мақом бо ман баробарӣ мекард[10]. Ман занеро надидаам, ки дар диндорӣ аз Зайнаб беҳтар бошад ва аз вай парҳезкортару худотарс ва ростгӯй, бо хешовандон бамуросо ва дар садақа додан дастболотар бошад.

Ҳеҷ занеро надидаам, ки дар садоқат ва дар анҷоми корҳое, ки касро ба Худо наздик мекунад ҷонфидотар аз

---

*[10] Зайнаб (р) адлу баробариро дар муҳаббат талаб карда буд, ки ин номумкин аст, зеро дили кас дар ихтиёраш нест. Оиша (р) гуфтааст: Расулуллоҳ (с) дар шаббошию навбати нафақаву таъминот ва ҳуқуқи шаръӣ дар миёни занҳояш адлу инсоф ва баробариро одилона риоят мекарданд.*

Зайнаб бошад. Лек зуд хашмнок мешуд, аммо дар ҳол хашмашро фурӯ мебурд.

Пас, ба Зайнаб иҷозати даромадан дода шуд. Чун даромад Расулуллоҳро дар ҳамон аҳволе, ки Фотима гуфа буд, дар зери  чодари Оиша дид. Зайнаб суханро оғоз карда гуфт:

- Эй Расулуллоҳ (с) занони дигаратон маро ба хотири он ба наздатон фиристоданд, ки ин хоҳишашонро ба шумо расонам, ки шумо миёни онҳо ва набераи Абуқуҳофа дар муҳаббат баробарӣ кунед. Оиша (р) мегӯяд:

- Пас  аз ин Зайнаб ба ман рӯй овард ва бо ман муноқиша кард. Ман бошам интизор будам, ки Расулуллоҳ чӣ мегӯяд ва ба чашмонаш менигаристам, ки оё ишорае мекунад, то ман ҷавоби Зайнабро бидиҳам.

Оиша мегӯяд:

- Зайнаб аз ҷояш як су нашуда буд, ки бароям маълум гашт, ки Расулуллоҳ (с)  пуштибониямро аз худам зишт намешуморад.

Оиша мегӯяд:

- Чун ман ба ҷавоби Зайнаб пардохтам, дигар барояш маҷоли ҳарф задан надодам ва дар гуфтугӯ шикасташ додам. Расулуллоҳ (с) пас аз ин табассум карда, фармуд:

- Вай духтари Абубакр аст

Имом Нававӣ мегӯяд:

- Бидон, ки дар ин ҳадис далеле бар ин нест, ки Расулуллоҳ (с) Оишаро иҷозат дода бошад ва ё ба чашму дигар узве ба вай ишорае кардааст, балки чунин гумон ҳалол нест, зеро хиёнат ба чашм барои Расули Худо ҳаром аст. Дар ин ҳадис ҳамин қадар далолат аст, ки Оиша аз худаш пуштибонӣ кард ва Расули Худо вайро аз ин кораш манъ накард. Аммо, сухани Расули акрам, ки:

«Вай духтари Абубакр аст».

Маъноят ин аст, ки Расулуллоҳ ба камоли фаҳму заковати Оиша ишорат кардаанд.

*(Шарҳи «Саҳеҳ»-и Муслим, с. 203,ҷ.15.)*

Ин ҳадис маънои онро надорад, ки Расули акрам (с) Оишаро ба зулму ситам нигоҳ дошта бошад, зеро Зайнаб аввалин шуда ба танқиду мазаммати Оиша пардохта буд. Пас, Оиша ҳақ дошт,  бо роҳе, ки хилофи шариат нест, аз худаш дифоъ кунад ва ҷавоби Зайнабро бидиҳад. Худованд аз Зайнабу Оиша ва ҳамаи ҳамсарони поки Расули акрам (с) хушнуду розӣ бод.

## МУҲАББАТИ РАСУЛИ АКРАМ (С) НИСБАТ БА ОИША

Мардуми замони Паёмбар (с) медонистанд, ки Расули Худо ба Оиша муҳаббати зиёде дорад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳадяҳои худро ба Паёмбар (с) дар рӯзи навбати вай мефиристоданд ва ё меоварданд.

Оиша (р) мегӯяд:

- Мардум кӯшиш мекарданд, то ҳадяҳояшонро рӯзи навбати ман фиристанд. Мақсади онҳо аз ин, касби ризои Расулуллоҳ (с) буд.

*(Ҳадис аз Бухорӣ ривоят шудааст).*

## МАРО ДАР МУҲАББАТАМ НИСБАТ БА ОИША (Р) АЗИЯТ МАДЕҲ

Аз Оиша ривоят мекунанд, ки ҳамсарони Расулуллоҳ (с) ду гурӯҳ шуда буданд.

Дар гурӯҳе: Оишаву, Ҳафсаву Сафияву, Савда ва дар гурӯҳи дигар: Умми Салама, бо дигар ҳамсарони он ҳазрат буданд. Мусалмонон медонистанд, ки Расули акрам(с) Оишаро бештар дӯст медорад. Аз ин сабаб ҳар касе, ки ҳадя кардан мехост, он ҳадяашро замоне мефиристод, ки Расули Худо(с) дар хонаи Оиша мебуд. Гурӯҳи Умми Салама (р) бо ҳамдигар сӯҳбат карда ба вай маслиҳат доданд, ки бирав ва ба Расулуллоҳ бигӯй, то ба мардум бифармояд, ки ҳар, ки барои Паёмбар ҳадя дорад фақат замони дар хонаи Оиша будани он кас нафиристонанд, балки вақти дар хонаи ҳар кадоме аз ҳамсарони дигар буданаш низ фиристанд. Умми Салама ин дархостро ба Расули акрам (с) расонд, аммо Расулуллоҳ чизе нагуфт. Гурӯҳи Умми Салама аз вай натиҷа пурсиданд. Ба онҳо гуфт:

- Ба он ҳазрат арзи шуморо расонидам, аммо чизе нагуфт.

Онҳо ба вай гуфтанд:

- Бори дигар бирав ва ин арзро такрор намой.

Умми Салама мегӯяд:

- Ман боз ин арзро ба он ҳазрат расонидам, лек ин дафъа ҳам чизе нагуфт.

Пас, занҳои Расули акрам (с) боз аз Умми Салама дар ин маврид пурсон шуданд.

Гуфт:

- Ба ман ҷавобе надод.

Онҳо ба вай гуфтанд:

- Ту ин арзро то оне, ки ҷавобе бигирӣ, такрор бикун.

Пас, боз дар навбати Оиша рафтаму ин арзро такрор намудам.

Пас, Расули акрам ба Умми Салама гуфт:

«Маро дар муҳаббату алоқаам бо Оиша азият мадеҳ, зеро ба ҷуз аз бистари хоби Оиша бароям дар бистари дигар азвоҷи мутаҳҳарот ваҳй наомадааст».

Умми Салама гуфт:

- Ман ба Худо тавба мекунам, эй расули Худо аз ин, ки туро азият додам.

*(Ин ҳадисро Имом Бухорӣ ривоят кардааст).*

Ин ҳадис сабаби зиёд будани муҳаббати Паёмбар (с)-ро ба Оиша баён медорад. Ин бар он далолат мекунад, ки Оиша дар назди Худованди азизу ҷалил соҳиби фазилат аст. Пас, чи гуна Паёмбар касеро дӯст надорад, ки Худо вайро дӯст медорад.

## ЛУТФУ МЕҲРУБОНИИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) БА ОИША (Р)

Оиша (р) лутфу меҳрубонӣ ва нармахлоқии Расули акрамро бо ҳамсаронаш ривоят карда мегӯяд:

Расулуллоҳ ба ман гуфт:

«Ман ҳолатеро, ки ту аз ман хушҳолу розӣ мешавӣ ва ҳолатеро, ки бар ман хашм мегирӣ, медонам»

Оиша гуфт:

- Аз куҷо ин ҳолатҳои маро мефаҳмӣ?

Расулуллоҳ гуфт:

«Аммо ҳолате, ки аз ман хушҳолу розӣ бошӣ пас дар суханонат мегуӣ: Не, савганд ба Парвардигори Муҳаммад ва агар норозӣ бошӣ мегӯӣ: Не, савганд ба Парвардигори Иброҳим».

Оиша гуфт:

- Оре, Эй расули Худо, қасам ба Худо ман ба ҷуз номатон чизеро тарк намекунам.

*(Ин ҳадисро Бухориву Муслим ривоят кардаанд).*

Бар тамоми мардони уммат лозим аст, ки аз расули Худо муомила карданро бо ҳамсар омӯзанд. Зан таъсирпазир буда, сухани нармро меписандад ва бо меҳр ва бо табассуму хушҳолӣ бо вай муомила намуданро дӯст медорад. Агар шавҳар бо вай чунин муомила намояд зан худро бисёр хушнуд меҳисобад, аз хушию шодмонӣ ба фараҳ меояд.

## ФОИДАҲОИ ИЛМИЕ, КИ АЗ ИН ҲАДИС ВА ҲАДИСИ ҚАБЛӢ ҲОСИЛ МЕШАВАНД

Дар ин ҳадис маноқиб ва авсофи ҳамидаи Оиша(р) ба таври равшан инъикос ёфтааст. Онҳое, ки интизорӣ кашида ҳадяҳои худро танҳо дар навбати Оиша ба Расули акрам (с) тақдим мекарданд, ин корро ба ихтиёри худашон мекарданд, бе он ки Паёмбар (с) ба онҳо амр ё пешниҳод карда бошад. Паёмбар (с) ба он хотир онҳоро аз ин амал боз намедошт, ки даст задан ба чунин коре аз камоли ахлоқ дур аст, зеро он маънои талабидани ҳадя аз мардумро дорад. Аз ин ҳадис бармеояд, ки

мардум ҳангоми хурсандӣ ҳадя медодаанд, то ки он сабаби зиёд шудани муҳаббати якдигар гардад. Аз ин маълум мешавад, занҳо барои ба даст овардани муҳаббати шавҳар бо якдигар мусобиқа мекардаанд ва ба якдигар рашк мебурдаанд. Мард метавонад ҳангоми баҳси занҳояш сукут карда, аз ҳеҷ кадомаш пуштибонӣ накунад.

Аз ин househ дониста мешавад, ки шикояту гила кардан ба шавҳар, ҳатто ба василаи миёнарав ,ҷоиз аст. Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки ҳамсарони Паёмбар (с) вайро ниҳоят эҳтиром намуда, аз эшон ҳаё мекардаанд, бори аввал ҳатто худашон нарафта, азизтарин кас дар назди Расулуллоҳ, яъне Фотима (р)-ро ҳамчун намоянда фиристоданд.

Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки ҳамсарони он ҳазрат ниҳоят занҳои бофаҳм буда, дарҳол ба ҳақ бармегаштанд.

Умми Саламаро бубин, ки дарҳол аз кори худ пушаймон шуда, тавба намуд. Аз ин ҳадис маълум шуд, ки дигар ҳамсарони Расулуллоҳ(с) ба хотири он ҳамсарашон Зайнаб духтари Ҷаҳшро намоянда фиристоданд, ки Зайнаб инчунин духтари аммаи пайғамбар буд.

Паёмбар (с) Зайнабро маъзур шуморида, ҷазояш надод бо он, ки вай аз Расулуллоҳ дар муҳаббат адлу баробарӣ талаб кард, зеро оташи рашк бар ӯ ғалаба карда буд, ҳол он ки Зайнаб худаш медонист, ки одилтарини мардум Расулуллоҳ (с) аст.

*(«Фатҳ-ул -борӣ, с. 246, ҷ.5.)*

## МУСОБИҚАИ ПАЁМБАР (С) БО ОИША

Аз худи Оиша ривоят аст, ки гуфт:

Дар сафаре ҳамроҳи Расули акрам (с) будам. Расулуллоҳ ба ман гуфт:

«Биё бо ту мусобиқа бикунам».

Оиша мегӯяд:

-Ман бо он ҳазрат ба мусобиқаи давидан пардохта, он касро дар давидан пешдастӣ кардам. Баъдан чун ман синну солам бузургтар шуд ва боз бо он ҳазрат ба мусобиқа пардохтем он кас маро мағлуб сохту гуфт:

«Эй Оиша ин дар баробари он бохти пешина»

*(Ин ҳадисро Аҳмад ва Абудовуд ривоят карда, Албонӣ саҳеҳаш гуфтааст.)*

## ФАЗЛУ БАРТАРИИ ОИША БАР ЗАНОНИ ДИГАР

Аз Анас ибни Молик(р) ривоят кардаанд, ки гуфт:

- Аз Паёмбар(с) шунида будам, ки мегуфт: «Бартарии Оиша бар занон мисли бартарии сарид[11] аст бар хӯрокҳои дигар»

*(Ин ҳадисро Бухориву Муслим ривоят кардаанд).*

[11] *Сарид – беҳтарини навъе аз таом дар он давр, ки пораҳои нонро дар шӯрбои гуштӣ тар мекарданд.*

## САЛОМ ФИРИСТОДАНИ ҶАБРАИЛ (Ъ) БАР ОИША

Аз Оиша ривоят кардаанд, ки Паёмбар (с) ба вай гуфт: «Ҷабраил ба ту салом мегӯяд».

Оиша дар ҷавоб гуфт:

Салом ва раҳмати Худо бар вай бод.

*(Ин ҳадис бо ривояти Бухориву Муслим аст).*

## ФОИДАҲОИ ИЛМИИ ИН ҲАДИС

Нававӣ гуфтааст:

- Дар ин ҳадис баёни фазилати Оиша (р) равшан аст. Аз ин ҳадис бармеояд, ки салом фиристодан мустаҳаб аст. Намояндаро лозим аст, ки саломро ба шахси маълумшуда бирасонад. Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки агар хавфи фасод набошад, марди бегонаи солеҳ метавонад ба зане салом бифиристад ва бояд мард ҷавоби саломи фиристодашударо бидиҳад.

## РАСУЛИ АКРАМ БА ҶУЗ ОИША (Р) ЗАНИ ДӮШИЗАИ ДИГАРЕ НАГИРИФТА БУД

Аз Оиша ривоят аст, ки ба Расули Худо гуфт:

- Фикри хешро барои ман дар ин бора баён кунед, ки агар ба водие фурӯд оед ва дар он ҷо буттае бошад, ки он хурда шудааст ва буттаи дигаре бошад, ки онро чорпое даҳон назада бошад, шумо уштуратонро дар кадоми он мечаронед (мурод аз буттаи хурдашуда, зани

шавҳардида ва буттаи нохӯрда, духтари шавҳар надида аст). Расули акрам фармуд:

«Уштури худро дар он буттае хоҳам чаронд, ки ба он чорпое даҳон назадааст». Оиша мехоҳад бо ин масалаш баён кунад, ки Расулуллоҳ (с) ғайр аз ман зани шавҳарнодидае нагирифтааст.

*(Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст).*

## СӮҲБАТИ ОН ҲАЗРАТ БО ОИША (Р) ДАР САФАР

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт:

«Расули Худо (с) ҳар гоҳе, ки ба сафаре мебаромаданд миёни ҳамсарони худ қуръа[12] меандохтанд. Қуръа ба номи ҳар кӣ мебаромад, дар он сафар вай он ҳазратро ҳамроҳӣ мекард. Боре қуръа ба номи Оишаву Ҳафса баромад, пас ҳарду ҳамроҳи он ҳазрат ба сафар баромаданд. Чун шаб шуд, Расули акрам (с) ҳамроҳи Оиша сайр намуда, бо вай сӯҳбат мекард.

Ҳафса ба Оиша гуфт:

- Оё ту ба уштури ман савор намешавӣ ва ман ба уштури ту савор шавам, то ончиро, ки ту мебинӣ, ман ҳам бубинам?

Оиша гуфт:

- Бале савор мешавам.

---

[12] *Барои кашидани Қуръа масалан, чаҳор пора когазро мегирифтанд ва дар яке аз онҳо сафар навишта, боқиро холӣ мегузоштанд ва ба чаҳор зан мегуфтанд, то аз онҳо якеро интихоб кунанд. Когази сафарнавишташуда ба дасти касе, ки меафтид вай сафар мекард.*

Пас Оиша уштури Ҳафсаро савор шуд ва Ҳафса ба уштури Оиша. Расули акрам (с) ба назди уштури Оиша, ки акнун Ҳафса бар он савор буд омада, салом карду ҳамроҳи вай сайр намуд ва дар ҷое фурӯд омад. Оиша (р) чун ин ҳолатро дид, ғайраташ ҷӯш зад. Чун фурӯд омаданд, Оиша пойҳои худро дар миёни гиёҳҳои изхир (найи хушбӯй, муаттар) гузошт ва мегуфт:

Худоё каждуме ё мореро бар ман мусаллат гардон, то маро неш бизанад. Чун шавҳарам расули туст наметавонам чизе бигӯям.

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ривоят кардааст).*

## БА ИҶРО РАСОНИДАНИ ПАЁМБАР ХОҲИШОТИ ОИШАРО

Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки гуфт:

- Мо ба ҷониби Макка руй овардем, дар ҳоле, ки эҳроми ҳаҷ баста будем ва Оиша ҳаҷҷи Умраро ният карда буд. Замоне, ки ба мавзеи Сарф расидем Оиша ҳайз дид. Расули Худо даромаду вайро дар ҳоле дарёфт, ки мегирист. Расулуллоҳ (с) ба вай гуфт:

- Сабаби гиряат чист?

Оиша гуфт:

- Ман ҳайз дидам.

Расулуллоҳ (с) гуфт:

- Ин чизест, ки онро Худо бар духтарони одамизод нивиштааст, пас ғусл бикуну баъдан эҳроми ҳаҷро ният бикун.

Оиша ҳамин тавр карда, ғайр аз тавоф дигар ҳамаи ибодатҳои ҳаҷро анҷом бидод ва чун аз ҳайз пок шуд тавофи Каъба ва саъйи Сафову Марварро ба ҷо овард.

Баъдан Расулуллоҳ (с) ба вай гуфт:

- Ту, ҳам аз ҳаҷҷат ва ҳам аз умраат, аз ҳарду, пурра ҳалол шудӣ.

Оиша гуфт:

- Эй Расули Худо, дар дилам фикрҳои ҳархеларо меёбам, ки ман аввал ҳаҷро анҷом дода, пас аз он тавоф кардам, ҳол он ки бояд пеш аз ҳама тавоф мекардам. Расулуллоҳ (с) марди нармахлоқ ва поксиришт буд. Агар Оиша чизе мехост, дархости ӯро анҷом медод. Пас, Оишаро ҳамроҳи бародараш Абдурраҳмон ибни Абубакр фиристод ва вай аз минтақаи Танъим аз нав эҳроми умра баст.

*(Ин ҳадис бо ривояти Муслим аст).*

## РАСУЛУЛЛОҲ (С) ИНТИЗОР ШУДАНД, ТО ОИША УМРААШРО АНҶОМ ДИҲАД

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) дар минтақаи Муҳассаб интизор шуданд, то он ки Оиша аз «Танъим» дубора эҳроми умра баста ва умраро анҷом дода, нисфи шаб ҳамроҳи бародараш баргашт. Баъдан расулуллоҳ (с) ёронро хабар кард, то кӯч барбанданд. Пас аз Муҳассаб берун рафта, ба хонаи Каъба гузашта, ба гирдаш пеш аз намози субҳ тавоф намуд.

*(Ин ҳадис ривоят аз Бухорӣ  ва Муслим аст).*

Дар ривояте аз ривоятҳои Бухорӣ чунин аст:

Абдурраҳмон ва Оиша (р) ҳар ду омаданд, пас Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

- Ҳар дуятон умраро анҷом додед?

Гуфтанд:

- Оре.

Пас, дар миёни ёрон нидо кард, то кӯч барбанданд. Пас, мардум аз он ҷо ба Мадина баргаштанд.

## НАПАЗИРУФТАНИ ОН ҲАЗРАТ (С) ДАЪВАТИ ҲАМСОЯАШРО БА ХОТИРИ ОИША

Аз Анас (р) ривоят аст, ки Расулуллоҳ (с) ҳамсояе дошт, ки форсизабон буд ва ниҳоят шӯрбои болаззат мепухт.

Рӯзе барои Расулуллоҳ (с) шӯрбо пухта омад, то он касро даъват кунад , Расулуллоҳ (с):

-Инро ҳам даъват кунед, - гуфта, ба Оиша ишорат намуд.

Он мард гуфт:

- На, фақат шуморо.

Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

- Дар ин сурат даъвати туро намепазирам.

Он мард боз баргашта Паёмбар (с)-ро даъват намуд ва он ҳазрат боз гуфт:

-Ва инро ҳам?

Он мард гуфт:

- На, фақат шуморо

Расулуллоҳ (с) гуфт:

- На, дар ин сурат даъватро қабул намекунам.

Он мард дафъаи саввум омада он ҳазратро даъват карданд ва он ҳазрат боз гуфтанд:

- Инро ҳам?

Он мард дар дафъаи саввум розӣ шуд:

Пас, Расулуллоҳ (с) ва Оиша аз ҷой бархоста, ҳамроҳ ба хонаи он мард рафтанд.

*(Ин ҳадисро имом Муслим ривоят кардааст)*

## ИҶОЗА ДОДАНИ ОН ҲАЗРАТ (С) ОИШАРО БАРОИ МУШОҲИДАИ БОЗИИ ҲАБАШИҲО

Оиша (р) мегӯяд:

- Расули Худоро дидам, ки ба дари ҳуҷраи ман истода буд ва ҳабашиҳо дар масҷид бо найзаҳои худ найзапартои мекарданд. Расулуллоҳ (с) маро ба чодари худ пушонд, то ба хубӣ бозии онҳоро тамошо кунам. Расулуллоҳ (с) чунин мекард ва ба хотири ман меистод, то ки ман худам ба хоҳиши худ аз тамошо даст бикашам. Пас, шумо қадри духтарони навҷавонро, ки ба бозӣ шавқу завқ доранд, бидонед.

*(Инро Бухориву Муслим ривоят кардаанд )*

Дар ривояте бо чунин лафз омадааст, ки рӯзи ид буд ва сиёҳпустон бо сипару найзаҳо ба бозӣ машғул буданд дар чунин ҳолатҳо ё ман аз он ҳазрат хоҳиш мекардам ва ё худашон мегуфтанд:

- Хоҳиши тамошо дорӣ?

Мегуфтам:

- Оре

- Пас, маро дар пушти худ қарор дода, ба ҳабашиҳо мегуфтанд:

- Бозӣ кунед, эй бани Арфида[13]

Ман он андоза тамошо мекардам, ки малолу хаста мешудам.

Он ҳазрат мепурсиданд:

- Бас аст?

---

[13] *Бани Арфида -яке аз лақабҳои ҳабашиён аст.*

мегуфтам:
- Оре.
Бароям мегуфтанд:
- Акнун бирав.

*(Инро Бухориву Муслим ривоят кардааст)*

Расули Худо аввалин шуда, Оишаро ихтиёр кард ва Оишаро низ Худо барои Расули акрам (с) насиб гардонид. Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки гуфт:

- Абубакр (р) омад, то аз Паёмбар (с) иҷозати даромадан гирад. Мардумро дид, ки дар пушти дари он ҳазрат нишастаанд ва ба ҳеҷ яке иҷозати духул дода нашудааст.

Ҷобир мегӯяд:

- Ба Абубакр (р) иҷозат шуд, то ба хонаи он ҳазрат дарояд. Баъдан Умар (р) омаду иҷозат хост ва пас аз иҷозат вориди хона шуд. Пас дид, ки Паёмбар (с) ғамгину хомӯш нишастааст ва ҳамсаронаш дар атрофаш давра гирифтанд.

Ҷобир (р) мегӯяд:

Умар худ ба худ гуфт:

- Албатта, чизе хоҳам гуфт, ки Паёмбаро хушнуд созам.

Пас, гуфт:

- Эй Расулуллоҳ! Агар духтари Хориҷа, ки хонуми ман аст аз ман нафақаи бештар ва аз он андоза, ки лозимист талаб кунад аз ҷоям хеста аз гулӯяш гирам, чӣ мешавад?

Расули Худо (с) хандида гуфтанд:

- Инҳо дар атрофи ман ҳамон гунае, ки мебинӣ аз ман нафақаи бештар талаб доранд.

Абубакр (р) аз ҷой бархоста ба Оиша ва Умар ба Ҳафса, ки духтаронашон буданд рӯй оварда маломаткунон гуфтанд:

Шумо аз Расули Худо (с) он чиро талаб доред, ки вай онро надорад?

Онҳо гуфтанд:

- Қасам ба Худо дигар ҳеҷ гоҳе аз Расулуллоҳ (с) он чизро, ки надорад талаб намекунем. Баъдан Расулуллоҳ (с) як моҳ ё худ бисту нуҳ рӯз аз онҳо канорагирӣ кардаанд, то ин ки ояти зерин ба он ҳазрат нозил шуд:

Сухани Худо:

**Эй Паёмбар, ба занонат бигуй:**

**Агар хоҳони зиндагии дунё ва зинатҳои он бошед, биёед, то шуморо баҳраманд созам ва ба ваҷҳи неку раҳоятон кунам. Ва агар хоҳони Худову Паёмбари Ӯ ва саройи охират бошед Худо ба некукоронатон подоше бузург хоҳад дод».**

*(Сураи Аҳзоб, оятҳои 28-29)*

Ҷобир гуфт:

Расули Худо (с) пурсишро аз Оиша оғоз карда, гуфтанд:

- Эй Оиша ман мехоҳам фармонеро ба ту арз намоям, вале мехоҳам, ки дар ҷавоби он шитоб накунӣ ва аз падару модарат машварату маслиҳат бипурсӣ.

Оиша гуфт:

-Он чи гуна амру фармон аст, эй Расулуллоҳ? Пас, ҳазрати Муҳаммад (с) оятҳои фавқро тиловат карданд.

Оиша гуфт:

-Оё дар мавриди ту, эй расули Худо, аз падару модарам маслиҳат пурсам? Ман Худо ва расули Ӯ ва

саройи охиратро ихтиёр мекунам ва аз шумо хоҳиш дорам, ки ба ҳамсарони дигаратон интихоби маро хабар надиҳед.

Расулуллоҳ (с) гуфт:

- Ҳар касе аз ҳамсаронам ҷавоби туро аз ман пурсон шавад ҳатман, ба вай хабар медиҳам. Зеро Худо маро машаққатбарангезу хоҳандаи лағжиши дигарон нафиристода, балки муаллим ва роҳнамо фиристодааст.

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ривоят кардааст).*

Ин ҳадис далолат бар он аст, ки Паёмбар (с) дар ҳар чизе, ки хайру хубии ҳамсаронаш дар он буд, кӯшиш мекарданд онҳоро ба ҷониби он роҳнамо бошанд. Нисбати онҳо дилсӯз ва ғамхору ғамгусор буданд ва дар таълими ҳақ касеро канор намегузоштанд. Аз ҳамин ҷиҳат талаби Оишаро, ки ҷавобашро ба ҳеҷ яке аз дигар ҳамсарон нарасонад, напазируфтанд, зеро ҷавоби Оиша (р) ҷавоби хирадмандона ва ба манфиати азвоҷи мутаҳҳарот буд.

## ШАФҚАТУ МЕҲРУБОНИИ ПАЁМБАР (С) НИСБАТ БА ОИША (Р)

Оиша (р) гуфт:

- Оё барои шумо қиссае аз расули Худо ва худамро бикунам?

Гуфтанд:

- Оре.

Гуфт:

- Яке аз шабҳое, ки Паёмбар (с) меҳмонам буд ҳазрат ба наздам баргашту чодарашро гузошт ва пойпушҳояшро аз по кашид ва дар поёни ҷойи хоб дар назди пойҳояш гузошт ва як тарафи руйпушашро бар ҷойгаҳаш густурд ва якпаҳлӯ хобид. Он миқдор қарор гирифт, ки гумон кард хоби ман бурдааст. Пас, боло шуду оҳиста пойпушҳояшро гирифт ва дарро кушоду берун шуд ва оҳиста дарро баст. Ман либосамро пушида, рӯймоламро ба сарам кардам ва аз пайи он ҳазрат равон шудам. Эшон ба гуристони «Бақиъ» рафта, дуру дароз рост истоданд ва се бор даст бардошта, баргаштанд. Ман ҳам, ки аз эшон дуртар меистодам баргаштам. Паёмбар (с) каме шитоб кард, ман ҳам шитофтам, давид, ман ҳам давидам. Тезтар давид, ман ҳам суст наомадам.

Ба ҳамин минвол пеш аз эшон ба хона даромада, зуд ба паҳлӯ дароз кашидам. Дере нагузашта, эшон вориди хона шуданд ва ман, ки бедор будам бо тааҷҷуб пурсиданд:

- Ба ту чи шудааст эй Оиша? Чаро зуд-зуд ба мисли шахси давида нафас гирифта истодаӣ?

Гуфтам:

- Ягон чизи нохуш нашудааст.

Он ҳазрат гуфтанд:

- Ё маро хабар медиҳӣ ё Худованди меҳрубон ва аз ҳама чиз огоҳ маро хабар хоҳад дод.

Гуфтам:

- Падару модарам фидоятон, эй расули Худо ва ҳамаи воқеаро аз аввал то охир нақл кардам.

Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

- Пас, он шахсе, ки пеш-пешам медавид, ту будӣ?

Оиша гуфт:

Оре.

- Пас навозишкорона бо дасташ ба синаам фишор дод, ки каме дард ёфтам.

Сипас гуфтанд:

- Оё ту мепиндорӣ, ки Худо ва расули вай ба ту зулму ҷабр мекунанд?

Оиша гуфт:

- Мардум ҳар андоза амалҳояшонро пинҳонтар кунанд, Худо онро медонад.

Расулуллоҳ (с) гуфт:

- Ҷабраил ба наздам омада буд.

Пас, маро ҷеғ зад ва аз ту пинҳон шуд. Вай ба хонаи ту надаромад, чунки ту кайҳо ба ҷойгоҳи хоб даромада будӣ ва ман пиндоштам, ки ту хобидаӣ. Пас, нохуш шуморидам, ки бедорат кунам. Тарсидам, ки ваҳшатзада хоҳӣ шуд.

Пас, Ҷабраил гуфт:

- Парвардигорат ба ту амр менамояд, ки ба назди аҳли «Бақиъ» биравӣ ва барояшон талаби омӯрзиш намоӣ.

Оиша гуфт:

Ман ҳангоме, ки барои аҳли «Бақиъ» истиғфор хостанӣ шавам, чӣ гуна барояшон истиғфор гӯям?»

Паёмбар гуфт:

**-Бигӯй, ки Ассалому ало аҳлиддиёри миналмуъминина вал муслимина ва ярҳамуллоҳул мустақдимина минно вал мустаъхирина ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун. (Салом бар аҳли диёр, ки муъмину мусулмон буданд ва Худо пешрафтагони мо ва боқимондагонро раҳмат кунад ва мо агар Худо хоҳад, ба шумо хоҳем пайваст).**

*(Ин ҳадисро Имом муслим ривоят кардааст).*

Аз ин ҳадис меҳрубонии Паёмбар (с) нисбат ба Оиша (р) фаҳмида мешавад. Паёмбар нахост, ки ҳамсарашро аз хоби ноз бедор кунад, аз ин хотир дарро оҳиста кушод ва оҳиста баст. Тарзе аз таҷриба маълум аст, шахси бедор, шабона, аз танҳоӣ бим мекунад, вале одами хоб танҳоиро ҳис намекунад.

*(Шарҳи «Саҳеҳ»-и Муслим с. 46-47, ҷ.7.)*

## ХУШБӮЙИ МОЛИДАНИ ОИША (Р) ПАЁМБАРРО ВА ШОНА КАРДАНАШ МӮЙИ ОН ҲАЗРАТРО

Аз Оиша (р) ривоят мекунанд, ки гуфт:

- Дар дасти ман атри «Зарира» буд ва дар ҳаҷҷатулвадоъ (ҳаҷҷи вопасин) Расули Худоро ҳангоми ҳалол шуданаш (аз маҳзуроти иҳром баъди санг задан ва сарро тарошидан) ва ҳангоми иҳромбандияш хушбӯй намудам.

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ривоят кардааст)*

Боз аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт:

- Расулуллоҳ (с) ҳангоме, ки эътикоф менишаст сарашро ба ман наздик меовард (дар ҳоле, ки Ӯ худ дар масҷид буду ман даруни хуҷраам). Пас, ман сарашро шона мезадам. Ба ғайр аз ҳоҷати инсонӣ дигар барои чизе ҳангоми эътикоф дохили хона намегашт. Дар ривояте бо ин лафз омадааст, ки Оиша сари Расулуллоҳ (с)-ро шона мекард, ҳол он ки Оиша дар ҳолати ҳайз буду ( дар дохили ҳуҷрааш буд ва он ҳазрат дар масҷид эътикоф нишаста буд. Он ҳазрат сарашро аз дари ҳуҷра, ки дар шафати девори масҷид буд ба Оиша, ки дар ҳуҷрааш буд наздик месохт ва Ӯ сарашро шона мекард.

*(Ривояти Бухориву Муслим)*

## ҒУСЛ КАРДАНИ ОИША (Р) ҲАМРОҲИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) АЗ ЯК ЗАРФИ ОБ

Оиша (р) гуфтааст:

- Ман ва Расулуллоҳ (с)  аз як зарф ғусл мекардем. Зарфро дар байни ҳардуямон гузошта, аз он ҳар кадомамон барои худ об мегирифтем, то он ки мегуфтам:

Барои ман ҳам об бимон. Ба қавли Оиша (р) ғусли ҳарду аз ҷанобат буд.

*(Ҳадис бо ривояти Имом Муслим).*

## НАМОЗ ХОНДАНИ ОН ҲАЗРАТ ДАР БИСТАРЕ, КИ ОИША (Р) БАР ВАЙ ХОБИДА БУД

Оиша (р) гуфтааст:

- Расули Худо намоз мегузориданд. Ман бошам дар миёни вай ва қибла дар ҳолати хоб қарор доштам.

*(Ҳадис бо ривояти Бухориву Муслим).*

## БЕДОР КАРДАНИ ОН ҲАЗРАТ ОИШАРО БАРОИ НАМОЗИ ВИТР

Оиша (р) мегӯяд:

Расулуллоҳ (с) намози шабро мегузорид ва чун витр мехонд мегуфт:

- Эй Оиша бархез ва витрро бигузор!

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ривоят кардааст)*

Боз Оиша (р) мегӯяд:

Расулуллоҳ (с) намози шаб мегузорид, ҳол он ки ман дар пеши руйи ӯ хуфта будам. Чун витр боқӣ мемонд он ҳазрат маро бедор мекард ва ман витрро мегузоридам.

*(Ҳадис бо ривояти Имом Муслим)*

## СӮҲБАТ КАРДАНИ ОН ҲАЗРАТ БО ОИША, ПАС АЗ СУННАТИ БОМДОД

Оиша (р) мегӯяд:

- Чун Расулуллоҳ (с) ду ракаъат суннати бомдодро мехонд, агар ман бедор мебудам бо ман сӯҳбат мекард,[14] дар ғайри он якпаҳлӯ дароз мекашид.

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ривоят кардааст).*

## АМР КАРДАНИ РАСУЛИ ХУДО (С) ОИШАРО БА РИФҚУ НАРМӢ

Оиша мегӯяд:

- Гурӯҳе аз Яҳудон аз расули Худо иҷозати даромадан гирифта, дар вақти даромадан ба ҷои салом гуфтанд:

- Ассому алайкум, яъне марг ба шумо.

Оиша (р) ба онҳо гуфт:

- Балки марг ва лаънат бар худи шумо.

Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

- Эй Оиша! Аллоҳ дар тамоми корҳо нармию хушрафториро дӯст медорад.

Оиша(р) гуфт:

Оё нашунидӣ, ки онҳо чӣ гуфтанд? Расули акрам (с) гуфтанд:

- Охир ман дар ҷавобашон ва алайкум гуфтам, яъне ва бар шумо низ.

*(Ин ҳадис бо ривояти Бухориву Муслим аст).*

Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки Оиша (р) зани донову зирак буда, хабосати яҳудиён ва макру фиребу найрангҳои ононро зуд мефаҳмидааст. Худо аз Оиша (р) розӣ бод. Вай ниҳоят донову ҳаким буд.

## САВДА ДУХТАРИ ЗАМЪА-ЯКЕ АЗ ҲАМСАРОНИ ОН ҲАЗРАТ НАВБАТАШРО БА ОИША (Р) БАХШИД, ТО РАСУЛУЛЛОҲ (С)-РО ХУШҲОЛ СОЗАД

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт:

- Чун Савда духтари Замъа бузургсол гашт ва хавф бурд, ки мабодо расулуллоҳ (с) аз вай ҷудо шавад гуфт:

---

*[14] Маълум мешавад, ки пас аз суннати бомдодро хондан гап задан раво буда, ин ақида, ки сухан гуфтан баъди суннати бомдод савобашро кам мекунад хато аст.*

- Эй расули Худо (с) рӯзи навбатамро барои Оиша қарор бидеҳ. Расулуллоҳ (с) инро аз вай пазируфт. Пас аз ин Оиша ду рӯз навбат дошт ва боқии ҳамсарон якрӯзӣ

*(Ин ҳадисро Абудовуд ривоят кардааст ва Албонӣ онро саҳеҳ гуфтааст)*

## ХУСУСИЯТҲОИ ОИША (Р)

Ибни Саъд аз Оиша ривоят кардааст, ки гуфт:

- Ман бо даҳ хусусият аз дигар занони Паёмбар (с) бартарӣ дода шудаам:

1. Расули акрам ба ҷуз ман зани бокирае нагирифта буд;
2. Ҳеҷ яке аз ҳамсарони он ҳазрат ғайр аз ман падару модари муҳоҷир надоштанд;
3. Худо аз осмон барои исботи покии ман оятҳо фиристод;
4. Ҷабраил сурати маро дар дохили порчаи ҳарир барои он ҳазрат (с) овард;
5. Гуфт: «Инро ба никоҳ дарор, ки ин ҳамсари туст»;
6. Ман ҳамроҳи он ҳазрат аз як зарф ғусл мекардам ва он ҳазрат ин амалро бо ҳеҷ яке аз ҳамсарони дигараш накарда буд;
7. Ҳангоми бо ман дар хонаи ман будани он ҳазрат, барояш ваҳй нозил мешуд ва ҳеҷ боре дар вақти бо дигар ҳамсаронаш будан ва дар хонаи онҳо будан барояш ваҳй наомада буд;
8. Худованд рӯҳи он ҳазратро дар ҳолате қабз фармуд, ки он кас дар бағали ман буданд;
9. Дар ҳамон шабе фавтид, ки мутобиқ ба навбати ман буд;

10. Дар хонаи ман гӯронда шуд.

Боз ибни Саъд аз Оиша чунин ривоятеро меорад, ки гуфт:

- Маро хислатҳое дода шуд, ки ба ҳеҷ зане дода нашудааст:

1. Расулуллоҳ (с) маро дар ҳафтсолагиам никоҳ кард;
2. Малоика дар болои дастонаш сурати маро овард пас, расулуллоҳ (с) онро дид;
3. Расулуллоҳ (с) дар нӯҳсолагиам бо ман ҳамбистар шуд;
4. Ман Ҷабраилро дидаам ва ҳеҷ як зани дигаре вайро надидааст;
5. Ман дӯстдоштатарин зани он ҳазрат (с) будам;
6. Падарам маҳбубтарин ёри Паёмбар буданд;
7. Расулуллоҳ (с) бемор шуд ва ман он касро бемордорӣ кардам;
8. Қабзи рӯҳ шудани он ҳазратро ба ғайри ману фариштагон касе аз махлуқот надид.

*(Аз китоби «Субулалҳудо варрашод», с. 187,ҷ.11.)*

## ҒАЙРАТИ (РАШКИ) ОИША БА ХОТИРИ РАСУЛУЛЛОҲ (С)

Оиша мегӯяд:

- Расули акрам шабона аз наздам берун рафтанд.

Пас, ман аз рашк пешонӣ гирондам. Он ҳазрат омада ин ҳоли манро диду гуфт:

- Оё шайтонат ба наздат омад?

Гуфтам:

- Эй расули Худо, оё ҳамроҳи ман низ шайтон вуҷуд дорад?

Гуфт:

- Оре.

Гуфтам:

- Ҳамроҳи шумо ҳам, ё Расулуллоҳ (с)?

Гуфт:

- Оре, лекин Парвардигорам маро бар зидди вай ёрӣ кард, то он ки ислом овард.

*(Ин ҳадис бо ривояти Муслим)*

## ПАДАРУ МОДАРАМ ФИДОИ ТУ БОД!

Аз Оиша ривоят аст, ки гуфт:

- Шабе расули Худоро надидаму гумон кардам, ки маро гузошта ба назди ягон ҳамсари дигараш рафтааст. Пас, ҷустуҷӯ карда бинам, ки он кас дар рукӯъ ё саҷда чунин гуфта истодаанд:

- Субҳонака ва биҳамдика ло илоҳа илло анта.

Пас, гуфтам:

- Падару модарам фидоят, эй расули Худо, ман кимчӣ фикрҳо кардаму ту бошӣ, дар ибодат қарор дорӣ.

*(Ин ҳадис бо ривояти Имом Муслим ва Насоӣ).*

## ФУРУД ОМАДАНИ ВАҲЙИ ОСМОНӢ БАРОИ ИСБОТИ ПОКИИ ОИША

Яке аз бузургтарин фазилатҳои Оиша (р) ин аст, ки Худованд дар бораи вай дар Қуръон ояҳое фиристод, ки он то барпошавии қиёмат хонда мешавад. Дар он ояҳо Аллоҳи зул ҷалоли вал-икром покии Оишаро ало рағми гуфтаҳои тӯҳматчиёну бӯҳтонгарон исбот кард. Пас

маълум шуд, ки он чӣ дар бораи Оиша гуфтанд ҳама тӯҳмату дурӯғ будааст.

Сухани Худо:

**Онҳое, ки он дурӯғи бузургеро сохтаву бофтанд гурӯҳе аз шумоянд. Мапиндоред, ки барои шумо дар он шарре (бадӣ) буд, балки он барои шумо хайр буд. Ҳар яке аз онҳо он касе, ки бештарини ин бӯҳтонро ба ӯҳда дорад ба азобе бузург гирифтор мешавад.**

**Чаро ҳангоме, ки он бӯҳтонро шунидед мардон ва занони муъмин ба худ гумони нек набурданд ва нагуфтанд, ки ин тӯҳмати ошкор аст. Чаро чаҳор шоҳид бар иддаои худ наёварданд? Пас агар шоҳидоне наёварданд дар назди Худо дар зумраи дурӯғгӯёнанд. Агар фазл ва раҳмати Худо дар дунёву охират бар шумо намебуд ба сазои он суханоне, ки гуфтед шуморо азоби бузург мерасид.**

**Он гоҳ, ки он суханро аз даҳони якдигар мегирифтед ва чизе ба забон мерондед, ки дар бораи он ҳеҷ чиз намедонистед ва гумон доштед, ки коре хурд аст ва ҳол он, ки назди Худо коре (дорои гуноҳи) азим буд. Чаро онгоҳ, ки ин суханро шунидед нагуфтед:**

**Моро нашояд, ки онро бозгӯем. Парвардигоро, Ту муназзаҳӣ ин (сухан, ки дар бораи Оиша мегӯянд) тӯҳмати бузург аст. Худо шуморо панд медиҳад, ки агар мӯъмин ҳастед дигар гирди чунин коре нагардед. Худо оятро барои шумо баён мекунад ва Худо доно ва ҳаким аст. Барои касоне, ки дӯст медоранд тӯҳмати зино дар бораи мӯъминон паҳн шавад дар дунё ва охират азоби дардовар муҳаёст. Худо медонад ва шумо намедонед. Чӣ мешуд агар фазл ва раҳмате, ки Худо бар шумо арзонӣ доштааст**

**намебуд**? **Ва ба дурустӣ, Худо меҳрубону бахшоянда аст.**

*(Сураи Нур, ояҳои 11- 20)*

Биёед, Оишаро бигзорем, то ин қиссаро бо тамоми муҳтавиёташ бо диққат барои мо нақл кунад.

Оиша (р) мегӯяд:

- Чун Расули Худо (с) омодаи сафар мешуд дар миёни занонаш қуръа меандохт ва бо номи ҳар кадоме, ки қуръа мебаромад, Паёмбар(с) вайро ҳамроҳи худ мебурд.

Оиша (р) мегӯяд:

- Дар яке аз ғазваҳо Расулуллоҳ (с) миёни ҳамсаронаш қуръа андохтанду қуръа ба номи ман омад.

Пас, ҳамроҳи он ҳазрат (с) ба сафар баромадем. Ин ҳодиса пас аз нузули ояти ҳиҷоб буд. Ман дар дохили каҷоваам мерафтам ва дар ҷойҳое, ки дар аснои сафар меистодем, мефуромадам. Чун Расули акрам (с) ғазваи худро анҷом дода, баргаштанд мо ба Мадина наздик шудем. Шабе,баъд аз истироҳат, хабар карданд, ки кучу боратонро бандед, ки ба роҳ мебароем. Ҳамин ҳолат ман барои қазои ҳоҷат аз урдугоҳ дур рафтаму баъди қазои ҳоҷат ба назди кӯчи худ омада бинам, мӯҳраи гарданам кандааст. Боз гаштаму ба ҷустуҷӯи гарданбандам машғул шудам. Ҷустуҷӯи он маро машғул сохт ва он гурӯҳе, ки ба бору банди ман вобаста буданд, каҷоваи маро бар уштурам бардошта бастанд ва хаёл карданд, ки ман дар дохили каҷоваам.

Оиша дар идомаи суханаш афзуд:

- Занҳо он вақт сабук буданд, фарбеҳу сергушт набуданд, зеро хуроки кам мехурданд. Пас, чун онҳо каҷоваи маро бастанд, парвои сабукию вазниниро накарданд, зеро ман духтари ҷавон будам. Онҳо уштурро

ба роҳ дароварда рафтанд. Ман мӯҳраи гарданамро пас аз рафтани аскарон ёфтаму ба ҷои пешина омада дидам, ки аз онҳо дараке нест. Пас, дар ҳамон ҷое, ки пештар бору бандам буд, истодаму гумон кардам, ки қавм ба ҷустуҷӯи ман хоҳанд омад. Нишастаму хоб бар ман ғолиб омад. Сафвон ибни Муттали Суламӣ дар ақибгоҳи лашкар аввали шаб хобида будааст ва охири шаб ба ҷониби Мадина роҳсипор шудааст. Ҳангоми субҳ вай ба бошишгоҳи ман расиду сиёҳии инсонро дида, наздик омад. Чун маро бидид шинохт, зеро пеш аз фарзияти ҳиҷоб маро дида буд. Ӯ чун маро дид:

«Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиун» гуфт. Аз садои вай ман аз хоб бедор шудам ва бо чодари худ руйямро пушонидам. Савганд ба Худо, вай бо ман гап назад ва ба ғайр аз сухани аввалинаш, дигар сухане нагуфта, уштурашро хобонд ва бо дасташ ишора карду ман ба уштур савор шудам. Вай ресмони уштурро гирифта, пеш-пеш роҳ мерафт, то он, ки ба лашкар расидем, зеро онҳо аз сахтии гармои пешин фурӯд омада буданд. Сарварии тӯҳматгаронро Абдуллоҳ ибни Убай ва Ибни Салули мунофиқ ба ӯҳда дошт. Чун ба Маддина расидем, ман як моҳ бемор шудам. Ҳама мардум дар тӯҳмати дурӯғбофон фурӯ рафта буданду ман бехабар. Ман он нармию лутф ва меҳрубоние, ки расули Худо(с) ҳангоми бемориҳоям бо ман мекард, ин дафъа эҳсос накардам. Аз ин рӯ ман дар тааҷҷуб мондам.

Танҳо даромада «Чӣ тавр ҳастанд?» мегуфт:

- Ва ман гумону шубҳа мекардам, вале асли ҳодисаро эҳсос наменамудам. Пас аз он, ки каме сиҳат ёфтам, ҳамроҳи Умми Мистаҳ ба тарафи мавзеи қазои ҳоҷат равон шудем. Мо танҳо аз ин шаб ба он шаб ба он ҷо мерафтем. Ин пеш аз он буд, ки дар наздики хонаҳоямон ҳоҷатхона бисозем. Одати мо монанди арабҳои аввалин

буд, ки барои қазои ҳоҷат саҳро мерафтем ва дар наздики хона хоҷатхонаҳо надоштем. Хулоса ману модари Мистаҳ роҳ мерафтем, ки ногоҳ вай дар чодари пашмини худ дар монда, қариб меафтид ва дар ҳамин ҳоли саросемагӣ гуфт:

- Мистаҳ ҳалок шавад.

Оиша мегӯяд:

Ман ба вай гуфтам:

- Оё ту мардеро, ки дар ҷанги Бадр иштирок кардааст, дашном медиҳӣ?

Умми Мистаҳ гуфт:

- Эй зани нодон! Оё ту намедонӣ, ки вай дар ҳаққи ту чӣ гуфтааст?

Гуфтам:

- Чӣ ҳам мегуфт?

Умми Мистаҳ бехабар будани маро фаҳмида, гапу калочаи тӯҳматчиёнро ба ман нақл карда дод. Баъд аз шунидани ин суханон, бемориям шиддат гирифт. Ба хона баргаштам.

Чун Расулуллоҳ (с) ин дафъа дохили хона шуду салом дод ва «Чӣ тавр ҳастанд?» гуфт:

Ман гуфтам:

- Оё ба ман иҷозат медиҳед, ки ба хонаи падару модарам равам?

Оиша мегӯяд:

- Ман мехостам ин воқеаро ба таври аниқ аз онҳо бифаҳмам.

Расулуллоҳ(с) ба ман иҷозат доду ман ба хонаи падару модарам рафтам ва ба модарам гуфтам:

- Модарҷон мардум чиҳо мегӯянд?

Модарам гуфт:

- Духтаракам! Худатро ба даст гир. Савганд ба Худо ҳар зане, ки зебо бошад ва шавҳараш вайро дӯст дорад

ва ғайр аз ӯ занҳои дигар дошта бошад, ҳатман, дар ҳаққи вай бисёр чизҳо мегӯянд.

Оиша мегӯяд:

- Субҳоналлоҳ! Оё мардум аллакай чунин суханони дурӯғро дар ҳаққи ман гуфтанд?

Оиша мегӯяд:

- Ман он шаб то саҳар хоб нарафта, беист гиристам. Субҳ дамид, вале ашки чашмонам намехушкид. Ба Расули Худо (с), доир ба ин масъала ваҳй дер боз наёмад, Алӣ ибни Абутолиб ва Усома ибни Зайдро даъват кард, то бо онҳо маслиҳат кунад, ки оё аз ҳамсараш ҷудо шавад ё не.

Оиша мегӯяд:

- Усома ибни Зайд мувофиқи он чӣ аз покии хонадони Расулуллоҳ (с) медонист ва муҳаббате, ки ба онҳо дошт маслиҳат дода гуфт, ки эй расули Худо, онҳо аҳли хонадони ту ҳастанд, ман ба ҷуз хубию покию покдоманӣ чизе дар бораи онҳо намедонам. Аммо Алӣ ибни Абутолиб чунин гуфт:

- Худованд барои ту маҳдудият наофаридааст. Ғайри Оиша занҳо бисёранд ва агар духтаракеро, ки ҳамеша ҳамроҳи Оиша аст бипурсӣ росташро бароят хоҳад гуфт. Оиша мегӯяд:

Пас Расулуллоҳ(с) Барираро даъват карда гуфт:

- Оё ту ягон ҳаракати ноҷоеро аз Оиша дидаӣ, ки туро дар шубҳа андозад?

Барира дар ҷавоб гуфт, ки қасам ба зоте, ки туро барҳақ фиристод, ман аз вай ягон кореро надидаам, ки ӯро айбдор намоям. Он айбе, ки мепурсед, дар Оиша вуҷуд надорад, фақат ҳамин қадар, ки ӯ духтари ҷавон аст ва дар назди хамири хонаводa агар хобаш барад ва мурғҳо хамирро канда баранд, аз хоб бедор намешавад,

ки ин одати бисёре аз духтарон аст ва ба ин намешавад духтарро айбдор кард.

Оиша мегӯяд:

- Пас, Расулуллоҳ (с) болои минбар баромад, то бар зидди Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салули мунофиқ ёридиҳанда бихоҳад. Ба ин хотир ҳазрат болои минбар баромада гуфт:

- Эй ҷамоаи мусалмонон! Кӣ маро ёрӣ медиҳад бар зидди марде, ки озору азиятҳои вай ба аҳли хонадони ман расидааст? Ман аз аҳли хонадони худ ба ҷуз некӣ чизи дигареро намедонам.

Ва ин ашхоси тӯҳматчӣ мардеро бо Оиша тӯҳмат мебанданд, ки ман аз он мард ҷуз хайру хубӣ надидаам ва ба хонадонам танҳо ҳамроҳи худам дохил мешавад. Пас, Саъд ибни Муъози Ансорӣ аз ҷой баланд шуд ва чунин гуфт:

- Ман шуморо ёрӣ хоҳам кард. Агар аз қабилаи Авс бошад, гарданашро мезанем ва агар аз бародарони Хазраҷии мо бошад, пас ҳар чӣ ту фармоӣ ,ҳамон гуна мекунем. Саъд ибни Убода аз ҷояш бархоста, гуфт:

- Қасам ба Худо дурӯғ гуфтӣ. Ту вайро намекушӣ ва қудрати куштан ҳам надорӣ. Саъд ибни Убода марди солеҳе буд, лекин ғазаб ақлашро тира сохт. Вай яке аз бузургони Хазраҷ ба шумор мерафт. Писари амаки Саъд ибни Муъоз-Усайд ибни Ҳузайр хест ва ба Саъд ибни Убода гуфт:

- Қасам ба Худо, ту дурӯғ гуфтӣ, мо тӯҳматчиро хоҳем кушт. Ту аз ин ҷиҳат вайро пуштибонӣ карда истодаӣ, ки ту мунофиқӣ ва аз мунофиқон пуштибонӣ мекунӣ. Қабилаи Авсу Хазраҷ ба ҳам шӯриданд, ҳатто наздик буд ба куштор даст бизананд. Вале расули Худо, ки болои минбар буд, онҳоро ором сохт. Ҳама итоаткорона сукут карданд.

Оиша(р) мегӯяд:

- Ман он рӯз ва шаби ояндааш мижа таҳ накардам. Аз гиряи зиёд ашки чашмонам хушкид. Дар ҳамин ҳол будам, ки зане аз ансор иҷозати духул пурсид. Ман ба вай иҷозат додам. Вай даромаду нишаст ва ҳоли маро дида ба гиря омад. Оиша мегӯяд:

- Дар ҳамин ҳолат Расулуллоҳ (с) дохил шуду салом дода нишаст. Аз замоне, ки маро тӯҳмат карданд то ба ин вақт Расулуллоҳ (с) дар назди ман нанишаста буд. Як моҳ гузашт, аммо дар бораи ман ваҳӣ нозил нашуд. Оиша мегӯяд:

- Расулуллоҳ (с) пас аз нишастанашон калимаи шаҳодат гуфта, баъдан фармуданд:

- Аммо баъд, эй Оиша, ба ман дар ҳаққи ту чунин гапҳо расидааст. Агар ту пок бошӣ, албатта, Худо покии туро хоҳад маълум сохт ва агар, мабодо, гуноҳе карда бошӣ аз Худо мағфират бихоҳ ва ба сӯи ӯ тавба намо зеро банда чун ба гуноҳи худ иқрор шуда, тавба кунад Худованд тавбаашро мепазирад. Чун Расулуллоҳ (с) суханашро ба поён расонд аз таъсири ин суханон хостам бигирям, вале дар чашмонам оби дидаро пайдо накардам.

Ба падарам гуфтам:

- Аз ҷониби ман ба суханони гуфтаи расули Худо ҷавоб бидеҳ.

Падарам гуфт:

- Қасам ба Худо, ман намедонам ба Расулуллоҳ (с) чӣ бигӯям.

Ба модарам гуфтам:

- Аз ҷониби ман ба расули Худо посух бидеҳ.

Модарам гуфт:

- Савганд ба Худо, ман ҳам намедонам ба Расули Худо чӣ бигӯям.

Пас, ман гуфтам:

- Ҳарчанд ман ҷавонам ва Қуръонро бисёр наомӯхтаам, бо вуҷуди ин посух медиҳам ва мегӯям:

- Қасам ба Худо, ман намедонистам, ки шумо ин суханро, ки тӯҳмате беш нест шунидаед ва дар дилатон ҷой гирифтаасту онро бовар кардаед. Агар ман бигӯям, ки ман пок ҳастам ва Худо худаш медонад, ки ман пок ҳастам, аммо шумо маро бовар намекунед ва агар ман эътироф кунам ва бардурӯғ иқрор намоям, ки ин ҷиноятро кардаам, ҳол он ки Худо медонад, ки ман пок ҳастам, шумо инро бовар хоҳед кард.

Қасам ба Худо, масале беҳтар барои худам ва шумо аз масали падари Юсуфро намедонам, ки гуфта буд:

**«Фасабрун ҷамил; валлоҳу-л-мустаону ало мо тасифун»**

**Яъне, акнун барои ман сабри ҷамил беҳтар аст ва Худост, ки дар ин бора аз ӯ ёрӣ бояд хост.**

*(Сураи Юсуф, ояи 18)*

Оиша мегӯяд:

- Пас аз ин ба ҷониби дигар гашта, болои бистарам хобидам. Қасам ба Худо, он вақт медонистам, ки ман пок ҳастам ва албатта, Худо покии маро исбот мекунад. Лекин қасам ба Худо, гумон надоштам, ки дар бораи покии ман ваҳйи осмонӣ ва оятҳои Қуръонии тиловатшаванда нозил шавад. Ман худамро пасттар ва поёнтар аз ин меҳисобидам, ки Худованд дар бораи ман сухане гӯяд, ки тиловат карда мешавад. Ман чунин умед доштам, ки Расули Худо (с) хобе бинанду Худо дар он хоб покии маро ба он кас маълум созад.

Оиша мегӯяд:

- Қасам ба Худо, Расули Худо ҳоло он маҷлисро тарк накарда буд ва касе аз аҳли хонадон набаромада буд, ки Худованд ба Паёмбараш ваҳй нозил кард ва он сахтию сангинӣ, ки ҳангоми ваҳй Расулуллоҳро фишор медод ӯро фаро гирифт. Дар ҳолати ваҳй ҳангоми зимистон ҳам аз вазнинии қабули ваҳй арақ аз рӯи муборак мисли донаҳои марворид берун омадан мегирифтанд.

Оиша мегӯяд:

- Чун ваҳй поён ёфт ва он ҳолат аз Расулуллоҳ(с) дур шуд, он ҳазрат табассум кард. Аввалин ҳарфе зад, ин буд, ки «Бароят муждаю хушхабар аст, эй Оиша! Хушхабар ин ки, Худо покии туро ошкор кард».

Модарам ба ман гуфт:

- Ба хотири Расулуллоҳро хидмат кардан аз ҷой бархез ва он касро ташаккур бигӯ.

Ман гуфтам:

- Ғайр аз Худо касеро ҳамду ситоиш ва шукру сипос намегӯям, зеро Аллоҳ буд, ки покии маро тавассути ваҳй собит сохт.

Оиша мегӯяд:

- Худо ин оятҳоро фиристод, ки **«Инналазина ҷоу бил-ифки усбатумминкум»** Худо дар ана ҳамин оятҳо покии маро таввасути ваҳй собит кард. Ҳазрати Абубакр (р) хонадони Мистаҳро, ки хешу табораш буда ва нодор буданд, аз хӯрокаву либос таъмин мекард ва тамоми хароҷоти онҳоро бар дӯш дошт. Пас, чун Мистаҳ бо вуҷуди ин ҳама дар сафи касоне қарор гирифт, ки Оишаро тӯҳмат заданд, Абубакр гуфтанд, ки дигар ба Мистаҳ чизе нахоҳам дод. Пас, Худованд ин оятро нозил кард.

Сухани худо:

**Тавонгарон ва онҳое, ки кушоише дар кори онҳост набояд савганд бихуранд, ки ба хешовандон ва**

**мискинон ва муҳоҷирони дар роҳи Худо чизе нахоҳанд дод. Бояд бибахшанду, бибахшоянд. Оё намехоҳед, ки Худо шуморо биомурзад? Ва Худост омӯрзандаи меҳрубон.**

*(Сураи Нур, ояи 22)*

Пас аз нузули оят Абубакр гуфт:

- Қасам ба Худо, ман мехоҳам, ки Худо маро биомӯрзад.

Пас, мисли пештара ба таъминоти хонадони Мистаҳ пардохт ва гуфт:

- Ҳеҷ гоҳ ин хароҷотро аз вай боз нахоҳам дошт.

Оиша мегӯяд:

- Пеш аз нузули оятҳо расули Худо аз ҳамсарашон Зайнаб бинти Ҷаҳш дар бораи ман пурсида буд, ки оё дар бораи вай чизе намедонӣ ё надидаӣ?

Зайнаб гуфтааст:

- Эй Расули Худо, ман гушу чашмамро нигоҳ медорам ва чизе, ки нашунидаву надидаам намегӯям. Қасам ба Худо, ман дар бораи Оиша ба ғайр аз хубӣ чизе намедонам.

Оиша мегӯяд:

- Зайнаб дар миёни ҳамсарони он ҳазрат ягона касе буд, ки дар зебогию шараф ва манзалату мартаба бо ман муқобилат ва муфохарат ва баробарӣ мекард, аммо чун зани парҳезкору порсо буд, Худо нигоҳаш дошту нахост ба тӯҳмат маро шикаст диҳад. Хоҳари Зайнаб муқобилат карда, бо тӯҳматчиён ҳамроҳ шуда буд. Пас дар зумраи ононе даромад, ки дар ин воқеа ба гунoҳи бузурге мубтало шуданд.

*(Инро Бухориву Муслим ривоят кардаанд).*

Ҳассон аз ин ҳадис гуфт:

Зане пок зи гумону аз шубҳаҳо,
Барӣ аз зинову ҳаме порсо.
Ба ақлу хирад беназир, устувор,
Басе дур аз ғайбати ногувор.
Варо покиву зӯҳд бадон даргаҳ аст,
Ки Аллоҳ покаш бигуфт в-ин бас аст.

Мегӯянд, ки Ҳассон ибни Собит (р)[15] низ аз касоне будааст, ки дар аввал сухани аҳли тӯҳматро ҳамроҳӣ кардааст ва баъдан аз ин кори худ пушаймон шудааст. Ҳазрати Оишаро, Худо аз вай розӣ бод, Худо аз ҳар бадӣ ва зиштӣ покаш сохтааст, агар касе Ҳассонро дар наздаш дашном медод, нороҳат шуда мегуфт:

- Ҳассон буд, ки Расулуллоҳ (с)-ро ҳимоят карда гуфтааст: Падарам, падараш ва обрӯям фидои нигаҳбони обрӯи Муҳаммад (с).

## ФОИДАҲОИ ҲАДИСИ ИФК[16]

Имом Нававӣ фоидаҳои аз ин ҳадис ба бор омадаро зиёд гуфта, панҷоҳучортои онро баён кардааст:

1. Қуръаандозӣ миёни занон дуруст аст;

2.Чун мард чандин ҳамсар дошта бошад ва дар сафараш бархеашонро бурданӣ шавад, бояд миёнашон қуръа андозад;

3. Он муддатеро, ки занони муқим дар ҳолати дар сафар будани шавҳар аз даст медиҳад, қазояш лозим нест;

4. Мард занашро дар сафар ҳамроҳ барад ҷоиз аст;

5. Иштироки занон дар ҷанг ҷоиз аст;

6. Равост, ки занон дар каҷоваҳо савор шаванд;

7. Ҷоиз аст, ки мардҳо дар чунин сафарҳо хидмати занҳоро кунанд;

8.Зан барои қазои ҳоҷат бе иҷозати шавҳар метавонад равад;

9.Хубии кам хӯрдан. Бояд зан кам бихӯрад, то фарбеҳ нашавад, зеро ҳоли занон дар замони Паёмбар ҳамин буд, ва ҳар чизе дар замони ҳазрат хубтару беҳтар буд, онро ихтиёр бояд кард;

10.Ёрӣ додан ба мазлуму бечора ва роҳмонда ва раҳоӣ бахшидани роҳгумкардагон ва икроми шахсиятҳои боobрӯ чи гунае, ки Сафвон(р) ҳамин корҳоро анҷом дод;

11. Боадабона муомила кардан бо занони бегона хусусан замоне, ки бо амри зарурат дар биёбоне ё ҷойи дигаре миёни шумо хилват рух медиҳад. Тарзе, ки Сафвон уштурро бе ягон савол ва сухан хобонд. Дар чунин ҳолатҳо бояд ту пеш-пеш роҳ равию он зан аз қафо на ин, ки  аз паҳлӯ ё пушти вай роҳ паймоӣ;

12. Хуб аст, ки пиёда шавию дар маркабат дигареро савор кунӣ, тарзе, ки Сафвон (р) кард;

13. Ҳангоми мусибати динӣ ё дунявии хешу бегона «ино лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун» гуфтан мустаҳаб аст;

14. Зан бояд дар пеши рӯйи марди номаҳрам рӯйи худро пӯшонад, фарқ надорад, ки он мард, марди солеҳу диндор бошад, ё баръакс;

---

*[15] Ҳассон ибни Собит(р) яке аз саҳобагони Паёмбар буда, ба лақаби «Шоири Расулуллоҳ» машҳур аст.*

*[16] Ифк-дурӯғ ва бӯҳтон. Чун ин ҳадис дурӯғу бӯҳтонеро, ки баъзеҳо дар ҳаққи Оиша бофта буданд нақл мекунад ,онро ҳадиси ифк номидаанд.*

15. Қасам хурдан бе он, ки аз ту инро талаб кунанд, ҷоиз аст;

16. Ниҳоят хуб будани меҳрубонии мард ва навозиш кардани вай занашро ва зиндагонии хуш кардан бо ӯ;

17. Агар воқеъае шавад, бояд мард навозишу меҳрубонияшро нисбати зан кам кунад, то зан инро пай бурда, худро ислоҳ кунад;

18. Хубии ҳолпурсии бемор;

19. Барои зан хуб аст, ки ҳангоми қазои ҳоҷат рафтан, ҳамроҳаш зани дигарро барад, то касе нисбат ба вай ягон қасди бад накунад;

20. Норозӣ будан аз рафиқ ё хешованде, ки ягон бузургеро ранҷонидааст ё ягон кори нохуб кардааст, чуноне, ки Умми Мистаҳ писари худро дуъои бад кард, зеро вай Оишаро тӯҳмат намуда буд;

21. Бузургдошти аҳли Бадр ва пуштибонӣ аз онҳо, он гунае, ки Оиша аз Мистаҳ ҷонибдорӣ кард;

22. Зан бе иҷозати шавҳар набояд ба хонаи падару модараш равад;

23. Машварат пурсидани мард аз дӯстони наздик ва аҳли хонадонаш дар ҳодисаҳо ва мусибатҳое, ки болояш меоянд;

24. Ҷоиз аст, ки шахс агар дар бораи занаш ё касе аз вобастагонаш чизе шунид, барои исботи он пурсуҷӯ кунад, аммо дар ҳаққи бегонагон ин кор нодуруст буда, ҷосусӣ ва кори беҳуда аст;

25. Оиша аз зино пок буд ва он чӣ дар бораи вай гуфтаанд дурӯғ ва тӯҳмати бузурге буд. Ин покии Оиша бо оятҳои равшани Қуръонӣ, бе ягон шубҳа, собит аст. Агар Худо накарда, касе дар покии Оиша шубҳа намояд, кофиру муртад мегардад. Муслимин дар куфри чунин шахс ҳамфикранд. Ибни Аббос ва дигарон гуфтанд:

«Ҳаргиз ҳамсари ягон пайғамбаре зино накардааст ва ин нишонаи муккарам будани Паёмбарон дар назди Худост»;

26. Ҳангоми аз нав расидани неъмат, аз нав шукру сипоси Худоро ба ҷо бояд овард;

27. Бо хешовандон рафту омаду хубӣ бояд кард ва ба қадри тавоноӣ онҳоро ёрӣ бояд дод, агарчӣ бадкирдор ҳам бошанд. Аммо набояд дар кори бад онҳоро ёрӣ дода шавад, балки ёрӣ дар корҳои хуб ҷоиз аст;

28. Бахшидан ва гузаштан аз гуноҳи бадкирдор;

29. Афзалияти садақа ва харҷи мол дар роҳҳои нек;

30. Мустаҳаб аст, ки агар касе қасам хурд, ки фалон корро мекунам ва он корро иҷро накард, бояд кафорати қасамро ба ҷо биёрад;

31. Бузургии Зайнаб модари мӯъминон;

32. Дар шоҳидӣ додан, ростиро пеша кардан;

33. Бузург доштани дӯстдоштаат ба сурате, ки рафиқону дӯстону хидматгузорону итоатгарони вайро пуштибонӣ намуда, онҳоро эҳтиром намоӣ, чуноне, ки Оиша Ҳассонро эҳтиром мекард ба хотири он, ки Ҳассон аз Паёмбар ҳимоят кард.

*(Шарҳи«Саҳеҳ»-и Муслим аз имом Нававӣ, с.113-114, ҷ.7.)*

## ДОНИШМАНДИИ ОИША (Р)

Агар аз илми Оиша(р) бипурсӣ, пас вай дар илм баҳре беканор ва устоди устодон ва муалимаи донишмандон буд. Абумусои Ашъарӣ(р) мегӯяд:

- Агар дар фаҳми маънои ҳадис барои мо саҳобагони Паёмбар (с) мушкилию нофаҳмие пеш меомад, аз Оиша (р) мепурсидем ва мушкиламонро ҳал мекардем. Ҳеҷ гоҳ чунин нашудааст, ки мо аз вай ҳадисеро пурсида бошему ӯ надониста бошад. Аз Ҳишом ибни Урва ибни Зубайр аз падараш ривоят аст, ки гуфт:

- Ман касеро надидаам, ки дар донишмандӣ аз Оиша донотар бошад. Хусусан дар илми Қуръон ва фароиз[17] ва ҳалолу ҳаром ва шеър, донистани таърихи араб ва насабшиносӣ ҳамто надошт. Чӣ гуна Оиша чунин донишманд набошад дар сурате, ки Паёмбари Худо(с) ӯро дар хонадони худ тарбия кардааст. Ӯ аз замоне бо Паёмбар (с) ҳамроҳ шуд, ки духтари хурдсол буд ва аз хурдӣ илмро аз Расули акрам ба таври комил омӯхт ва ҳолатҳоеро аз аҳволи муборaки он ҳазрат мушоҳада кард, ки касе дигар ғайри вай он ҳолатҳоро надида буд ва аз хусусиятҳои расули Худо бештар аз дигарон иттилоъ пайдо кард. Масруқ (р) ба Аллоҳ қасам ёд мекарду мегуфт: «Ман бузургони саҳобаи Расулуллоҳро дидаам, ки аз Оиша дар бораи илми фароиз мепурсиданд». Урва ибни Зубайр[18] ниҳоят шоири ширинсухан буд, ки шеъргуйи барояш ҳеҷ душворӣ надошт. Рӯзе шахсе аз мазмуни шеъри вай дар ҳайрат монду гуфт:

- Ту дар шеър чӣ қадар маҳорати бузурге дорӣ.

Урва ба вай чунин посух дод:

- Маҳорати ман дар пеши маҳорати Оиша ҳеҷ аст, вай дар кадом ҳолате, ки мебуд метавонист он ҳолатро ба шеър баён бикунад. Ато ибни Абирабоҳ мегӯяд:

---

[17] *Маълум мешавад, ки Оиша(р) донандаи илми муҳосиба низ будааст, зеро фароизро бе илми ҳисоб донистa намешавад.*

- Оиша донишмандтарини мардум буд.

Зуҳайрӣ гуфтааст:

- Агар илми Оишаро дар як ҷониб гузорему илми дигар ҳамсарони Паёмбарро дар ҷониби дигар, илми Оиша аз онҳо бештар хоҳад буд. Урва ибни Зубайр ба Оиша гуфт:

- Эй модарҷон! Ман аз фақеҳи воломақом будани шумо ҳайрон нестам, зеро медонам ҳамсари Расули Худову духтари Абубакр ҳастед. Ҳамчунин аз шеърдонию таърихдонии шумо тааҷҷуб надорам, зеро медонам, ки духтари Абубакри Сиддиқ ҳастед, ки дар ин улум донотарини мардум буданд. Аммо ман аз ин тааҷҷуб дорам, ки шумо чӣ гуна илми тибро омӯхтаед ва аз куҷо ёд гирифтаед, ки ин қадар дар табобат маҳорати воло доред?

Урва мегӯяд:

Пас, Оиша дар ҷавоб гуфт:

- Расулуллоҳ(с) дар охири умрашон бемор мешуданд ва табибони мардумӣ аз ҳар гӯша меомаданд ва ҳар гуна табобатро пешниҳод мекарданд ва ман ба муъолиҷаи он ҳазрат мепардохтам. Ман тибро аз онҳо омӯхтам.

Муовия (р) мегӯяд:

- Савганд ба номи Аллоҳ, ки ҳеҷ суханвареро надидам, ки суханонаш мисли суханони Оиша (р) сермаъно ва дорои фасоҳат бошанд.

Аҳнаф ибни Қайс (р) мегӯяд:

- Ман суханронии Абубакру, Усмону, Умару, Алӣ ва Хулафои баъдиро шунидаам, аммо каломи шахсеро надидаам, ки дар ҳуҷҷат қавитар ва дар маънӣ болотар ва дар тартиб зеботар аз суханони Оиша(р) бошад.

---

[18] *Урва писари апаи Оиша буд.*

Қосим ибни Муҳаммад[19], ки яке аз фуқаҳои ҳафтгонаи Мадина буд гуфтааст:

- Оиша дар замони Абубакр, Умару, Усмон ва Алӣ, то замони вафоташ фатво медод. Гоҳе вай ҳатто сухани бузургони саҳобаро рад мекард, пас онҳо дар пеши рӯи вай сукут мекарданд ва ҳақиқат будани суханонашро тасдиқ карда, фазилати ӯро эътироф менамуданд. Имом Муслим аз Урва ибни Зубайр ривоят мекунад, ки гуфт:

-Ман бо Абдуллоҳ ибни Умар бар девори ҳуҷраи Оиша такя зада будем ва ҳатто овози мисвок кардани Оишаро мешунидем.

Урва аз ибни Умар мепурсад:

- Эй Абуабдурраҳмон  расули Худо дар моҳи Раҷаб умра карда буд?

Ибни Умар посух дод, ки оре.

Урва, барои боварӣ пайдо кардан, ба Оиша муроҷиъат карда мепурсад:

- Эй модарҷон! Оё шунидаӣ, ки Ибни Умар (яъне Абдурраҳмон) чӣ мегӯяд?

Оиша (р) гуфт:

- Чиҳо мегӯяд?

Гуфтам:

- Мегӯяд, ки Паёмбар (с) дар моҳи раҷаб умра кардааст.

Оиша гуфт:

- Худованд Абуабдурраҳмонро биомурзад. Ман савганд ёд мекунам, ки Расулуллоҳ(с) ҳеҷ гоҳ дар моҳи раҷаб умра накарда буд. Он ҳазрат чанд умрае карда бошад, маро ҳамроҳаш бурдааст.

---

[19] *Қосим ибни Муҳаммад ибни Абубакр писари бародари Оиша (р) буд.*

Урва мегӯяд:

- Ибни Умар ин суханро шуниду чизе нагуфт.

Аз Оиша (р) 2210 ҳадис ривоят кардаанд. Аз ҷумла 174-тои ин ҳадисҳоро Бухориву Муслим ва 54-тоашро Бухорӣ ба танҳоӣ ва 78-тоашро Муслим ба танҳоӣ ривоят намудаанд. Мардуми зиёде аз саҳобаву тобиин аз вай ҳадис ривоят кардаанд.

## ЗУҲДУ САХОВАТИ ОИША (Р)

Абдулвоҳид ибни Айман аз падараш ривоят мекунад, ки гуфтааст:

- Чун ба назди Оиша даромадам дар танаш куртае буд, ки аз пахтаи пастсифат бофта шуда, панҷ дирҳам арзиш дошт[20].

Пас Оиша ба ман гуфт:

- Саратро бардошта канизи маро бубин, ки аз пушидани ин либос дар хона ор мекунад. Ман дар замони зиндагии Расулуллоҳ (с) куртае аз ҳамин навъ доштам, ки ҳар зане тӯй медошт, омада, онро аз ман орият мегирифт[21].

Ибни Ҷавзӣ мегӯяд:

- Оиша мехоҳад гӯяд, ки онҳо дар ибтидо дар ҳоли тангдастӣ мезистанд, ки як матои ночиз дар он вақт барояшон арзиши зиёд дошт.

*(Ривояти «Фатҳ-ул-борӣ», с.286,ҷ.5.)*

Ин ҳадис далолат бар он дорад, ки Оиша ниҳоят зоҳиду парҳезкор буда, қаноатро ихтиёр кардааст ва бар

ҳамон ҳолати пешинаи худ, ки дар замони Расулуллоҳ (с) буд боқӣ мондааст. Бо вуҷуди он, ки барои мусалмонон моли дунё фаровон гашт, Оиша ҳамон куртаи камарзишро мепушид, ҳол он, ки канизаш аз пушидани чунин либосе ор мекардааст. Худо аз Оиша розӣ бод.

Ибни Ҳаҷар мегӯяд:

1. Аз ин ҳадис маълум мешавад, ки орият гирифтани либос барои арӯс як кори маъмулӣ буда, аз кори нохуб ҳисоб намешавад.

2. Дар ин ҳадис баёни хоксории Оиша аст.

3. Оиша нисбати хидматгораш меҳрубон буд ва бо нармӣ вайро сарзаниш мекард.

4. Дармондагонро ёрӣ медод.

5. Тавозӯъ ва фурӯтании Оишаро бубин, ки дар ҳолати дороияш барои худ зиндагонии оддиро ихтиёр мекард. Вай дар саховат машҳур буд.

*(Ривояти «Фатҳ-ул-борӣ», с.286-287, ҷ.5.)*

Аз худи Оиша ривоят мекунанд, ки гуфтааст:

- Пас, аз марги Расули Худо(с) ба серӣ нахӯрдаам ва агар ҳаргоҳе гиря кардан хоҳам, мегирям. Хонадони Муҳаммад (с), ба серӣ нахӯрдаанд. Ҳазрати Оиша бисёр дар роҳи Худо мол харҷ карда, садақоти фаровон медод. Аз Урва ривоят аст, ки рӯзе Оиша рӯзадор буд ва молашро ба сад ҳазор фурӯхт ва ҳамаашро тақсим кард, баъдан чун бегоҳ шуд бо нони ҷавин ифтор кард.

[20] *Ҳадис: "Ал-баззозату минал-имон" (бо ривояти Аҳмад). Чизҳои арзон ва назарногирро пушидан ва ба ҳайату сурати оддӣ гаштан аз нишонаҳои комилии имон аст.*

[21] *Яъне Оиша фақрро ихтиёр карда, бо кам қаноъат мекард ва аз дороияш дигаронро ёрӣ медод ва некӣ мекард.*

Канизаш гуфт:

- Ақалан аз ҳамон мол як дирҳамро нагузоштед, ки каме гушт мехаридед ва мо ҳамроҳ мехурдем.

Оиша гуфт:

- Чаро ба ёдам наовардӣ?

Аз Умми Зарра, ки вай хидматгори Оиша буд, ривоят аст, мегӯяд:

- Абдуллоҳ ибни Зубайр барои Оиша ду ҳамён пул фиристод, ки ба назарам як саду ҳаштод ҳазорро ташкил медод.

Оиша табақе хост ва пулҳоро дар табақ рехт. Вай он рӯз рӯзадор буд. Пас, нишасту ҳамаи онро миёни мардуми камбизоат тақсим намуд. Чун бегоҳ шуд, чизе аз он боқӣ намонда буд.

Вақти рӯза кушодан гуфт:

- Эй духтарам, хӯроки маро биёр, Умми Зарра, нон ва равған оварда, ба Оиша гуфт:

- Аз ҳамон пулҳо як миқдорашро нагузоштӣ, то каме гӯшт харида бихурем?

Оиша гуфт:

- Ту маро сарзаниш макун, агар ба ёдам меовардӣ чунин мекардам.

- Бубинед, ки дар як рӯз як саду ҳаштод ҳазорро тақсим карда, бо нону равған ифтор кардааст. Чӣ ҷону равони орамидае! Чӣ дили поку зиндае! Чӣ ҳиммати волое! Чӣ ниятҳои хубу холису содиқонае!

Боз Урва мегӯяд:

- Оишаро дидам, ки ҳафтод ҳазорро тақсим кард ва куртаи мураққаъ (поргидор, дарбеҳдор) мепӯшид.

Аз Ато (р) ривоят аст, ки гуфт:

- Ҳазрати Муовия (р) барои Оиша як табақ тилло фиристод, ки дар миёнаи тиллоҳо як гавҳари қимматбаҳо

бо арзиши сад ҳазор тилло низ вуҷуд дошт. Оиша ҳамаи онҳоро дар миёни ҳамсарони Пайғамбар (с) тақсим кард. Гоҳе мешуд, ки Оиша чизи зиёде намеёфт, ки садақа кунад бо вуҷуди ин, дархосткунандагонро дасти холӣ намегузошт. Ягон чизи каме ҳам, ки меёфт, ба онҳо медод. Рӯзе ҳазрати Оиша як дона ангурро садақа кард. Аз ин кор тааҷҷуб карда, аз эшон пурсиданд.

Гуфт:

- Шумо медонед, ки донаи ангур аз чӣ қадар зарраҳо[22] ташкил шудааст? Вай ин оятро ба онҳо тафсир кард, ки:

**«Фамайяъмал мисқола зарратин хайрай яраҳ»**

*(Пас ҳар касе агар бар вазни заррае некӣ кунад, подоши онро хоҳад дид)*.

*(Сураи Зилзила, ояи-7)*

Гоҳе мешуд, ки бархе аз хешовандонаш ба Оиша эътироз карда, мехостанд ӯро аз бахшишу атодиҳӣ ва хароҷоти зиёде, ки ба нодорон мекард боз доранд, Онҳо зиндагии зоҳидонаи ӯро дида, мехостанд, ки аз он молҳое, ки дорад худаш осудаҳолона истифода кунад. Аммо ҳазрати Оиша ба сухани касе гӯш намедод, зеро мехост ба ёди Расули Худо зиндагӣ кунад ва пас аз вафоти он ҳазрат мисли давраи зиндагониаш зоҳидона зист кунад ва намозу рӯзаи Муҳаммадиро зинда бидорад. Кӯҳҳои сар ба фалак зи ҷой биҷунбанд, ҳам ӯ ба аҳди худ устувор хоҳад монд.

Аз Авф ибни Молик ибни Туфайл ривоят аст, ки Оиша боре заминеро, ки аз худаш буд, фурӯхтани шуд, то ба дармондагону бенавоён ёрӣ кунад.

Абдуллоҳ ибни Зубайр инро шунида гуфт:

- Қасам ба Худо, Оиша ё худ аз чунин корҳо даст мекашад, ё ман вайро аз чунин кор манъ ва маҳрум хоҳам сохт.

Оиша инро фаҳмида гуфт:

- Оё вай ҳамин тавр гуфт?

Гуфтанд:

- Оре.

Оиша гуфт:

- Аз барои Худо, назр кардам, ки дигар бо ибни Зубайр сухан нагӯям. Чун ин ба тӯл анҷомид ибни Зубайр (хоҳарзодаи Оиша) миёнарав фиристод, то оштӣ шаванд.

Оиша гуфт:

- Қасам ба Худо, сухани ҳеҷ миёнаравро дар мавриди вай нахоҳам пазируфт. Чун ин ҳолат тӯлонӣ шудан гирифт, барои ибни Зубайр бисёр вазнин буд. Вай назди Мисвор ибни Маҳрама ва Абдурраҳмон ибни Асвад ибни Абдуяғус рафта гуфт, ки маро бо ягон баҳона ба ҳуҷраи Оиша дароред, зеро дар чунин ҳолат барояш ҳалол нест, ки бар назри кардагиаш пофишорӣ кунад. Ҳарду ибни Зубайрро гирифта ба дари хонаи Оиша рафта, гуфтанд:

- Ассалому алайкӣ ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ, оё мумкин аст, ки дароем?

Оиша гуфт:

- Дохил шавед.

Гуфтанд:

- Ҳамаамон дароем?

Гуфт:

---

[22] *Зарраҳо-атомҳо, ки онҳоро мо зарра меномем агар даҳ миллион зарраро болои ҳам гузорем як милиметрро ташкил медиҳад. Маълум мешавад, ки як дона ангур аз зарраҳои беҳисоб ташкил ёфтааст.*

- Оре ҳамаатон дароед. Оиша намедонист, ки ибни Зубайр ҳамроҳи онҳост. Чун даромаданд Абдуллоҳ ибни Зубайр, ки писари апаи Оиша буд, аз паси парда Оишаро, ки холааш буд ба оғуш гирифт ва ӯро зора мекарду мегирист, то бо вай оштӣ кунад. Мисвор ва Абдурраҳмон ҳам аз Оиша ба зориву тавалло дархост мекарданд, ки бо ибни Зубайр, ҷияни худаш, сухан бигӯяд. Он ду мегуфтанд:

- Худат медонӣ, ки Паёмбар аз ҷудоӣ ва қаҳрӣ кардан манъ фармуда, онро барои мусалмонон аз се рӯз бештар ҳалол намешуморид. Чун гиряву зорӣ ва ёдовариҳои онон бештар шудан гирифт, Оиша ба танг омад ва ба гиря даромаду гуфт:

- Охир ман назр кардаам ва назр ҳукми сахт дорад. Аммо он ду бошанд, аз зориву дархост даст намекашиданд. Дар охир Оиша маҷбур гашт, то бо ибни Зубайр сухан бигӯяд. Оиша ба хотири шикастани назраш ва розигии Худо, 40-ғулом озод кард. Пас аз ин, ҳар гоҳ назрашро ёдовар мешуд, чунон мегирист, ки руймолаш аз оби дида тар мегашт.

*(Ин ҳадис бо ривояти Бухорӣ аст)*

Ибни Ҳаҷар гуфтааст:

- Сухани ибни Зубайр, ки «Оиша ё худ аз чунин кор даст мекашад дар ривояти Авзоӣ бо чунин зиёдат омадааст, ки «Аммо, қасам ба Худо ё, Оиша аз фурӯхтани заминаш даст мекашад». Ин ривояти дуввум тафсиркунандаи ривояти аввал хоҳад буд. Аммо, он чӣ дар «Маноқиби Қурайш» аз тариқи Урва ривоят шуд, ки гуфтааст:

«Оиша чизеро захира намекард». Ҳар он чӣ аз ризқи Худо ба вай мерасид, садақа мекард”. Ин ба он чӣ гуфтем мухолиф нест зеро иҳтимол дорад, ки Оиша заминашро ба хотири садақа додани пулаш фурӯхта бошад.

*(«Фатҳ-ул-борӣ», с. 509, ҷ.10.)*

## ТАРСИ ОИША АЗ ХУДО ВА ПИСАНД НАКАРДАНАШ ТАЪРИФУ ТАВСИФ ВА МАДҲУ СИТОИШРО

Оиша (р) дар волотарин мақомоти тарс аз Худованди азза ва ҷалла қарор дошт. Бо вуҷуди он, ки бисёр амалҳои хуб анҷом медод, нафси худро ба камамалӣ муттаҳам карда, худро дар ибодат муқассир мешуморид. Вай такя ва боварию эътимод ба аъмолаш ва фазилатҳояш ва таърифу тавсифи мардум накарда, балки таввакулу эътимод бар Худо дошт. Ба мисли Расули Худо(с) шаб чунон намоз мегузорид, ки пойҳояш варамида буд. Дар чунин ҳолат ба Расулуллоҳ(с) гуфта буданд, ки чаро ин қадар худро азият медиҳӣ, ҳол он ки Худо гуноҳони пешинаву ояндаи шуморо мағфират кардааст?.

Расули акрам (с) мефармуд:

«Оё ман бандаи шукургузор набошам».

*(Ин ривояти Бухориву Муслим аст)*

Аз Заквон, дарбону пардадори Оиша ривоят аст, ки мегӯяд: Рӯзе Абдуллоҳ ибни Аббос омад ва аз Оиша

иҷозати духул пурсид. Назди Оиша рафтам ва дар наздаш Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абубакр писари бародараш истода буд.

Гуфтам:

- Ибни Аббос омадааст ва иҷозати даромадан мепурсад. Писари бародараш, ки хурдсол буд, худро ба оғуши Оиша андохту гуфт:

- Ибни Аббос иҷозат мепурсад.

Оиша гуфт :

- Маро ба ҳолам гузор.

Заквон мегӯяд:

- Эй модарҷон! Ибни Аббос, ки аз фарзандони хубу арзандаи шумост, ба шумо салом мегӯяд ва мехоҳад бо шумо хайру хӯш бикунад.

Оиша мефармояд:

- Агар хоҳӣ, ба вай иҷозати даромадан бидеҳ.

Заквон гуфтааст:

- Ман ибни Аббосро даровардам.

Чун даромад гуфт:

- Башорат бод туро, ки миёни ту ва мулоқоти Муҳаммад(с) ва дӯстон ҷуз баромадани ҷон аз ҷасад дигар монеае нест. Ту дӯсдоштатарин ҳамсари Расули Худо будӣ ва Расули акрам (с) ба ҷуз покиву некӯӣ чизеро дӯст намедошт.

Оиша гуфт:

- Бале, ҳамин тавр аст.

Ибни Аббос гуфт:

- Гарданбанди ту дар «Абвоъ» афтид ва Расули акрам (с) касро фиристод, то онро ҷустуҷӯ карда биёбанд. Пас, он гурӯҳ об наёфтанду Худованди азза ва ҷалла ин оятро фиристод, ки:

**«Фатаяммаму саъидан тайибо»**

Сухани Худо:

**«Пас бо хоки пок таяммум кунед»**

*(Сураи Нисо, ояи 43.)*

Ин рухсат ва осониро Худо ба баракати ту ба ин уммат арзонӣ дошт. Пас, чун Мистаҳ бо дигарон туро тӯҳмат карданд, Худованд барои исботи покии ту аз болои ҳафт осмон оятҳо нозил кард. Ҳеҷ масҷиде нест, ки магар қиссаи ту шабонарӯзӣ дар он ёд нашавад. Оиша(р) гуфт:

- Эй писари Аббос! Ту маро ба ҳолам гузор ва ба таърифу тавсиф ва мадҳу ситоиши ман напардоз. Қасам ба Аллоҳ, ки дӯст медорам, ки шахси аз ёдҳо фаромӯшшуда бошам[23].

*(Ҳадиси саҳеҳ бо ривояти Ибни Ҳаббон)*

Ҳазрати Умар гуфтааст:

«Шахсро дар ҳузураш таърифу тавсиф кардан, мисли куштани ӯст».

*(Таҳзибулҳиля, с.272,ҷ.1. Сифатуссафва, с.358,ҷ.1.)*

Аз Урва ривоят аст, ки Оиша гуфт:

- Эй кош, шахси аз ёдҳо фаромӯшшуда мебудам.

*(Шаъбул-имон, с.486.ҷ.1.)*

Чашмонам чӣ гуна ором хоб кунанд,
Ки маълумам нест кадоме аз он ду маҳал маро ст.
Оё зи аҳли дӯзахам ва ё худ биҳиштиям,
Ман бехабар зи инам, ки ҷоям дар куҷост?.

## ПОРАЕ АЗ НИЁИШ ВА ИБОДАТҲОИ ОИША (Р)

Аз падари Урва ривоят аст, ки Оиша чанд муддатеро пайи ҳам рӯза медошт.

Қосим ибни Муҳаммад ибни Абубакр мегӯяд:

- Чун саҳар аз хоб бедор мешудам, аввал хонаи Оиша рафта салом медодам. Боре рафтам, дидам, ки рост истода ва намоз мегузорад ва ин оятро мехонад:

**«Фаманналлоҳу алайно ва ваққоно ъазобассамум»**

Сухани Худо:

**«Пас Худо бар мо миннат ниҳод ва моро аз азоби самум нигаҳ дошт».**

*(Сураи Тур, ояи-27)*

Оиша мехонду дуъо мекарду мегирист ва боз ҳамин оятро такрор мекард. Дуру дароз истодаму монда шуда, барои ҳоҷате роҳии бозор шудам. Ҳоҷатамро баровварда баргаштам, ҳоло ҳам Оиша дар намоз буд ва ҳамон тавр мегирист.

*(Сифату Сафва, с. 355,ҷ.1.)*

## ЁДЕ АЗ ПАРҲЕЗКОРӢ ВА ҲАЁИ[24] ОИША(Р)

Аз худи Оиша (р) ривоят аст, ки гуфтааст:

- Ман ба хонае, ки Расулуллоҳ (с) ва падарам Абубакр гӯронда шуда буданд медаромадам ва чодарамро мегирифтам. Мегуфтам:

- Танҳо шавҳару падарам ҳастанд.

Чун Умарро дар он ҷо ба хок супориданд, қасам ба Худо, ба он ҷо намедаромадам, магар дар ҳоле, ки бо

---

[23] *Ҳадис:«Уҳсу фӣ афвоҳил маддоҳина туроба», яъне дар даҳони таърифу тавсифчиён ва мадҳу ситоишгарон хок бипошед.*

либосам худамро сахт мепечондам ва пурра сатр мекардам. Аз Умар шарм медоштам.

*(Дар «Мишкот-ул-масобеҳ», с.276Ҷ1.)*

*(Ин ҳадис бо ривояти имом Аҳмад омадааст).*

Худи Оиша мегӯяд:

- Марде ба дари хонаам омад ва иҷозаи даромадан хост. Вай аз ҷиҳати ширхорагӣ амакам мешуд. Ман вайро иҷозати даромадан надодам ва гуфтам, ки то омадани расули Худо (с) интизор шавад.

Чун Расулуллоҳ (с) омад, гуфтам:

- Амаки разоъии ман омаду иҷозати даромадан хост, аз ҳаё ба вай иҷоза нанодам. Расули Худо гуфт:

- Метавонад амакат ба назди ту дарояд.

Ман гуфтам:

- Охир маро зан шир додааст, на мард.

Боз Расулуллоҳ (с) гуфт:

- Вай амакат мешавад ва метавонад ба назди ту дарояд.

*(Ин ҳадис бо ривояти Бухорӣ ва Муслим омадааст).*

## ФАРМУДАҲОИ ОИША ПИРОМУНИ АХЛОҚИ ХУБ

Аз Оиша ривоят аст, ки гуфт:

- Даҳ чиз аз ахлоқи карима ба ҳисоб меравад. Ин ахлоқ гоҳе дар ғулом ҳасту дар хоҷааш нест ва дар каси гумному ношинохта ҳасту дар шахси машҳур ёфт

---

*[24]Ҳадис: «Алҳаёу минал-имон»*

*(Ҳадис бо ривояти Муслим ва Тирмизӣ). Алҳаёу хайрун куллуҳу. «Ҳаё саросар хубист», яъне ҳар чанд бештар бошад, ҳамон қадар беҳтар аст.*

намешавад ва дар камтарин нафари қавм вуҷуд дораду меҳтару сардори қавм аз он маҳрум аст. Он ахлоқи воло ва гиромӣ инҳоянд:

1. Ростгӯӣ;
2. Адои амонат;
3. Росткорӣ;
4. Сабр дар сахтӣ;
5. Эҳтиром ва ба ҷо овардани ҳуқуқи ҳамнишин;
6. Икром ва адои ҳуқуқи ҳамсоя;
7. Ато ба мусибатзадагон;
8. Хӯрок додан ба мискинон;
9. Нармӣ бар ғуломи канизону зердастон;
10. Некӣ ба падару модар.

Дар ривояти дигар чунин аст. Даҳ чиз аз ахлоқи бузурги инсонӣ дарак медиҳад:

1-ростгӯӣ; 2-далерӣ; 3-ҳақҷӯӣ; 4-адои амонат;

5-амонатдорӣ; 6-силаи раҳм; 7-робита бо хешовандон; 8-мукофот дар баробари хубиҳо; 9-ҳуқуқи ҳамнишинро риоя намудан; 10-меҳмондорӣ. Сари ин ҳама некиҳо ҳаё ва шарм аст.

*(Балоғотуннисо, с. 29.)*

## СУХАНИ ОИША ДАР БОРАИ МАРДЕ, КИ АЗ ЗӮҲДИ НОДУРУСТ ҚАРИБ МУРДА БУД

Аз Мусъаб ибни Усмон ривоят аст, ки Оиша(р) рӯзе мардеро дид, ки ниҳоят заиф буд. Гуё, ки ҳозир мемирад.

Пас гуфт:

- Ин чӣ ҳол аст ва чаро ин мард ба ин ҳолат гирифтор шудааст.

Гуфтанд:

- Зоҳидест, ки тарки дунё кардаст ва зӯҳд[25] вайро ба ин аҳвол гирифтор кардааст.

Оиша гуфт:

- Ин зӯҳд нест, балки Умар ибни Хаттоб зоҳид буд, ки чун сухане мегуфт аз таъсири зӯҳдаш ҳама ба вай гӯш фаро медоданд ва чун роҳ мерафт, бо суръат роҳ мепаймуд, зеро харобу лоғар набуд ва ба зӯҳди нодуруст қуввaву нерӯяшро аз даст надода буд. Ва чун ба хотири иҷрои ҳадди шаръӣ ва ҷазо додани гунаҳкор касеро ҳад мезад, зарбааш дарднок буд. Аз ин рӯ, зӯҳди ҳақиқӣ, зӯҳди Умар аст на зӯҳди ин марди худро ба ҳалокат андохта.

*(Балоғатуннисо, с. 25.)*

## ЁДЕ АЗ ФАСОҲАТУ СУХАНВАРИИ ОИША (Р)

Оиша дар сухандонию суханварӣ ва фасоҳату балоғат даст бар қуллаи баён ниҳода буд ва чунон дорои фасоҳату балоғати воло буд ва нерӯйи суханварию ширинбаёниаш олӣ буд, ки ҳеҷ зане дар ин мавриd бо вай баробарӣ карда наметавонист. Ҳадиси Умми Заръ, ки дорои фасоҳату балоғат аст ва Оиша ровии он аст, далели равшанест бар суханварии вай.

---

*[25] Зӯҳд берағбати ба лаззатҳои дунёст. Дар ривояти Ибни Моҷа аст, ки «Зӯҳд ин нест, ки ҳалолҳоро тарк кунӣ ва молро қадр надонӣ, лекин ин аст, ки боварият ба он чӣ дар дасти Худост зиёдтар бошад аз боварият ба он чизе, ки дар дасти туст.*

## ҲАДИСИ УММИ ЗАРЪ

Оиша (р) мегӯяд:

- Ёздаҳ нафар зан гирд омада, аҳду паймон кардаанд, ки васфҳои шавҳаронашонро бигӯянд ва ягон чизро пинҳон накунанд.

Зани аввал гуфт:

- Шавҳарам мисли гушти уштури лоғар аст ва бар сари кӯҳи сарбафалак. На паст аст (кӯҳ), ки осонбаро бошад ва на фарбеҳ аст, ки ба хонаҳо тақсим шавад, яъне вай хайри кам дорад ва мутакаббир асту ахлоқи нописанд дорад;

Дуввумин гуфт:

- Ман васфи шавҳарамро ошкор намекунам, зеро қиссааш чунон тӯлонист, ки поён надорад ва метарсам, ки маро талоқам диҳад ва ӯро аз даст диҳам. Ва агар мабодо ёде аз авсофаш кунам ба ҷуз айбҳои ниҳонӣ ва сиррҳои пинҳонӣ чизе нест:

Саввумин гуфт:

- Шавҳарам дарози беақл аст, умрам бо ӯ беҳуда гузаштааст, агар чизе гӯям талоқ медиҳад ва агар хомӯш биистам муаллақам мегузорад, яъне на шавҳарӣ мекунад ва на ҷавобам медиҳад, то шавҳари дигар кунам.

Чаҳорумӣ гуфт:

- Шавҳарам мисли шаби шаҳри Тиҳома аст, на ба гармии тоқатфарсо шабоҳат дорад ва на ба сардию сармо. На аз бадиаш тарсонам ва на аз сӯҳбаташ гурезон.

Панҷумин гуфт:

- Шавҳарам агар ба хона ояд кафтарсифат бепарвою серхоб дарояд ва чун аз хона барояд шерсифат бе шикори сайде наояд ва аз чӣ кор кардан бо молу матои хонааш сухан нагӯяд.

Шашумӣ гуфт:

- Шавҳарам агар ба хурдан дарояд, ҳар чӣ ёбад тановул мекунад ва чун ба нӯшидан дарояд, зарфҳоро холӣ месозад ва чун ба паҳлӯ занад, курпаро ба худ мепечад  ва даст сӯи ман намеорад, то аз муҳаббатам хабардор гардад.

Ҳафтумӣ гуфт:

- Шавҳарам торику бенур аст ва марди аз зан дур ва аҳмақу лаббаста, ҳама дарди дунё дар ӯ ҷамъ гашта ё сарат баста кунад ё устухонат шикаста ё ҳардуро пайваста.

Ҳаштумӣ гуфт:

- Шавҳарам хушбуй мисли «Зарнаб» (атри хушбӯй) аст ва нарму  гарм мисли «Арнаб», яъне харгӯш.

Нуҳумин гуфт:

- Шавҳарам дар саховат хонааш барҳавост ва соҳиби қомати болост, дар зери дегаш ҳамеша оташ фурӯзон асту хонааш ҷойи ҷамъомади меҳмон.

Даҳумӣ гуфт:

- Шавҳарам соҳиби гала-гала уштур аст. Уштурони зиёд хобандаву камчаро, чун меҳмон ояд уштуре кушта мешавад.

Ёздаҳумӣ гуфт:

- Шавҳарам Абузаръ аст. Ту чӣ донӣ, ки Абузаръ чӣ касест, гушҳоямро пур зи гушвор намуду бозуҳоямро гушту равғандор (яъне маро чунин бо нозу неъмат парварид, ки фарбеҳ гаштам). Ӯ маро хушу хурсанд карду бузургам сохт то он, ки ба бузургиам фахр кардам. Маро осон аз хонадоне гирифт, ки фақиру нодор буданд на

уштуру асп доштанду, на гусфанду қучқор ва на моли бисёр. Маро ба хонадоне овард, ки аз як сӯй садои аспон ба гуш мерасиду аз сӯйи дигар овози уштурон. Аз ҷонибе садои куфтани хирманҳоро мешунидаму аз тарафе овози бузу гусфандонро. Чун сухан мекардам, касе гапамро намегардонд ва пас аз субҳ ходимон хидмат мекарданду ман ба хоби ноз мерафтам ва чунон аз нӯшокиҳои гуногун менӯшидам, ки иштиҳои нӯшокиам аз миён мерафт. Медонӣ, ки модари Абузаръ чӣ касе буд? Дегҳояш пур аз хӯроку хонаҳои фаррохаш пур аз нозу неъмат. Писари Абузаръро медонӣ, ки чӣ гуна буд? Ба мисли шамшери аз ниём кашида. Мехобид ва ба як почаяки буз ҳам сер мекард. Духтари Абузаръро медонӣ чӣ гуна буд? Итоаткори падару модар, зебову сергӯшт ва рашкангези зану шавҳар. Канизи Абузаръро медонӣ чӣ гуна буд? Сирри маро ошкор намекард. Фасодангез набуд. Чунон амонатдор буд, ки хӯрокиҳоямонро туршу фосид намесохт ва бе иҷозат ба касе чизе намедод ва дар хона аз руфту чини зиёди ӯ хасе ҳам намеёфтӣ. Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон, ки ҳама сарсабз гашта буд, Абузаръ бо зани зебое вохурд, ки ду фарзанди мисли кафтар дошт, ки аз зери камараш бо анораконии пеши бараш бозӣ мекарданд. Пас, маро талоқ доду вайро никоҳ кард. Пас аз ӯ марди сахиро гирифтам, ки аспсавор буд. Ба деҳаи «Хаттӣ» рафту бузу гову уштури зиёде бароям оварда ҳелро пур сохт ва бароям аз ҳар моле ба мисли уштуру гову бузу гусфанду ғулом ҷуфт-ҷуфт бидод ва гуфт, ки ба хонаводаат ҳар чӣ мехоҳӣ, бидеҳ. Ҳама атоҳои шавҳари дувумамро ҷамъоварӣ кунам ба як зарфи хурдакаки Абузаръ баробар шуда наметавонад.

Оиша гуфт:

Расулуллоҳ (с) ба ман гуфтанд:

Ман ҳамеша барои ту мисли Абузаръ барои Умми Заръ ҳастам.

*(Инро Бухориву Муслим ривоят кардааст).*

## СУХАНИ ОИША(Р) ҲАНГОМИ КУШТА ШУДАНИ ҲАЗРАТИ УСМОН (Р)

Аз Муҳаммади Таймӣ ривоят аст, ки гуфт:

- Усмон кушта шуд

Оиша омаду гуфт:

- Оё амири мӯъминонро куштанд?

Гуфтанд:

- Оре.

Гуфт:

- Худо раҳматаш кунад ва мағфираташ намояд. Шумо аз ин, ки бар зидди мухолифони Усмон қиём накардед, хато кардед. Шумо бояд ҳақиқатро пойдор намуда, ба пуштибонии он бармехестед ва коре мекардед, ки сабаби зиёдати иззату мақоми Ислом дар назари дигарон мешуд. Ҳар гоҳе, ки Худо неъматеро дар динатон афзуд ва шумо дар пуштибонию нигоҳдории он сустию танбалӣ кардеду аз пайи тамаъи дунё шудед, қасам ба Худо, нобудсозии неъмат аз муҳайё сохтани он осонтар аст. Шумо ба ҷойи ин, ки бо шукр неъмататонро афзун кунед мешитобед, ки ба ношукрӣ неъматро аз кафатон берун кунед. Қасам ба Худо, агарчӣ ҳаёти Усмон мунқатеъ шуд ва марг ӯро аз миён бурд (ин мақоми вайро паст насохт). Савганд ёд мекунам, ки чӣ гунае, ки ҷавонуштури ҷуфтӣ дар назди зироаткорон қадр дорад ва онро аз дигар амволашон азизтар медонанду ба диданаш хушҳол

мегарданд, Усмон дар назди Расули Худо ҳамингуна буд. Вай домоди арзандаи Расули акрам буд. Ҳаройна мебинам, ки мардум аз душворӣ ба ҳарос меафтанду муҳаббати дунё бо қадаҳҳои пур ба комашон рехташудааст ва адлу инсофро ба пушти сар гузоштаанд. Агарчӣ замон бо тамоми неру ба вай фишор овард, вале ӯ ғалаба кард, аммо дигарон бошанд, мусибатро болои худ оварданд. Қасам ёд мекунам, ки агар дасти ҳамаашон ба мақсади нопок ҷониби Усмон дароз мешуд вайро ҳангоми долу зарби ҷанг холӣ аз ханҷар медиданд, зеро вай ҷангҷӯ набуд. Усмон (р) ба хотири худаш ҷангиданро намехост ва агар фармони ҷанг медод, ғолибият насибаш мешуд. Лекин фитнае шуд, ки дасти ситамгарон ба он олуда буд. Усмон(р) дар пуштибонӣ ва нашри Ислом ва нерӯ бахшидан ба дин вазифаашро анҷом дод. Худованд тавассути вай қалъаҳои мустаҳками куфрро нобуду хароб кард ва думи мушриконро бурида сохт ва пояҳои залолатро барканд. Қасам ба Худо, мусибати Усмон вазнинтарину сахттарин мусибат барои мост. Аҳди сарварии Усмон барои уммат нек буд, аммо Худо ба марги вай санги сафеди динро сурох сохт ва қалъаи Исломро мусибати Усмон(р) шикаст. Ҳазрати Алӣ (р) дар миёни қавм нишаста буд ва сухани Оишаро гӯш доду гуфт:

- Худо бар сари кушандагони Усмон(р) шӯълаи оташ ва азоби алим фурӯ резад.

*(Балоғотуннисо, с.28-29)*

## ПУШТИБОНИИ САРВАРОН АЗ ОИША (Р)

Ибни Абиддунё гуфтааст:

- Дар болои пуле истода будам, ки Қозӣ Абуҳассони Зиёд омад. Мутаваккил аз шаҳри Сурра (Сурра ман роъа), ки Ҳозир Самарро гуфта мешавад, дар як матои Дабиқӣ (номи маҳал) чандин тозиёнаи нав фиристода, ба қозӣ амр кардааст, ки Исо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Осимро бо ҳамон тозиёнаҳо ҳазор тозиёни зада шавад. Зеро шахсони мӯътамад шоҳидӣ дода будаанд, ки вай Абубакру Умарро дашном дода, Оишаро тӯҳмат кардааст ва худи Исо ибни Ҷаъфар инро инкор накардааст ва тавба ҳам накардааст. Тозиёнаҳо гиреҳдор буданд. Исо ибни Ҷаъфарро дар ҳузури қозӣ замоне, ки кормандони умури қазоват ҳам ҳузур доштанд, тозиёна заданд.

Вай мегуфт:

- Эй қозӣ, ту маро куштӣ.

Абуҳассон гуфт:

- Туро Худо кушт, зеро ба ҳамсари Паёмбар тӯҳмат задӣ ва хулафои рошидинро дашном додӣ.

Талҳа мегӯяд:

- Чун вайро ҳазор тозиёна заданд ва дар офтобаш гузоштанд, то он ки ба ҳалокат расид. Сипас, вайро ба Даҷла андохтанд.

*(Мухтасари «Нишворул муҳозара»-и Танаввухӣ, с141,ҷ.1.)*

Муҳаммад ибни Субайҳ ибни Саммок гуфтааст:

- Ту медонӣ, ки Яҳуд ёрони Мусоро ва Насоро ёрони Исоро дашном намекунанд. Пас, чаро ту, эй ҷоҳил, ёрони Муҳаммадро дашном медиҳӣ? Ту хуб медонӣ, ки аз куҷо омадаӣ. Чаро ту ба ислоҳи гуноҳони худат машғул намешавӣ? Агар чунин мекардӣ, дар вуҷуди ту тарси Худо падид меомад ва ба худат мепардохтию гунаҳкоронро фаромӯш мекардӣ. Пас, чун ту аз ҷаҳл ба

ҷое расидаӣ, ки накукоронро айб мегирӣ ва гунаҳкор меҳисобӣ, чӣ гуна гунаҳкорон аз айбҷӯйи ту дар амон хоҳанд монд? Агар ту накукор мебудӣ ва ба айбҷӯйии гунаҳкорону бадкирдорон намепардохтию барои онҳо аз Худо умеди тавфиқу ҳидоятро мекардӣ, бароят беҳтар буд. Лекин афсус, ки ту, эй дашномкунандаи саҳобагон, бадкирдорӣ. Ана аз ҳамин ҷиҳат шаҳидону солиҳонро айб мегирӣ. Эй он, ки асҳоби Муҳаммадро айбгирӣ мекунӣ, агар шаб бихобӣ ва рӯз бихурӣ, ин беҳтар аст барои ту аз намози зиёдатии шаб ва рӯзаҳои нофилаат дар ҳолате, ки дар ҳаққи саҳобагони Муҳаммад(с) беэҳтиромию беадабӣ зоҳир кунӣ. Эй вой ба ҳоли ту! Чун ба бадгӯии хубон машғул шавӣ на шабзиндадории шабу на рӯзадории рӯзат ба ту фоидае нахоҳад бахшид. Агар аз ин корат тавба накунӣ, туро ба шармандагии охират башорат медиҳам. Эй вой бар ту! Онҳо дар Уҳуд ҳозир шуда буданд ва барои авфи онон аз ҷониби Худо ин оят нозил шуд.

Сухани Худо:

**«Аз миёни шумо онҳое, ки дар рӯзи муқобалаи он ду гурӯҳ бигрехтанд ба сабаби порае аз амалашон шайтон онҳоро ба хато афканда буд. Инак Худованд онҳоро афв кард».**

*(Сураи Оли Имрон, ояи- 155)*

Пас, ту дар ҳаққи онҳое, ки Худо афвашон кардааст чӣ ҳақ дорӣ бадгӯйи мекунӣ?

Мо ба муқобили ту, эй касе, ки саҳобаро бадгӯйи мекунӣ ва Оишаро суханҳои ношоям мегӯӣ, сухани Халили Худо -Иброҳимро ҳуҷҷат меорем, ки гуфт:

Сухани Худо:

**«Ҳар, ки аз ман пайравӣ намояд аз ман аст, ва ҳар касе фармони ман набарад Худоё, ту омурзанда ва меҳрубонӣ».**

*(Сураи Иброҳим, ояи- 36)*

Бубин Иброҳим (а) осиёну гунаҳкоронро дар маърази бахшишу ғуфрони Худои бахшанда қарор додааст. Эй оне, ки дар ҳаққи Оиша ва саҳобагон айбҷӯӣ мекунӣ, ту ба ҷуз ҷаҳл чӣ ҳуҷҷате дорӣ? Бадтарини пасояндагон ононеанд, ки пешиниёни хубкирдорро бадгӯӣ мекунанд. Қасам ба Худо, як нафаре аз пешиниёни накукор аз ҳазорон пасомадагон беҳтар аст.

*(«Алҷалисус солеҳ» навиштаи Муоф ибни Закариё, с.392-393,ҷ.2.)*

Имом Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ, ки номи аслиаш Ҷамолиддин мебошад, яке аз урафо ва донишмандони асри 11-12-и мелодӣ буда дар Басраи Ироқ умр ба сар бурдааст ва аз худ осори гаронбаҳоеро боқӣ гузоштааст ва ба гуфтаи донишмандони асраш беш аз ҳазор китоб тасниф кардааст, ки аз ҷумла: Бустонул-воъизин ва Риёзус-сомиъин, Тазкиратул-адиб фи тафсир, Талбисул-иблис ва ғайраҳо мебошанд, дар китобаш «Тазкирату улилбасоир фӣ Маърифати-л-кабоир» (с. 345-353) гуфтааст:

- Иброҳим ибни Исҳоқро барои касе суол карданд, ки Оишаро дашном медиҳад, пас вай ба қатл расонидани чунин шахсро фатво дод. Уламои зиёде ба ҳамин фатво қоиланд. Абдуллоҳи Ҳамадонии қозӣ ҳикоят карда, гуфтааст:

- Рӯзе дар ҳузури доъии бузург Ҳасан ибни Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абутолиб будам. Ин

замоне буд , ки вай дар Табаристон буд. Ӯ он вақт аз эҳтироми бузург бархурдор буд. Марде ба наздаш омаду Оишаро суханони бад ва фаҳшомез гуфт.

Фармуд, ки: Гардани ин мардро бизан! Алавиҳои дигар хеста гуфтанд:

- Охир ин шахс аз шиаҳои мост, пас вайро макуш. Ҳасан гуфт: Худо нигоҳ дорад, ки чунин шахсе аз шиаҳову пайравони мо бошад. Ин мардест, ки Паёмбарро таъна мезанад, зеро Худои азза ва ҷалла мефармояд:

Сухани Худо:

**Занони нопок барои мардони нопок ва мардони нопок барои занони нопок ва занони пок барои мардони пок ҳастанд. Онҳо аз он чӣ дар бораашон мегӯянд муназзаҳанд (поканд). Омурзиш ва ризқи некӯ барои онҳост.**

*(Сураи Нур, ояи- 26)*

- Пас, агар Оиша нопок бошад шавҳари вай, ки бобои мову шумост нопок хоҳад буд, аммо воқеият чунин нест балки вай поку беолоиш аст. Эй ғулом, гардани ин кофирро бизан.

Ровӣ мегӯяд:

- Пас, гардани вай зада шуд ва ман дидам.

Боз қозӣ мегӯяд:

- Рӯзе аз Ироқ марде ба назди бародари Ҳасан Муҳаммад ибни Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абутолиб омаду уштурашро хобонда, ба хотири қатли Ҳусайн (р) навҳа карду саҳобагон ва Оишаро суханони носазо гуфт. Муҳаммад аз ҷояш хеста ба сӯяш ҳамлавар шуд ва бар сари вай зад, ки ҷо ба ҷо мурд.

Ба вай гуфтанд:

- Охир ин аз гурӯҳи мову шумо буд. Муҳаммад гуфт:

Ин кофир буд. Бобои ману шумо -Паёмбари Худоро беғайрат донист ва ҳамсари поку ёрони бовафояшро дашном кард. Қозӣ Аёз дар китоби «Шарафул мустафо» аз Имом Абубакр ибни Тайиб овардааст, ки гуфт:

- Аллоҳи азза ва ҷалла дар Қуръон замоне, ки нисбатҳои нодурусти мушриконро ба худ баён мекунад покии худашро ёдрас мекунад ва васфи покияшро зикр менамояд. Ҳамчунин вақте Худо нисбатеро, ки мунофиқон ва баъзе дигарон ба Оиша карда буданд ёдовар шудааст:

Сухани Худо:

**«Чаро он гоҳ, ки ин сухан яъне тӯҳматеро, ки мунофиқон (Оишаро) карда буданд шунидед, нагуфтед: Моро нашояд, ки онро боз гӯем. Парвардигоро Ту поку муназзаҳӣ, ин тӯҳмати бузургааст».**

*(Сураи Нур, ояи 16)*

Пас мебинем, ки Худованд дар ин оят чун покии Оишаро эълон мекунад, покии зоти бемисоли худашро ёдовар мешавад ҳамон гунае, ки дар радди ширки мушрикон покии худро ёд менамояд. Ин далолат бар бузургии Оиша(р) дорад. Ва далолат бар ин дорад, ки ҳар, ки Оишаро дашному тӯҳмат кунад, вай ба Худо бадгумон шудааст, зеро вай хаёл кардааст, ки Худо ба пайғамбараш занони нопокро додааст ва ҳар касе чунин пиндорад аз дин баҳрае надорад.

Қозӣ Аёз гуфтааст:

- Ин оят сухани Молик(р)-ро тақвият мекунад, ки дашномдиҳандагони Оишаро бояд заҷр кард, зеро чун Худованд дар радди мушрикон мегӯяд:

Сухани Худо:

**«Аллоҳ аз ҳар чӣ барои вай шарик қарор медиҳед поку муназзаҳ аст».**

Мазҳаби Шофеъӣ (р) ва Ҳанафӣ чуноне, ки дар «Фатҳул қадир» ва «Раддул муҳтор» ҳаст ин аст, ки тӯҳмату таън нисбати Оишаро куфр меҳисобанд.

## ЯҲУДИЕ, КИ БУЗУРГИИ ОИШАРО МЕДОНИСТ

Ҳикояеро барои ту, хонандаи азизу гиромӣ, тақдим мекунем, то қабоҳату зиштии таъназанандагони ҳамсари поки Паёмбар(с) бароят маълум гардад. Шайх ва Имом Ҳофиз Зиёуддини Мақдисӣ ҳикоят кардааст:

- Ва ман тағоям шайх Абуамр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Қудомаи Мақдисӣ, ки аз устодаш иҷозатиривоятро дошт ва устодаш шайх ва қории бузург Абубакр ибни Алӣ ибни Абдуллоҳи Ҳарронӣ соли 597 ҳиҷрӣ ба вай гуфта буд:

- Барои зиёрати қабри ҳазрати Амири мӯъминон Алӣ(р) дар охири хилофати Ал-мустаъиз[26] бо гурӯҳе ба Наҷаф рафта, дар хонаи яке аз сарварони Алавиҳо фурӯд омадем. Ӯ мутавалии он ҷо будааст.

Моро иззату икром кард. Хидматгораш яҳудӣ буд. Моро ба он Алавӣ марди Ҳошимие, ки бо мо рафиқию ошнойи дошт, шинос карда буд. Рӯзе дар хонаи Алавӣ нишаста будем, ки Ҳошимӣ ба вай гуфт:

- Хоҷа, ҳама корҳоятон хуб!, Охир шумо шарафи насабӣ, муруввату караму саховат доред, лекин мо як коратонро намеписандем. Чаро ин яҳудиро ходими худ

гирифта, вайро ба худ қариб сохтаед, бо он ки вай ба дини шумо мухолиф аст. Ин шеърро гӯё барои шумо гуфтаанд:

Онро, ки шарафу бузургит аз ӯст,

Ин ходимакат козибаш гуфт.

Пас ин чӣ корест, ки кардаед?

Алавӣ гуфт:

- Рост мегӯӣ, лекин ҳар бор ғуломписаре ё ғуломдухтаре харидам, ба ман хиёнат намуданд ба ғайр аз ҳамин яҳудӣ, ки вайро хайрхоҳу амонатдор ёфтам.

Баъзеи мо гуфтанд:

- Агар чунин бошад, чаро вайро ба дини Ислом даъват ва ташвиқу тарғиб намекунӣ? Шояд мусулмон шавад. Хоҷа яҳудиро ҷеғ зада овард. Як нафари мо ба вай гуфт:

- Мо туро барои даъвати Ислом ҷеғ задем, чӣ мегӯӣ?

Яҳудӣ гуфт:

- Чун маро ҷеғ задед, ман мақсади шуморо пай бурдам.

Ба вай гуфтем:

- Ту хубию бузургии хоҷаатро медонӣ. Хонадорию сарватмандиашро ҳам. Бар замми ин, вай туро азиз медорад.

Яҳудӣ гуфт:

- Ман ҳам вайро азиз медорам.

Ба вай гуфтем:

- Пас чаро дини вайро намепазирӣ ва Ислом намеорӣ?

Яҳудӣ гуфт:

- Шумо медонед, ки ман Узайр ва Мусоро Паёмбарони бузург меҳисобам. Агар ман пеш аз дини яҳудиро қабул карданам медонистам, ки ягон яҳудӣ зани

---

[26] *Хилофаи 33-юми сулолаи Аббосӣ*

Паёмбарро тӯҳмат задааст ё бад гуфтааст ё падарзани Паёмбарро ва ёрони вайро дашном кардааст, ман дар ин сурат дини яҳудиёнро қабул намекардам, аммо то ҳол чунин кореро аз онҳо намедонам. Агар ман мусулмон шавам, киро дар анҷоми амалҳои зарурии ин дин пайравӣ намоям.

Ҳошимӣ гуфт:

- Хоҷаатро, ки хидматаш мекунӣ.

Яҳудӣ гуфт:

- Ман намехоҳам вайро пайравӣ кунам.

Ҳошимӣ гуфт:

- Чаро?

Яҳудӣ гуфт:

- Хуҷаини ман ҳамсари Паёмбараш Муҳаммад (с)-ро сухани носазо гуфта, падари ҳамсари вайро, яъне Абубакрро дашном дода, ёрони Паёмбарашро беэҳтиромӣ ва бадгӯӣ мекунад. Пас, ман намехоҳам, ки ба монанди хоҷаам худро пайрави дини Муҳаммад (с) гуфта, боз зани Муҳаммадро тӯҳмату ёронашро дашному ҳақорат кунам. Пас, ман фикр мекунам, ки амали ман дар дини яҳудӣ аз амали хоҷаам дар дини худаш хубтар аст. Хоҷа аз ғаму ғуссае, ки аз шунидани ин суханон ӯро фаро гирифта буд дигар забонаш чанд вақте аз сухан монду даст бар замин мезад ва сар ба пой афканда буд. Баъди андаке сарашро бардошту дасташро тарафи яҳудӣ дароз карда, гуфт:

- Рост мегӯӣ! Дастатро бидеҳ, ки ман гувоҳӣ медиҳам, ки ба ғайр аз Аллоҳ маъбуди барҳаққе нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад расули Худо ва аз он корҳову суханоне, ки гуфтию ман онҳоро мекардаму мегуфтам тавба намудам. Яҳудӣ ин суханони хоҷаро шунида гуфт:

- Ман ҳам гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз Аллоҳ ҳеҷ кас сазовори парастиш нест. Танҳо Аллоҳро бояд парастид, ки ҳеҷ шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад

бандаи бузургвори Худост ва ҳар дине, ки ғайр аз дини Ислом аст, ботилу беасос аст.

Яҳудӣ Ислом оварда мусалмони хубе шуд, хоҷааш аз рофизӣ будан тавба карду некӯахлоқ шуд.

- Бубин, Худо туро дар зери раҳматаш қарор диҳад- ин ҳикояи зеборо, ки дар вай панду андарзи олист барои соҳибақлон ва ононе, ки ба сухани ҳақ хуб гӯш медиҳанд ва аз аҳли шаҳодатанд, намуна овардем. Чӣ гуна шахсе метавонад мусулмон бошад ва даъвои муҳаббат ба Пайғамбар дошта бошад ҳол он, ки ҳамсарону ёрони Пайғамбарро бадгӯӣ ва тӯҳмату айбҷӯи намояд? Расули Худо(с) сароҳатан баён доштааст, ки «Оиша ва падари вай Абубакр дӯстдоштатарин мардум дар наздаш ҳастанд».

Оё мусулмон касонеро, ки Пайғамбар дӯст доштааст бад мебинад?

Дар саҳеҳи Имоми Бухорӣ аз Амр ибни Ос (р) ривоят мекунад, ки гуфт:

Ман гуфтам:

- Эй Расули Худо кадоме аз мардумро шумо бештар дӯст медоред?

Гуфтанд:

- Оишаро

Гуфтам:

Аз мардҳо чӣ?

Гуфт:

- Падари Оишаро.

*(Ин ҳадисро Имом Муслим ҳам ривоят кардааст)*

Эй таъназанандаву тӯҳматкунандаи Оиша (р)! Оё ту ин сухани Худованди азза ва ҷалларо нашунидаӣ?

Сухани Худо:

**«Касоне, ки занони покдоман ва бехабар аз фаҳшо ва боимонро тӯҳмати ба зино мекунанд, дар дунё ва охират лаънат шудаанд ва барои онҳо азобест бузург»**

*(Сураи Нур, ояи- 23)*

Оё ваиде ва таҳдиде аз ин сахттар мешавад? Ин оят дар ҳаққи Оиша(р) аст, ки вай модари занони боимону покдоман аст ва дорои мақоми баланд дар назди Худо ва расули Худост, ки дар ин уммат болотарин мақом аст. Худои азза ва ҷалла тӯҳматкунандаи Оишаро дар дунёву охират лаънат карда ва агар тавба накунад, барояш азоби бузургеро дар охират омода кардааст. Оё рофизиён хаёл мекунанд, ки фаросати Пайғамбар хато кардааст, ки Оишаро аз тамоми занҳо муқаддамтарин қарор дода вайро чунине, ки «Сарид» беҳтарини хӯрокҳост, шоҳи занон қарор додааст. Қасам ба Худо, ҳаргиз фаросати Паёмбар хато накардааст. Дари хонаи Оиша кушода шуду Ҷабраил(ъ)-ро бидид. Ҷабраил(ъ) ба Расули акрам (с) гуфт:

- Ба Оиша саломи маро расон!

Расулуллоҳ гуфтанд:

- Эй Оиша! Ин Ҷабраил аст, вай ба ту салом мегӯяд.

*(Ин ҳадис бо ривояти Муслим аст).*

Бузургиро бубин, ки Ҷабраил рӯ ба рӯ бо Марям бе ягон восита сухан гуфт ва Оишаро эҳтиром карда, ба воситаи Расулуллоҳ(с) ба вай салом фиристод, зеро Марям бешавҳар буд ва Оиша соҳиби бузургтарин шавҳар буд. Пас, касеро, ки Ҷабраил(ъ) эҳтиром кард, чӣ гуна дар ҳаққи вай бадгӯи ва тӯҳмат мекунанд? Инчунин касе, ки поктарин ва бузургтарини Паёмбарон аст, чӣ гуна забонашон ба ғайбату бӯҳтон дар ҳаққи ҳамсари он ҷаноб мегардад. Ҳар бадиеро, ки ба Оиша

нисбат медиҳанд, бӯҳтону тӯҳмат буда, сухани бофтаи шахсест,ки забонаш дар ихтиёри худаш нест. Чун Оишаро тӯҳмат заданд, чанд вақте чизеро пай набурда буд. Зани нопок чунин нест, балки дар ташвиш аст, ки сирраш ин дам ё лаҳзаи дигар фош хоҳад шуд. Оиша аз тағйир ёфтани муомилаи шавҳари бузургвораш бо вай ҳайратзада буд. Ӯ замоне ин воқеаро пай бурд, ки яке аз мардҳои тӯҳматчиеро, ки Мистаҳ ном дошт модараш дуъои бад кард.

Оиша ба вай гуфт:

- Ӯ чӣ коре кардааст, ки вайро дуъои бад мекунӣ?

Пас, модари Мистаҳ қиссаи тӯҳматро ба Оиша гуфт.

Оиша аз таъсири ин тӯҳмати бузург бемор шуду аз Расули акрам (с) иҷозати ба хонаи падару модар рафтан пурсид. Ба он хотир, ки асли ҳодисаро маълум созад. Аз ин хотир ба модараш гуфт:

- Модарҷон! Мардум чиҳо мегӯянд.

Модар гуфт:

- Духтарам парво макун, занони шавҳарат ба ту ҳасад бурдаанд. Пас, Оиша бардавом дар назди Парвардигори меҳрубон ин қиссарро ёдовар мешуду мегирист, то он ки рӯзе Расулуллоҳ (с) даромада гуфтанд:

«Эй Оиша, агар ба таври ногаҳонӣ гуноҳе кардаӣ, аз Худо омурзиш талаб кун, баъдан ба сӯи Худо боз гард».

Оиша ба модараш гуфт:

- Ба ҷои ман посухи Расулуллоҳ (с)-ро бидеҳ, аммо модар надонист чӣ бигӯяд. Пас, Оиша фарёде кашид, ки барои ман сабри ҷамил лозим аст ва дар ин бора аз Аллоҳ ёрӣ металабам. Оиша рӯй ба зоте овард, ки чун бечорае, дармондае, мӯҳтоҷе, беморе аз ӯ ҳалли мушкилии худро бихоҳад, мушкилии вайро осон мекунад. Он зоти якка ва ягона Аллоҳ аст, ки ягона мушкилкушо ӯст, шифодиҳанда ва бахшандаву меҳрубон аст. Касе

ғайр аз ӯ мушкилоти моро ҳал карда наметавонад. Рӯ ба Аллоҳи якто бояд орем. Оиша чун ҳалли мушкилии худро аз Аллоҳи меҳрубон пурсид, ваҳй нозил шуд, ваҳй аз осмон, ваҳйи Худои меҳрубон. Ҷабраил(ъ) оятҳое аз Қуръони каримро овард, ки покии Оишаро баён мекард, ки мо имрӯз ҳам онҳоро мехонем. Занону духтарон бояд аз ҳаёти Оиша ибрат гиранд. Поку маъсума бошанд. Ин барои занон фахр аст, ки Худо ба хотири эълони покизагии Оиша ояҳои Қуръонӣ фиристод. Худо аз муъминони пок пуштибонӣ мекунад. Эй занону духтарон! Шумо пайрави Оиша бошед. Агар чунин кунед, ба мақоме хоҳед расид, ки Худо аз шумо пуштибонӣ хоҳад кард.

## НАСИҲАТ

Ҳон, эй мусалмон! Аз муҳаббат ба дӯстдоштаи Расулуллоҳ(с) ғофил мабош ва ӯро ҳаргиз фаромӯш макун. Фазилатҳои ӯро биомӯз ва ҳифз бикун, зеро волотарин фазилатҳову хубиҳоро дар вай хоҳӣ ёфт. Он касе, ки модари уммати исломро дӯст бидорад ва аз бадгӯёну душманони ҷоҳили вай дурӣ ҷӯяд, дар ҳақиқат хушбахт аст. Чӣ мақомоти баландеро ва мартабаҳои олиеро дорост. Оиша (р), дар тамоми фанҳову улум ва одоб мақоми олиро дорост. Муҳаббате, ки Расули акрам(с) ба вай дошт барояш волотарин мақом аст. Худованд далели покии вайро аз фарози ҳафт осмон дар ояҳои Қуръон фиристод. Оятҳое, ки дар малаул-аъло хонда мешаванд ва чун мусалмонон ва мӯъминони ҳақиқӣ онро тиловат мекунанд, бисёр гуворо ва форам ба гӯш мерасад. Намедонем, онҳое, ки Оишаро айб гирифта, бадаш мебинанд, чӣ гуна ин оятҳоро мехонда бошанд? Агар рофизӣ метавонист ин оятҳоро аз Қуръон

маҳвф созад, аз ин кор ибо намекард. Расули акрам (с) дар муҳаббат ҳеҷ нафареро аз вай пештар намегузорад.

Ба он ҳазрат гуфтанд:

- Чӣ касе маҳбубтарин мардум дар назди шумост? Пас, номи Оишаро гирифт. Дар кулбаи ҳеҷ зане аз занонаш ғайр аз Оиша барои Паёмбар ваҳй нозил нашудааст. Расули Худо вайро дар хурдсолиаш ба никоҳ даровард ва дар партави одоби набувват ва рисолат тарбияаш намуд. Муҳаммад ибни Зубайр аз Зуҳрӣ ривоят мекунад, ки: «Аввалин муҳаббату ишқе, ки дар Ислом падид омад, муҳаббату ишқи расули Худо ба Оиша(р) буд». Аммо бояд донист, ки ин ишқу муҳаббати заношавҳарӣ буд, на ишқбозиҳои дурӯғине, ки дар замони мо аз он истифода мекунанд, ки ба ҷуз фасод ва бебандуборӣ самараи дигаре надорад. Имом Бухорӣ дар саҳеҳаш ривоят мекунад, ки Ҷабраил(ъ) сурати Оишаро дар даруни газвори абрешимӣ оварда ба расули Худо нишон дода гуфтааст:

- Ин ҳамсари туст.

Аҷабо, бадгӯёни Оиша чӣ қадар курдил ҳастанд, ки ин ҳамаро нодида мегиранд.

## РАСУЛУЛЛОҲ (С) МЕХОСТАНД АЙЁМИ БЕМОРИАШОНРО ДАР ХОНАИ ОИША СИПАРӢ НАМОЯНД

Оиша(р) гуфтааст:

Расули Худо(с) вақте бемор шуданд, мегуфтанд:

- Ман фардо дар куҷо хоҳам буд? Ман фардо дар куҷо хоҳам буд? Мақсади расули Худо аз ин сухан ин буд, ки кай навбати ман мешуда бошад, яъне навбати Оиша. Пас, занони дигар чун инро пай бурданд, иҷозат

доданд, ки Пайғамбар дар кадом хонае, ки худаш хоҳад, ҳамон ҷо бимонад. Пас, то рӯзи вафоташ дар хонаи ман буд.

Агар навбатро идома ҳам медоданд, навбати ман мебуд. Худо ҷони поки эшонро дар ҳолате ситонид, ки сари он ҳазрат(с) дар оғӯши ман буд. Оби даҳонаш дар охирин лаҳзаи ҳаёташ бо оби даҳони ман омехта буд. Абдурраҳмон ибни Абубакр(р) (бародари Оиша) аз дар даромад ва мисвоке ҳамроҳ дошту мисвок мезад. Расулуллоҳ(с) ба чашми ханда ҷониби вай нигоҳ кард (ман инро пайхас карда гуфтам):

- Эй Абдурраҳмон[27], ин мисвокчубатро ба ман бидеҳ. Вай онро ба ман дод. Ман мисвокчубро ба даҳонам гузошта бо дандонҳоям фишор додам ва онро хоида нарм сохта, барои мисвок кардан омода карда, ба Расулуллоҳ(с) додам. Он ҳазрат(с) дар ҳоле, ки дар оғӯши ман ба синаам такя карда мехобид, онро гирифту дандонҳояшро бори охирин мисвок зад[28].

*(Бо ривоти Муслим)*

## ФОИДАҲОИ ИН ҲАДИС

Дар ин ҳадис фазилатҳои зерини Оиша(р) баён гардидааст.

1. Расули Худо мегуфт:

---

[27] *Ҳадис: «Мисвок задан поккунандаи даҳон ва хушнудкунандаи Парвардигор аст» (бо ривояти имом Аҳмад бо санади саҳеҳ). «Мисвок задан суннат аст, пас ҳар гоҳ мехоҳед мисвок бизанед». Дайламӣ ин ҳодисаро бо санади Ҳасан ривоят кардааст. Ҳангоми бадбуии даҳон мисвок задан воҷиб аст.*

- Ман фардо дар куҷо хоҳам буд? Ман фардо дар куҷо хоҳам буд? Яъне дар хонаи кадом ҳамсарам хоҳам буд. Кирмонӣ гуфтааст:

-Ин суханро Паёмбар(с) ба он хотир мегуфт, ки ба Оиша муҳаббати зиёде дошт ва иштиёқи зиёде ба омадани навбати вай дошт. Аз ҷиҳати иштиёқи зиёдаш нисбати вай, дар назараш чунин менамуд, ки гуё рӯзи навбати Оиша бисёр дер фаро мерасад. Ин далели равшанест бар муҳаббати Расули акрам (с) ба Оиша (р), зеро ин андозаи унсу улфат ва оромӣ, ҳатто нузули ваҳйро, ки дар хонаи Оиша муяссараш мешуд, дар хонаи дигар ҳамсаронаш намеёфт.

2. Он ҳазрат дар оғӯши Оиша вафот кард.

3. Вафоти он ҳазрат мутобиқ ба навбати Оиша афтод.

4. Пеш аз вафоташ оби даҳони Оиша ба оби даҳони он ҳазрат омехта шуд, зеро Оиша мисвокчубро хоида буду пас аз он ба ҳазрат(с) дода буд. Паёмбар (с) бо он дандонҳояшро мисвок карда буд. Оиша пас аз ин шояд борҳо бо он мисвокчуб, мисвок намуда бошад.

5. Аз ҳадис маълум мешавад, ки Оиша ниҳоят зираку доно ва закию рамузфаҳм буд ва ҳолатҳои Расули акрамро бисёр хуб медонист, аз ин рӯ аз як нигоҳи Паёмбар (с) хоҳишашро фаҳмида, иҷро кард.

6. Аз ин ҳадис фаҳмида мешавад, ки даъвои рофизиҳо, ки Расулуллоҳ(с)дар бағали Алӣ(р) вафот кардааст, хато мебошад.

---

*[28] Мисвокзанӣ воҷиб аст. (ривояти Абунуаӣм бо санади ҳасан). Ҷавонони мусалмон бояд тозагиро риоя кунанд, хусусан тозагии даҳонро. Ба ҷойи носу, сигор мисвокро пешаи худ намоянд. Паёмбарро бубинед, ки ҳангоми сахтии ҷондодан ҳам тозагиро риоя карда, мисвок заданд.*

*(Тафсили ин масоилро аз китоби «Қосиматуззаҳра», (с.61-64 ) пайгирӣ кунед.)*

## ВАФОТИ МУСИБАТБОРИ ОИША (Р)

Урва ибни Зубайр аз падараш ривоят кардааст, ки чун марги Оиша (р) фаро расид, бетоқат шуд. Ба вай гуфтанд:

- Чаро бетоқатӣ мекунӣ, эй модари мӯъминон, ҳол он, ки ту ҳамсари Паёмбар(с) ҳастӣ, модари тамоми аҳли имон ва духтари Абубакри Сиддиқ маҳсуб мешавӣ. Оиша (р) гуфт:

Рӯзи Ҷамалро ёдовар шуда, гулӯгир мешавам, эй кош пеш аз рӯзи Ҷамал мемурдаму аз ёдҳо фаромӯш мешудам.

*(Балоғоту-н-ниссо, с. 25,ҷ.2.)*

Воқидӣ гуфтааст:

- Оиша(р) модари мӯъминон ва пешвои занони мӯъмин дар шаби сешанбеи 17-уми моҳи мубораки Рамазон мусодиф ба рӯзи аввали набарди Бадр, нахустин набарди мусалмонон бо куффор, соли 58-уми ҳиҷрӣ, дар синни 66 солагӣ дунёи фониро падрӯд гуфт. Дигарон гуфтаанд, ки вай соли 57-ум вафот кардааст. Оиша васият карда буд, ки ӯро ҳамроҳи дигар занҳои Пайғамбар дар гӯристони Бақиъ ба хок супоранд. Ҷанозаи вайро Абуҳурайра(р), ки он вақт аз ҷониби Марвон волии Мадина таъйин шуда буд, гузорид. Аз Ҳишом ибни Урва ривоят аст, ки гуфт:

- Оиша ва Абуҳурайра (р) ҳар ду соли 57-ум вафот кардаанд (албатта Абуҳурайра баъдтар аз Оиша(р) вафот кардааст).

*(Сифату-с-сафва, с.358-359,ҷ.1.)*

Ибни Абихайсама аз Урва ибни Зубайр аз Оиша (р) ривоят кардааст, ки гуфта буд:

- Чун ман бимирам маро ҳамроҳи дугонаҳоям, яъне занҳои Паёмбар дар гӯристони Бақиъ гӯронед. Дар хонааш дар бари Расулуллоҳу Абубакру Умар ҷои холӣ буд, аммо вай гуфт:

- Ман ҳеҷ гоҳ дар он ҷо гӯронда нахоҳам шуд.

*(Субулул-ҳудо варрашод, с.182,ҷ.11.)*

## ҚАСИДА ДАР МАДҲИ ОИША (Р)

Қозии Ҳалаб, шайх, имом ва донишманди бузург Камолиддин ибни Адим (соли вафоташ 660 ҳиҷрӣ) дар васфи Оиша қасидае дорад, ки дар он таърифу тавсиф ва мадҳу ситоиши Оишаро карда бадгӯёну бадбинони вайро мардуд меҳисобад. Қасида чунин аст:

Мақоми мо куҷову умми мӯъминон куҷо,
«Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо»
Чу кина дорӣ ба ман, равзаи Расул марав,
Ки кулба они ман аст, пойи худ манеҳ он ҷо.
Худой дода ба ман ҳикмату фазилати хос,
Сифоти неку марову каломи пурмаъно.
Сууди руҳи Расул (с) будааст дар оғӯшам,
Чаро ки навбати шаб он замон буд маро.

Паёмбараст маро ҷуфт, зи ғайраш безорам,
Ҳамеша ҳаст ба забонам сипосу шукри Худо.
Фиристода Малак суратам ба амри Худо,
Бишуд волаю шайдо Расул (с) чу дид маро.
Худои азза ва ҷал дар каломаш покам гуфт,
Бихон зи сураи Нур тӯҳмату баротамро.
Ман он сунбули душизаам миёни занон,
Ки дар канори Муҳаммад (с) супурда умрамро.
Мақому фазли баланд додааст Худо бар ман,
Бихон ба ояи Қуръон ту зикри покамро.
Зи буғзи оли Расул дузахӣ шавад банда,
Бигуфта Аҳмади Мухтор баёни васфамро.
Маро Сиддиқ падар аст-ёрӣ бовафои Расул,
Ки ошкор бигуфта расул ҳуббашро.
Зи волидайн гирифтам сабақ  зи дини Худо,
Ки будаанд дуъогӯ ҳамеша Аҳмадро.
Зи ифтихори ҷаҳон баҳри ман ҳамин кофист,
Падар зи баъди Расул гашт сипар мар динро.
Падар ба молу тану ҷон бикард дифоъ аз дин,
Рафиқу ҳамдаму ҳамрози ғор буд, Аҳмадро.
Ба чор ёрӣ Муҳаммад (с), ки ҳақпараст буданд,
Бишав муҳиббу бикун во ту равзаи дилро.
Бошад  биҳишт ҷои дӯстдори кулли ёронаш,
Ҳамеша  дӯстдор бош ҳама ононро.
Фотимаву Алӣро дӯст бояд дошт,
Бе муҳаббати ин ду надидам ҳеҷ мусалмонро.
Икром намо чаҳор сарвари хилофатро.
Ҳар чор устуни дини поки Аҳмадро.
Дар дӯстиву муҳаббат чу бунёни марсусанд,
Биёву бубин устуворин ин меҳрпуёнро.
Буданд ҳама саҳоба меҳрубон ба як дигар,
Бигиру бихон сураи фатҳи Қуръонро.
Онҳо ба мисли ангӯштони дастонанд,

Оё дидаӣ зебо бе ангӯшт дастонро?
Аллоҳ улфату дустӣ ба онон карда арзонӣ,
Биёву бихон зи қуръон сураи оли Имронро.
Айбҷуйи онон ба кулфат фурӯ хоҳад рафт,
Дашномдиҳандашон набинад ғайри ҳирмонро.
Агар Худо ба бандае кардааст ёрӣ,
Кист он касе, ки  биёрад бар он банда хизлонро?
Ҳар ки дӯстдори ман аст, гӯ зи дашномгарон мабош,
Агар ҳамехоҳӣ дӯстию эҳтиромамро.
Ман покзанеам, ки барои покмард[29] халқ шудаам,
Занони паёмбар сарваранд поктарини поконро.
Ман модари ҳама муъминони дунёям,
Розӣ наям аз касе ки дорад ба ман бад гумонро.
Худо маро маҳбуби қалби поки паёмбар кард,
Ҳамесазад, ки бошам шукргузор ин иҳсонро.
Ҳар ки икрому иҳтиромам кард, Худо мукаррамаш созад,
Хорӣ насиб мешавад кулли бадгуёнро.
.Эй он, ки хонадони набиро дӯст медорӣ,
Умедкунандаи раҳмати Худои раҳмонро.
Ба модарони мӯъминон дустию муҳаббат кун,
Зи ҳад берун марав, ки пайрав гаштаи шайтонро.
Ман аз Худо хоҳони фазли бе карони ваям,
Шукру сипос, ки ба ман додааст имонро.
Ин пандҳо бигир, ки боғи пургӯлу райҳонанд,
Ҳам худ бибую бибахш ин гулу райҳонро.
Бар ҳазрати расулу ёрон,Худо дуруд фиристонад,
Бе ёди ин гурӯҳ зеб набошад ин бустонро.
Муслим инро бихонад руҳу равон биёбад,
Хашму ғазаби Худо рофизитинатонро.

Ин буд қасидае, ки заррае аз фазоили бешумори модари муъминонро барои мо васф намуд. Худо аз Оиша хушнуду розӣ бод!

---

*29 - Мурод Паёмбар (с).*

# ҲАВОРИИ (ЁРИ НАЗДИК) РАСУЛИ ХУДО (С) АЗ ЗАНОН

Дар ҳадис омадааст, ки Расули акрам (с) фармудаанд:

- Аз мардҳо ҳаввории ман Зубайр аст ва аз занҳо Оиша(р) аст.

*(Инро Зубайр ибни Баккор (соли вафоташ 869 милодӣ) ривоят кардааст. Ибни Асокир низ ин ҳадисро ривоят намудааст).*

Дар ҳадис омадааст, ки: «Қасам ба он зоте, ки ҷони ман ба дасти ӯст, ҳар касе, ки мо аҳли байтро бад бубинад, ба дӯзах дохил хоҳад шуд»

*(Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда гуфтааст, ки ба шарти Муслим саҳеҳ аст. Албонӣ низ инро саҳеҳ гуфтааст.)*

Дар «Саҳеҳ»-и Муслим боби «Фазоилу-с-саҳоба» ҳадиси рақами 36-ум, тибқи рақамгузории Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ омадааст, ки Ҳусайн ном тобеӣ аз Зайд ибни Арқами саҳобӣ пурсид:

- Оё занони Паёмбар (с) аз аҳлӣ байти он кас нестанд?

Зайд ибни Арқам гуфт:

- Занони Паёмбар аз аҳли он ҳазрат ҳастанд. Оиша(р) дӯстдоштатарин аҳли хонаводаи Паёмбар дар назди он кас будаанд, пас, бад дидани Оиша сабаби дӯзахӣ шудани шахс мегардад.

# ОИША (Р) АЗ АҲЛИ БИҲИШТ

Дар ҳадис омадааст, ки Расули акрам (с) фармуданд:
- Оиша ҳамсари ман дар биҳишт аст

*(Ин ҳадисро Ибни Саъд ривоят карда, Албонӣ саҳеҳ гуфтааст).*

Дар ривояти дигари Ҳоким, Расули акрам (с) фармуданд:
- «Оё розӣ мешавӣ, ки ҳамсари ман дар дунёву охират бошӣ»?
Оиша мегӯяд:
Гуфтам:
- Албатта, мехоҳам.
Он ҳазрат фармуданд:
- Пас, ту дар дунёву охират ҳамсари ман ҳастӣ.

*(Ин ҳадисро низ Албонӣ саҳиҳ гуфтааст).*

Дар ривояти дигари Ҳоким чунин омадааст, ки Оиша мегӯяд:
Гуфтам:
- Эй Расули Худо(с), чӣ касоне дар биҳишт ҳамсарони ту ҳастанд?
Гуфт:
- Аммо, ту аз онҳоӣ.

*(Албонӣ ин ҳадисро саҳеҳ гуфтааст).*

Ҳазрати Аммор(р) дар Куфа хутба эрод карда, гуфт:
- Қасам ба Худо, ман медонам, ки Оиша дар дунёву охират ҳамсари Паёмбар(с) аст.

*(Ин ҳадисро Бухорӣ ва Аҳмад ва Ҳоким ривоят кардаанд).*

Ибни Тин дар ҳадиси Бухорӣ гуфтааст: «Аммор бе шубҳа Оишаро биҳиштӣ донистааст. Вай чунин суханро аз пеши худ гуфта наметавонад, албатта, ӯ инро аз Расулуллоҳ(с) шунида аст».

## ДУЪОИ ОН ҲАЗРАТ (С) ДАР ҲАҚҚИ ОИША

Расули Худо(с) дар ҳаққи ҳамаи уммат ба таври умумӣ ва дастаҷамъӣ дуъо кардааст, аммо аз миёни онон дар ҳаққи Оиша(р) ба таври хусусӣ ва ҷудогона дуъо намудааст, ки ин аст.

Ҳадис: «Худоё ҳама гуноҳони аввалину охирин ва пӯшидаву ошкорои Оишаро мағфират бикун». Боз Расулуллоҳ(с) гуфт:

«Қасам ба Аллоҳ, ки ин дуъои ман аст барои умматам, ки дар ҳар намозе ин дуъоро мекунам».

*(Ин ҳадисро имом Баззор ривоят карда, Албонӣ ҳадиси ҳасанаш гуфтааст).*

## ҲИМОЯТ ВА МУҲАББАТИ ОИША (Р) БА ҲИҶОБ

Урва аз Оиша(р) ривоят кардааст, ки гуфт:

---

[30] *Муҳоҷирон касоне буданд, ки ба хотири ризои Худо ватани худ Маккаро тарк карда, ҳамроҳи расули Худо ба Мадина ҳиҷрат намуданд.*

[31] *Ансор-аҳли Мадинаро мегуянд, ки муҳоҷиронро ҷой дода Расули Худоро дар пешбурди даъваташ ёрӣ доданд.*

- Худованд занони муҳоҷирони[30] аввалинро мавриди лутфу марҳамати худаш қарор бидиҳад, ки чун Худо ин оятро нозил кард,

«**Ва бояд миқнаъҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд, то гардану синнаҳояшон натобанд».**

*(Сураи Нур, ояи-31)*

онҳо чодарҳои худро пора карда, бо он сару гардани худро пӯшониданд.

*(Ин ҳадисро Бухорӣ ва Абудовуд ва Табаронӣ ривоят кардаанд).*

Сафия бинти Шайба гуфтааст:

- Мо дар ҳузури Оиша нишаста будем. Пас, занон бузургиҳо ва хубиҳои занони Қурайшро ёдовар шуданд.

Оиша гуфт:

- Занони Қурайш фазилати бузургию хубиро доро ҳастанд, аммо ба Аллоҳ қасам, ки ман аз занони Ансор[31] дида бузургтару беҳтарро надидаам. Боварии онон ва имонашон аз дигар занҳо қавитару комилтар аст. Вақте Худованд ин ояти сураи Нурро фиристод, ки *«Валязрибна бихумуриҳинна ало ҷуюбиҳинна»* мардҳои Ансорӣ ба назди хонадони худ рафта, ин оятро барояшон хонданд. Одати онҳо ин буд, ки чун оятеро мефаҳмиданд онро барои занонашон ва духтарону хоҳарону хешу табор мехонданд. Пас, ояти ҳиҷобро ба занҳои худ расонданд, тамоми занҳои онҳо ҳамчун нишонаи тасдиқу имонашон чодарҳои худро ба сару гарданҳои худ печонда сатр карданд. Вақти намози бомдод аз паси Расули Худо(с) бо ҳайате намоз хондаанд, ки сару гарданашон печонида сатр карда шуда буд. Сарҳои онҳо

бо руймолҳои сиёҳ пӯшонида шуда буд ва хаёл мекардӣ, ки бар сарашон зоғ нишастааст.

*(Инро ибни Абиҳотим ва Абудовуд ривоят кардааст).*

Ҳафса духтари Абдурраҳмон ибни Абубакр, ки духтари бародари Оиша(р) буд, рӯзе ба назди аммааш Оиша(р) омад, дар ҳоле, ки дар сараш рӯймоли тунук дошт. Оиша(р) он рӯймоли тунуки духтари бародарашро пора-пора карда, ба ҷойи он ба вай як рӯймоли ғафсу бузургеро дод.

*(Инро Имом Молик ривоят кардааст)*

## АЗ ИН ҲАДИСҲО ЧАНД НУКТАРО МЕФАҲМЕМ

1. Дуъои неки Оиша (р) дар ҳаққи занони муҳоҷир, ки ҳиҷоби исломиро хуб риоят мекардаанд.

2. Таърифу тавсиф ва мадҳу ситоиши Оиша(р) занони Ансорро, ки дарҳол ба ояти ҳиҷоб амал кардаанд.

3. Оиша ҳиҷобро дӯст медошт, зеро дар ҳаққи занони ҳиҷобпӯш дуъои хуб карду ононро ситоиш ва зикри нек кард, ки ин аз нишонаҳои муҳаббат аст.

4. Оиша (р) зани бо ғайрате буд, ки кори ғайри шаръиро ба зӯри бозу ҳам боз медошт ва манъ менамуд. Эй кош модарону хоҳарону занону холаву аммаҳои замони мо мисли Оиша (р) шаванд, ки аз баракати

---

[32] *Ишроқ -ё зуҳо намозест, ки ҳангоми чошт яъне саҳар баъди баланд шудани офтоб хонда мешавад. Оишаро пурсиданд: “Расулуллоҳ намози зуҳоро чанд ракъат мегузорид”. Гуфт:*

*- Чаҳор ракъат ва боз чанде мехост зиёд мекард.*

ғайрати имони онҳо беҳиҷобию бесатрӣ аз миён биравад.

## МУҲАББАТИ БЕАНДОЗАИ ОИША (Р) БА НАМОЗ

Оиша (р) намози ишроқро[32] ҳашт ракъат мегузорид ва мегуфт:

- Агар падару модарам зинда карда шаванд ман ин намозро тарк нахоҳам кард. (Яъне агар фаразан ба Оиша пешниҳод мешуд, ки ин намозро тарк бикун, падару модарат зинда карда мешаванд, вай аз шиддати муҳаббаташ ба намоз омода набуд, ки ба ин хотир намозро тарк бикунад).

*(Ин ривояти имом Молик ва Муслим буд).*
*(Ривояти Муслим).*

## ВАСФИ ИМОМ АБУҲАНИФА АЗ ОИША (Р)

Имом Абуҳанифа (р) дар фасли охирини васияташ ба шогирдон мефармояд: «Оиша (р), пас аз Хадиҷа(р) бузургтарин зани дунёст». Оиша модари тамоми мӯъминон ва поку ниҳоят дур аз зиност.

## ТАНОВУЛИ ОН ҲАЗРАТ (С) БО ОИША (Р)

Оиша гуфтааст:

- Ман аз зарфе об менӯшидам, ҳол он ки дар ҳолати ҳайз будам ва баъдан он зарфро ба Расулуллоҳ(с)

медодам. Он кас даҳонашро дар ҳамон ҷое гузошта менӯшид, ки ман даҳонамро гузошта нушида будам. Гӯштро мегазидам дар ҳоле, ки дар ҳолати ҳайз будам ва баъдан онро ба расули Худо медодам ва он кас аз ҳамон ҷойи даҳонзада ва газидаи ман мехӯрданд.

*(Ин ҳадис бо ривояти Муслим аст)*

## ҚИРОАТИ РАСУЛИ АКРАМ (С) ДАР ОҒӮШИ ОИША (Р)

Оиша гуфтааст:

Расули Худо(с) дар оғуши ман такя зада, Қуръон мехонданд ҳол он, ки ман дар ҳолати ҳайз будам.

*(Ин ҳадисро Бухориву Муслим Ривоят кардаанд)*

Худоё аз Оиша ва падари вай ва модару бародарону хоҳарону, холаҳову, аммаҳои вай ва ҳамаи дӯстдорони вай хушнуду розӣ бишав! Худоё моро дӯст бидор ва гуноҳони моро биёмурз ва падару модарони мо ва ҳамаи уммати Муҳаммадро дар зери раҳмату мағфиратат қарор бидеҳ! Парвардигоро, дар дунёву охират беҳтарин некиҳоро насиби мо бикун ва моро аз азобат, ки тоқати онро надорем, ба масофаи миёни машриқу мағриб дур бисоз! Дуруду саломҳои бепоён бар Расулу хонадону тамоми ёронаш бод!

Тарҷумаи китоб дар шаби 27-уми моҳи мубораки Рамазони соли 1426 ҳиҷрии қамарӣ анҷом пазируфт. Дар дуъоятон моро фаромӯш накунед. Аз ҳар хатое, ки кардаем, аз хонандаи азиз маъзарат хоста умедворем бар хатои мо қалами ислоҳро ба кор баранд.

# МУНДАРИЧА


ПЕШГУФТОРИ МУТАРҶИМ ........ 3

ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ ........ 5

ОИША (Р)-РО БА ЗАНИ ГИРИФТАНИ РАСУЛИ АКРАМ (С) ........ 7

ФОИДАҲОЕ, КИ АЗ ИН ҲАДИС БА ДАСТ МЕОЯНД ........ 8

ИЗДИВОҶИ ҲУМОЮНУ БОБАРАКАТ ........ 10

ИЗДИВОҶЕ, КИ БА ФАРМОНИ ХУДО АНҶОМ ЁФТ ........ 12

МУҲАББАТИ ПАЁМБАР (С) БА ОИША ........ 15

ШАФҚАТИ РАСУЛИ ХУДО (С) БА ОИША ........ 16

ВАЙ ДУХТАРИ АБУБАКР АСТ ........ 17

МУҲАББАТИ РАСУЛИ АКРАМ (С) НИСБАТ БА ОИША ........ 20

МАРО ДАР МУҲАББАТАМ НИСБАТ БА ОИША (Р) АЗИЯТ МАДЕҲ ........ 21

ЛУТФУ МЕҲРУБОНИИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) БА ОИША (Р) ........ 22

ФОИДАҲОИ ИЛМИЕ, КИ АЗ ИН ҲАДИС ВА ҲАДИСИ ҚАБЛӢ ҲОСИЛ МЕШАВАНД ........ 23

МУСОБИҚАИ ПАЁМБАР (С) БО ОИША ........ 25

ФАЗЛУ БАРТАРИИ ОИША БАР ЗАНОНИ ДИГАР ........ 25

ФОИДАҲОИ ИЛМИИ ИН ҲАДИС ........ 26

РАСУЛИ АКРАМ БА ҶУЗ ОИША (Р) ЗАНИ ДӮШИЗАИ ДИГАРЕ НАГИРИФТА БУД ........ 26

СӮҲБАТИ ОН ҲАЗРАТ БО ОИША (Р) ДАР САФАР ........ 27

БА ИҶРО РАСОНИДАНИ ПАЁМБАР ХОҲИШОТИ ОИШАРО ........ 28

РАСУЛУЛЛОҲ (С) ИНТИЗОР ШУДАНД, ТО ОИША УМРААШРО АНҶОМ ДИҲАД ........ 29

НАПАЗИРУФТАНИ ОН ҲАЗРАТ (С) ДАЪВАТИ ҲАМСОЯАШРО БА ХОТИРИ ОИША ........ 30

ИҶОЗА ДОДАНИ ОН ҲАЗРАТ (С) ОИШАРО БАРОИ МУШОҲИДАИ БОЗИИ ҲАБАШИҲО ........ 31

ШАФҚАТУ МЕҲРУБОНИИ ПАЁМБАР (С) НИСБАТ БА ОИША (Р) ........ 35

ХУШБӮЙИ МОЛИДАНИ ОИША (Р) ПАЁМБАРРО ВА ШОНА КАРДАНАШ МӮЙИ ОН ҲАЗРАТРО ........ 37

ҒУСЛ КАРДАНИ ОИША (Р) ҲАМРОҲИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) АЗ ЯК ЗАРФИ ОБ ........ 38

НАМОЗ ХОНДАНИ ОН ҲАЗРАТ ДАР БИСТАРЕ, КИ ОИША (Р) БАР ВАЙ ХОБИДА БУД ........ 39

БЕДОР КАРДАНИ ОН ҲАЗРАТ ОИШАРО БАРОИ НАМОЗИ ВИТР ........ 39

СӮҲБАТ КАРДАНИ ОН ҲАЗРАТ БО ОИША, ПАС АЗ СУННАТИ БОМДОД ........ 40

АМР КАРДАНИ РАСУЛИ ХУДО (С) ОИШАРО БА РИФҚУ НАРМӢ ........ 40

САВДА ДУХТАРИ ЗАМЪА-ЯКЕ АЗ ҲАМСАРОНИ ОН ҲАЗРАТ НАВБАТАШРО БА ОИША (Р) БАХШИД, ТО РАСУЛУЛЛОҲ (С)-РО ХУШҲОЛ СОЗАД ........ 41

ХУСУСИЯТҲОИ ОИША (Р) .......... 41
ҒАЙРАТИ (РАШКИ) ОИША БА ХОТИРИ РАСУЛУЛЛОҲ (С) .......... 43
ПАДАРУ МОДАРАМ ФИДОИ ТУ БОД! .......... 43
ФУРУД ОМАДАНИ ВАҲЙИ ОСМОНӢ БАРОИ ИСБОТИ ПОКИИ ОИША .......... 44
ФОИДАҲОИ ҲАДИСИ ИФК .......... 55
ДОНИШМАНДИИ ОИША (Р) .......... 58
ЗУҲДУ САХОВАТИ ОИША (Р) .......... 62
ТАРСИ ОИША АЗ ХУДО ВА ПИСАНД КАРДАНАШ ТАЪРИФУ ТАВСИФ ВА МАДҲУ СИТОИШРО 68
ПОРАЕ АЗ НИЁИШ ВА ИБОДАТҲОИ ОИША (Р) .......... 70
ЁДЕ АЗ ПАРҲЕЗКОРӢ ВА ҲАЁИ ОИША(Р) .......... 71
ФАРМУДАҲОИ ОИША ПИРОМУНИ АХЛОҚИ ХУБ .......... 72
СУХАНИ ОИША ДАР БОРАИ МАРДЕ, КИ АЗ ЗӮҲДИ НОДУРУСТ ҚАРИБ МУРДА БУД .......... 73
ЁДЕ АЗ ФАСОҲАТУ СУХАНВАРИИ ОИША (Р) .......... 74
ҲАДИСИ УММИ ЗАРЪ .......... 74
СУХАНИ ОИША(Р) ҲАНГОМИ КУШТА ШУДАНИ ҲАЗРАТИ УСМОН (Р) .......... 77
ПУШТИБОНИИ САРВАРОН АЗ ОИША (Р) .......... 79
ЯҲУДИЕ, КИ БУЗУРГИИ ОИШАРО МЕДОНИСТ .......... 84
НАСИҲАТ .......... 90
РАСУЛУЛЛОҲ (С) МЕХОСТАНД АЙЁМИ БЕМОРИАШОНРО ДАР ХОНАИ ОИША СИПАРӢ НАМОЯНД .......... 92
ФОИДАҲОИ ИН ҲАДИС .......... 93
ВАФОТИ МУСИБАТБОРИ ОИША (Р) .......... 94
ҚАСИДА ДАР МАДҲИ ОИША (Р) .......... 96
ҲАВОРИИ (ЁРИ НАЗДИК) РАСУЛИ ХУДО (С) АЗ ЗАНОН .......... 97
ОИША (Р) АЗ АҲЛИ БИҲИШТ .......... 98
ДУЪОИ ОН ҲАЗРАТ (С) ДАР ҲАҚҚИ ОИША .......... 99
ҲИМОЯТ ВА МУҲАББАТИ ОИША (Р) БА ҲИҶОБ .......... 100
АЗ ИН ҲАДИСҲО ЧАНД НУКТАРО МЕФАҲМЕМ .......... 101
МУҲАББАТИ БЕ АНДОЗАИ ОИША (Р) БА НАМОЗ .......... 102
ВАСФИ ИМОМ АБУҲАНИФА АЗ ОИША (Р) .......... 103
ТАНОВУЛИ ОН ҲАЗРАТ (С) БО ОИША (Р) .......... 103
ҚИРОАТИ РАСУЛИ АКРАМ (С) ДАР ОҒУШИ ОИША (Р) .......... 103

**Варақаи иртибот байни хонанда ва ношир**

**АССАЛОМУ АЛАЙКУМ ВА
РАҲМАТУЛЛОҲИ ВА БАРАКОТУҲУ.**

Хонандаи гиромӣ, хоҳишмандем саволномаи зеринро бо ҷавобҳои дақиқ пур созед. Ин саҳифаро бурида ба нишонии электронии мо ирсол намоед ва як китоби тоза ба нашррасидаи моро ройгон дарёфт хоед кард.

Ному насаб: ______________________________________
Вазифа: __________________________________________
Маълумот: ________________________________________
Суроға: __________________________________________
Телефон: ________________________________________
e-mail: ___________________________________________

**- Дар бораи ин китоб** _________________________________
(номи китоб)
**аз куҷо хабардор шудед?**
а) аз китобхона ?
б) аз рафиқон ?
в) аз эълону реклама ?
г) аз намоишгоҳ ?
**- Ин китобро аз куҷо харидед?**
Номи китобхона, намоишгоҳ ё фурӯшгоҳ___________________
Назари шумо дар бораи услуби китоб
а) оддӣ ?
б) хуб ?
в) олӣ ?
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)_______________________
__________________________________________________________
**- Назари шумо дар бораи сифати китоб:**
а) оддӣ ?
б) хуб ?
в) олӣ ?
(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)_______________________
__________________________________________________________

**- Назари шумо дар бораи нархи китоб:**

а) арзон ?

б) муносиб ?

в) гарон ?

(лутфан тавзеҳ бидиҳед, барои чӣ?)______________________

______________________________________________

**- Дар оянда дар кадом мавзӯъҳо китоб хондан мехоҳед?**

______________________________________________

Ин китоб шояд аз хатогиҳои лафзию техникӣ орӣ набошад. Агар шумо дар он саҳву хатое мушоҳида намудед, лутфан дар ҷадвали зерин қайд намоед. Назари шуморо ҳатман дар чопҳои оянда ба инобат хоҳем гирифт.

| Сатр ва рақами саҳифа | хато | дуруст |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Почтаи электронӣ:

wasatiyat@mail.ru

fund-wasatiyat@yandex.ru

Quron-khatloni@yandex.ru

iqbolkawthar@hotmail.com

Аз мукотиба ва ҳамкориатон миннатдорем.

***Идораи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»***

# Ҳадафи Бунёди ҷамъиятии «Васатият»

*Бунёди ҷамъиятии **«Васатият»** мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монда, ҳадафҳои асосии он иборатанд аз:*

-Баланд бардоштани савияи илмию фар-ҳангии миллати тоҷик.

-Таҳқиқ ва пажуҳиши таърих ва тамаддуни шарқӣ бо услубҳои тоза ва замонавӣ.

-Расонидани аҳкоми дини мубини Ислом тавассути китобҳои пурмуҳтаво ва асил дар партави **Қуръон ва Суннат** ва тибқи мазҳаби **Имоми Аъзам Абуҳанифа (р).**

-Муттаҳидсозии тамоми мардуми Тоҷикистони азиз новобаста аз миллату нажод дар атрофи **қонун ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

-Хидмати содиқона ба миллат ва давлати куҳанбунёди тоҷик ва зиддият бо ҳар гуна ихтилоф ва зуҳуроти номатлуб.

-Нашри китобҳои асилу нобе, ки аз гузаш-тагони солеҳамон ба мо расидааст.

*Албатта имони комил ва яқин дорем, ки бо ёрии Худованд ба ин ҳадафҳо муваф-фақ хоҳем шуд. Аз ин хотир ҳамагонро ба хондани чунин китобҳо тавсия менамоем, то аз ҳар гуна инҳирофот ва каҷравӣ со-лим бошем ва обурӯю эътибори миллати азизамонро ҳифз намуда, парчами давлати соҳибистиқлоламонро боз ҳам баландтар бардорем.*

***Раёсати Бунёди ҷамъиятии «Васатият»***

## КИТОБҲОЕ, КИ аз ТАРҶУМОН ТО БА ҲОЛ ТАРҶУМА, БАРГАРДОН ВА ТАҲИЯ ШУДААСТ:

1. **Саду як қисса аз ҳаёти Муҳаммад (с).**
2. Саду як қисса аз ҳаёти Абубакри Сиддиқ (р).
3. Саду як қисса аз ҳаёти Умар (р).
4. Саду як қисса аз ҳаёти Усмон (р).
5. Саду як қисса аз ҳаёти Алӣ (р).
6. Саду як қисса аз ҳаёти Умар ибни Абдулазиз (р).
7. Тафсири мухтасари Хатлонӣ дар се ҷилд.
8. Таърихи хулафои рошидин: Абубакр (р) ва Умар (р).
9. Таърихи хулафои рошидин: Усмон (р) ва Алӣ (р).
10. Шинохт ва мақоми Саҳоба (р) дар Ислом.
11. Оиша - пешвои бонувони мӯъмин ва дӯстдоштатарин ҳамсари Паёмбари Парвардигори оламин.
12. Панҷоҳ амале, ки шариъат занонро аз он боз медорад.
13. Бонувони хонадони нубувват.
14. Аниси занони покдоман.
15. Даҳ ёри биҳиштӣ.
16. Чӣ бояд кард, то ҳамсарат туро дӯст дорад.
17. Бисту панҷ суол аз неъмат ва азоби қабр.
18. Ҳазор ҳикмат.
19. Лаънатшудагон дар ҳадисҳои набавӣ.
20. Моҳи Рамазон, истиқбол ва бузургдошти он.
21. Одоб ва хусусиятҳои моҳи Рамазон.
22. Фазилати шаби Қадр ва даҳаи охири моҳи Рамазон.
23. Амирулмӯъминин Ҳасан ибни Алӣ ибни Абутолиб (р) шахсият ва асри ӯ.
24. Кудаконе дар атрофи Паёмбар (с).
25. Хушбахттарин зан дар олам.
26. Луълуъ ва марҷон аҳодиси муштараки Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим.
27. Зиндагиномаи Имомон.
28. Шарҳи ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат.
29. Биҳишт.
30. Сирати комили Ҳусайн (р), аз вилодат то шаҳодат.

# ОИША ПЕШВОИ БОНУВОНИ МӮЪМИН ВА ДӮСТДОШТАТАРИН ҲАМСАРИ ПАЁМБАРИ ПАРВАРДИГОРИ ОЛАМИН


Муаллиф:
***Холид Абусолеҳ***

Аз арабӣ тарҷумаи:
**Муҳаммадиқболи  Садриддин**

Муҳаррири матни тоҷикӣ:
**Шараф Атоӣ**

Тарроҳ:
**Диловари Бобохон**

Ҳуруфчин:
**Меҳрбонуи Рахимбек**



Китоб дар матбааи  ҶДММ “ Суннатулло”
ба табъ расид. Коғази  офсетӣ. Андоза 60х84 1/16.
Супориш № 8. Нархаш озод.

9789994773329